ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 891.550-1: 82

МИРАЛИЕВА САРВАРБӢ ТОЛИБОВНА

# ЛИРИКАИ ИҶТИМОИИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

(ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти  дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи
ихтисоси: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология,

профессор, академики АМИТ

Имомзода М.С.

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....................................................................................................4-11

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.......................................................................12-17

БОБИ I. ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА ...........................18-96

1.1. Зиндагинома ...............................................................................................18-24

1.2. Фаъолияти адабӣ .......................................................................................25-33

1.3. Ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода .........................................................33-96

1.3.1. Манзумаҳо ...............................................................................................34-46

1.3.2. Шеъри нав ................................................................................................47-61

1.3.3. Ашъори суннатӣ ......................................................................................61-96

1.3.3.1. Ғазал .......................................................................................................61-70

1.3.3.2. Қитъа ......................................................................................................70-77

1.3.3.3. Рубоӣ ......................................................................................................78-83

1.3.3.4. Дубайтӣ ..................................................................................................83-88

1.3.3.5. Фардбайт ................................................................................................88-96

БОБИ II. МАВҚЕИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА ДАР ЛИРИКАИ ИҶТИМОИИ МУОСИР.................................................................97-146

2.1. Андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи Рустам Ваҳҳобзода ……......97-103

2.2. Масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода …………...103-132

2.2.1. Ватан ва ватандорӣ ……………………..............................................103-109

2.2.2. Ҳофизаи таърихӣ …......................................................................109-117

2.2.3. Ҳувият ва худшиносӣ ..............................................................................117-124

2.2.4. Васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ .......................................................125-132

2.3. Лирикаи медитативӣ-тасвирӣ ................................................................132-146

2.3.1. Васф ва тасвири табиат ..........................................................................132-138

2.3.2. Васфи инсони худогоҳ ...........................................................................139-146

БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВИЮ БАДЕИИ ЛИРИКАИ
ИҶТИМОИИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА......................................147-165
3.1. Махсусиятҳои ғоявӣ ...........................................................................147-152
3.2. Санъат ва ҳунари шоирӣ ....................................................................152-165

ХУЛОСА .....................................................................................................166-170

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ
ТАҲҚИҚ.......................................................................................................171-172

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...................................................................................173-184

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..............185

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти тоҷик ҳамеша ҳамчун як ҷузъи муҳимми фарҳангӣ ва таблиғгари унсурҳои бадеӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ барои ташаккули завқи эстетикӣ ва маънавии мардуми тоҷик хизмат намудааст. Дар тӯли таърих тағйирот ва таҳаввули сиёсию иҷтимоӣ, дигаргуншавии сохтори давлатӣ, таъсири мутақобилаи адабиётҳо, ворид шудани назариёти ҷадид ба дигаргуншавии шакл ва мазмуну мундариҷаи адабиёти бадеӣ ва осори адибон таъсири амиқ гузошт. Аз ҷумла, яке аз марҳалаҳои муҳимми тақдирсоз дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни тоҷикӣ замони Истиқлол мебошад, ки адабиёти тоҷик дар ин давра беш аз дигар марҳалаҳо хусусияти миллӣ пайдо кард. Дар ин давра, аз як тараф, доираи мавзуъҳо ва ҷустуҷӯҳои адибон густариш пайдо карда бошад, аз тарафи дигар, дар қолаби жанрҳои маъмули адабии замони Шӯравӣ андешаҳои нав матраҳ гардиданд. Хусусан, дар шеъри тоҷикии замони Истиқлол муҳтаво дигаргун гашта, мафҳумҳое, ба монанди миллат, давлат, забон, Ваҳдат, Истиқлол, ҳувияти миллӣ, ҳофизаи таърихӣ ва монади инҳо маънои нав касб карданд. Адабиёти бадеӣ низ дар ин марҳалаи басо муҳимми таърихӣ характери миллӣ гирифта, ба зиёиёну равшанфикрон, шоирону нависандагон ва тамоми эҷодкорону адибон рӯҳи тавоно бахшида, таваҷҷуҳ ба ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳию меҳанпарастӣ дар эҷодиёти онҳо зуҳур намуд. Хусусан, дар назми тоҷик ҷунбиши хоссаи фикрӣ ба амал омад, ки нишонаҳои он дар шеърҳои озодандешонаи шоирон бармало мушоҳида мешавад. Лирикаи иҷтимоӣ беш аз даврони дигар рушд кард. Тасвири рӯҳу ботини инсон қариб дар тамоми жанрҳои адабӣ: маснавӣ, қасида, мусаммат, арӯзи нав, шеъри сафед, ғазалу қитъа, рубоию дубайтӣ ва фардбайтҳо падидаи миллӣ гирифта, муассиртару ҷазобтар гардид. Дар ин давра шоирону адибони маъруфу машҳур ва номовару навовар ба саҳни адабиёт қадам гузоштаанд, ки осори гаронмояи онҳо таҷассумгари ормонҳои миллию умумиинсонӣ ҳастанд.

Яке аз чунин шоирони маъруфу андешапарвар ва хушсалиқа, ки дар солҳои ҳаштодуми асри XX ба саҳни адабиёти тоҷик гомҳои устувор ниҳода, дар замони Истиқлол ҳамчун шоири баркамол ва устод эътироф гардид, Шоири халқии

Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода, Ҷоизаи байналмилалии Ялдо Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Р. Ваҳҳобзода шоири меҳандӯсту ваҳдатсаро буда, дар ашъори ғиноии ӯ мавзуъҳои муҳаббату маҳбубияти Ватан, даъват ба Ваҳдату иттиҳод, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, некию ростӣ, илму ҳунар, аз байн бурдани маҳалгароию бегонапарстӣ ва ифротгароӣ, арҷ гузоштан ба суннатҳои қадимаи тоҷикон, васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ, ситоиши қаҳрамонҳои асотирию таърихии тоҷикон, пос доштани забони ноби тоҷикӣ инъикос шудаанд. Ҳар кадом аз мавзуъҳои зикргардида дар шеърҳои ҷудогонаи шоир бо такя ба бори муайяни ғоявӣ матраҳ гардида, дар умум, хусусиятҳои махсуси ғоявию бадеиро ба намоиш гузоштаанд. Баррасии ин ҷиҳати лирикаи иҷтимоии шоир аз ҷумлаи вазифаҳои таъхирнопазири адабиётшиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меояд. Аз ин рӯ, мо қарор додем, ки лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳорзодаро аз назари ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ ба таври муфассал дар қолаби диссертатсия баррасӣ намуда, ба ин восита мавқеи адибро дар назми навини тоҷик муайян намоем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** То ҳол ашъори пур аз садоқату самимият, пур аз ҳикмату андарзҳои судманд, саршори муҳаббату эҳтиром ба Ватану муқаддасоти он, ба халқи тоҷик ва ҳувияти таърихии он, моҳияти умумибашарии ашъори ғиноии Рустам Ваҳҳобзода пурра омӯхта нашуда ва перомуни шахсият, замони зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ ва мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар адабиёти муосири тоҷик ва дигар масъалаҳои алоқаманд ба фаъолияту эҷодиёти шоир таҳқиқи ҷомеъ ба вуқӯъ напайвастааст. Аммо ба сурати умумӣ бештар ва ба таври ҷудогона камтар баррасиҳое ҳам мавҷуданд, ки дар шинохти шеъри шоир мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи аҳли илму адаб, ба мисли шоирони суханшинос ва адабпажӯҳон ба эҷодиёти ҷудогонаи шоир Рустам Ваҳҳобзода, назару ихлос, мусоҳиба ва мақолаҳои навиштаи пурарзишу судманди шоирону адабиётшиносон барои таҳқиқи масъалаи мавриди назари мо хеле ҳам муҳим мебошанд.

Шеърҳои нахустини Рустам Ваҳҳобзода, ки ба гуфтани онҳо ҳангоми мактабхониаш шурӯъ намудааст, боварибахш ва қобили таваҷҷуҳ буданд. Чопи

нахустин шеърҳои шоир ҳангоми донишҷӯияш, хосса дар бахши дуюми Донишгоҳ хонданаш, солҳои 1980-83 бармало шуда, дар рӯзномаи умумидонишгоҳии «Ба қуллаҳои дониш» рӯи чоп омадаанд. Аз он ҷумла, шеъри «Ду теғ», ки ба муносибати 1000-солагии Абӯали ибни Сино навишта шудааст, шеъри «Меҳрнома», ки баъдтар дар маҷмуаи нахустини дастҷамъонаи «Калимаҳо» [34, с. 83] чоп гардида, дар маҷмуаҳои баъдӣ бо номи «Тоҷикистонам» ба табъ расид. Вале таваҷҷуҳи ҳавзаи адабӣ баъди нашри маҷмуаи аввалини ҷудогонаи Рустам Ваҳҳобзода бо номи «Шаҳри Хуршед» [36] бештар афзун гардида, шеърҳои ҷудогонаи ӯ мавриди баррасии шоирон, аз он ҷумла, Гулрухсори Сафӣ, Низом Қосим, Камол Насрулло, Муҳаммадалии Аҷамӣ, адабиётшиносону мунақиддон ва дигар алоқамандон, ба мисли Худоӣ Шарифов, Худойназар Асозода, Абдушукури Абдусаттор, Мубашшири Акбарзод, Юсуф Акбарзода, Ҳафиз Раҳмон, Абдурраҳмони Абдуманнон, Ҷасур Абдулло, Толиби Луқмон, Маҷид Салим, Олими Бухорӣ, Валиҷон Баёнӣ ва дигарон қарор гирифтааст [36, с. 3-12; 91, с. 14; 92, с. 3; 112, с. 10; 17, с. 133; 42, с. 7; 13, с. 629-634; 5, с. 11; 42, с. 8-9; 128, с. 10; 129, с. 15; 130, с. 10; 131, с. 3; 6, с. 7; 1, с. 4; 95, с. 7; 135, с. 2; 27, с. 4; 20, с. 6].

Муҳаррир ва муаллифи сарсухани китоби «Шаҳри Хуршед» [36, с. 3-12] Гулрухсори Сафӣ назари хешро оид ба ин маҷмуа, зодгоҳи шоир, шеъри «дилнишину нишонрас»-и шоир, аз таҳқиқи шеър ва нақди он, муҳақиқи шеъри худ будани шоир ибрози ақида намудааст. Гулрухсор он замон нигаронии хешро аз он дошт, ки Рустам Ваҳҳобзода тайи сӣ сол дар доираи адабии тоҷик ба эҷод машғул аст, вале маҷмуаи алоҳидаи мукаммали ашъорашро нав ба нашр мерасонад. Гулрухсор дар ҳамон солҳо низ ба ин ягон монеа ё сабаби ҷиддиеро намебинад, танҳо сабаби то ҳол чоп нагаштани маҷмуаи алоҳидаи шоирро ба шеъру шоирӣ ҳамчун «каломи волою муқаддасот ва эъҷоз» ҷиддӣ назари кардани шоирро мебинад. Нуктаи муҳимми ин сарсуханро мо дар зикри шеъри «Меҳрнома»-и шоир, ки аз ҷуръату самимият, ифтихори ғурури миллии шоир дар он солҳои шӯравӣ ба «меҳани воқеии худ рӯйи суҷуд овардани шоир» ва ибрози назар аз байти «Рудоба»-и [36, с. 8] шоир мебинем.

Яке аз шоирони ҳамсангу ҳамасри Рустам Ваҳҳобзода Камол Насрулло оид ба китоби «Салом»-и шоир ва ҳама намуди жанрҳои шеърие, ки дар ин китоб оварда шудааст, дар мақолаи «Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон...» [112, с. 10-11] фикру мулоҳизаҳои судбахше баён намудааст, ки мо дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия аз он иқтибосҳо хоҳем овард. Нуктаи ҷолиби андешаи Камол Насрулло дар ин мақола аз он иборат аст, ки шоир Рустам Ваҳҳобзодаро дар ин роҳи пешакардааш ҳамчун як роҳнаварде медонад, ки «орзуву ормонҳои наҷиберо дунболагир аст» ва дар ин роҳи рафтааш дар шонаҳояш натанҳо бори андешаву афкор, балки бори дилаш ҳам ҳаст, ки ин бор аз бори андешаҳояш ҳам гаронтар аст.

Низом Қосим, шоир ва раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба ҳунари шоирӣ ва эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода дар мақолаи «Бозгашти шоир. Ва ӯ медонад, ки зодани офтоб осон нест» [90, с. 14], «Шеъри фард» [91, с. 3] ва дар пешгуфтори китоби «Сарводаи Ватан» [136, с. 3-4] фикру мулоҳизаҳои пурарзиш баён намуда, аз ҷумла чунин иброз намудааст: «Рустам Ваҳҳобзодаро чун як донишманди пуркори амиқандеш ва чун як шоири камгӯи тозагӯ мешиносам. Ба сифати нафаре мешиносам, ки ҳам сурати шоирона дораду ҳам сирати шоирона. Ба ғурури зебандаи инсониву шоирие, ки дорад, боз ҳам бисёр шоирона заминиву хоксор аст» [90, с. 14]. Инчунин, шоири мазкур дар мақолаи «Шеъри фард» аз «эҷодкори огоҳдилу озодандеш» ва «масъулиятшинос» будани Рустам Ваҳҳобзода ҳадс мезанад, ки ин масъулиятшиносӣ дар ашъори шоир равшану ошкор ва возеҳ мегардад. Дар ин мақола дар бораи китоби Рустам Ваҳҳобзода «Ҳазор байт» сухан меравад ва дар охири мақола чунин нуктаи муҳим ва назари мушаххаси муаллиф баён шудааст: «Аз ҳақиқат ҳеҷ дур ҳам нест, агар бигӯем, ки ин китоб «чу шеъри Ҳофизи Шероз интихоб надорад» [70, с. 11].

Худойназар Асозода оид ба ибтикороти эҷодии Рустам Ваҳҳобзода чунин ақидаронӣ намудааст: «Шоир... аввалин бор дар адабиёти навини тоҷикӣ «Соқинома»-и мустақилро эҷод мекунад, ки саропо аз тарҳи масъалаҳо ва дардҳои ҷомеаи муосир иборат аст ва ба ин восила миллати худро ба худшиносӣ, парҳез аз низоъу душмании дохилӣ, рӯй овардан ба ваҳдату якпорчагӣ даъват мекунад, аз «фитнаҳои нави хасми куҳан» ҳушдор медиҳад»[13, с. 629-634]. Мавсуф инчунин

дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода истифодаи ҳамаи навъҳои манзум, шеъри суннатӣ, арӯзи нав ва шеъри сафедро қайд намудааст.

Худоӣ Шарифов, муҳаққиқ ва адабиётшиноси шинохта, муқарризи китоби «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ»-и Рустам Ваҳҳобзода насли нави адибони охири солҳои ҳаштодум ва аввали солҳои навадуми асри гузаштаро «дар рӯи мавҷи ҷунбишҳои сиёсӣ ва табаддулотҳои давлатӣ насли бо қаҳруситеза... ба бозори пуршӯру валвалаи адабиёт омада» номидааст. Ин навомадагонро «на ба хислатҳои одии мардумӣ, балки ба даъвоҳои тозаандешӣ ва ҳунари эҷодӣ ва тарбияти касбии адабӣ гом бардошта...» [42, с. 4] муаррифӣ намудааст. Мавсуф Рустам Ваҳҳобзодаро яке аз намояндагони ҳамин насли нави адибон номида, фаъолияти дуҷонибаи ӯро ҳам дар шоирӣ ва ҳам накду адабиётшиносӣ қайд намудааст. Худоӣ Шарифов ақидаи донишмандони замони гузаштаро дар мавриди шоирии олим зикр карда, ҳамнишинии илму шеър ва дар симои як шахсияти адабӣ ба ҳам омадани ин ду аслро таъкид карда, ниҳояти андешаи ӯ таъйиди ҳунари шоирӣ ва накду таҳқиқи Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Ин маъниро аз идомаи андешаи Х. Шарифов дарёфтан мумикин аст: «Дар замони мо ҳам касони гирифтори шуғли накду таҳқиқ ва шеър ҳастанд ва Рустами Ваҳҳоб намояндаи насли ҷавонтарини онҳост. Бегумон, табъи шоирӣ завқи дарёфтро дар таҳқиқу накд такон медиҳад ва бунёди андеша ва тафаккур шеърро ба гирдоби туғёни андеша мебарад» [42, с. 7].

Мубашшири Акбарзод, муҳаррири китобҳои «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ» [2011], «Дуруст бинависем» [2012] ва «Салом» [2015]-и Рустам Ваҳҳобзода, чеҳраи шоирӣ ва муҳаққиқии Рустам Ваҳҳобзодаро дар муҳити адабии форсизабонон, аз ҷумла Тоҷикистон «ҷои хушию масаррат» унвон намуда, ӯро «шоири хушқариҳа ва адабиётшиноси санҷидасухан» муаррифӣ намудааст, ки далели ин гуфтаҳоро аз доираи васеъи донишу омӯзиши ӯ ҳам дар шеър ва ҳам дар мақолаҳои тадқиқотии шоир мебинад. Инчунин, Рустам Ваҳҳобзодаро ба унвони «яке аз қаламкашони асил, ки тамоми ҳастии худро ба эҷод сахт пайванд додаанд ва либоси умри худро бо сӯзани қалам медӯзанд» [8, с. 8-9] ном бурда, муаййиди ин иддао китоби «Шаҳри Хуршед»-ро медонад.

Абдушукури Абдусаттор дар мақолаи «Эҳёи суннати куҳани шеъри Аҷам» аз қолаби шеъри куҳанбунёди тоҷикӣ – «Соқинома»-и Рустам Ваҳҳобзода андешаҳои ҷолибу пурарзише баён намудааст: «Мо ин ҷо фақат бо нишон додани он ки Рустами Ваҳҳоб бо «Соқинома»-и худ (соли нашр-1989-ум) ин навъи шеъри Аҷамро, ки дар аҳди Шӯравӣ аз назари шоирон афтида буд, умри дубора бахшида, дар эҳёи «Соқинома»-нависӣ дар шеъри муосири тоҷик оғоз ниҳодааст» [5, с. 11] мебинем. Дар фасли охири боби якуми рисола, ки «Манзумаҳо» ном дорад, дар ин мавзуъ таваққуф хоҳем кард.

Адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода таҳқиқу тавзеҳот ва андешаҳои хешро хушбинона дар китоби «Сарводаи Ватан» баён дошта, инчунин, дар мақолаи «Шеъри дарунафрӯз» оид ба эҷодиёти шоир чунин баён доштааст: «Баъди академик Абдуҷаббор Раҳмонзода ӯ дувумин касест, ки ба устурашиносӣ ном илми бунёдӣ рӯҳи тоза дамонд, барномаи муфассали ин илмро таълиф кард. Ин фанро ба ду бахш – назариву амалӣ қисмат карда, бештар ба он таваҷҷуҳ намуд, ки донишҷӯён моҳияти асотирро дар алоқа бо каломи бадеъ дуруст дарк бикунанд... Он чи ки баён шуд, фаъолияти Рустам Ваҳҳобзодаро ҳамчун олими адабиётшинос ва билхосса, донандаи шеър, мунтақиди бисёрсоҳа муаррифӣ мекунанд. Аммо ҳарчанд аз фаъолиятҳои ӯ дар хусуси нақди шеър ва назариёти он нагӯем, дар адаби тоҷикӣ Рустам Ваҳҳобзода, қабл аз ҳама, ҳамчун шоир шуҳрат дорад, шоири хушқареҳа ва санҷидакору комилсухан» [131, с. 3].

Дар мақолаи «Шеъри дарунафрӯз» нуктаи муҳимми андешаи Ҳафиз Раҳмонро дар он мебинем, ки вижагии шеъри Рустам Ваҳҳобзодаро чунин баён доштааст: «ба сарманзили шеър аз пайраҳаи маънӣ ворид мешавад ва барҷастагии маънӣ дар ҳама анвои шеъраш ба мазраи тафаккур мерасад» [131, с. 3].

Ҳафиз Раҳмон дар гирдоварии шеърҳои ватандӯстонаи шоир низ басо кори хайре анҷом додааст, ки ӯ шеърҳои ватандӯстонаи шоирро дар маҷмуаи алоҳида бо номи «Сарводаи Ватан» [2019] ҷамъоварӣ намуда, ба арзишҳои эстетикии ашъори меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзода ва арзишҳои ҳунарии шеъри ватандӯстонаи шоир андешаҳои судманд ва баҳои арзанда арза доштааст. Ин

муаллиф дар мақолаи «На ҷон гуфтам, на тан гуфтам, Ватан гуфтам...» оиди шеърҳои меҳандӯстонаи шоир чунин баён доштааст:»Як вижагии шеъри Рустам Ваҳҳобзода ҳамин аст, ки ба шеъри ватандӯстона ҳамчун воситаи ибрози маънавият назар мекунад ва вазъу ҳоли зиндагии хешро бо тору пуди ватан якҷо ба тасвир мегирад» [130, с. 10-11]. Ин суханшинос дигар вижагии шеъри Рустам Ваҳҳобзодаро дар эҳтироми беандозаи ӯ ба ҳама ашёи ватан, «ба ҳар зарра обу хоки меҳан, ба ҳар инсони ин сарзамин, ба ҳар падидаву зуҳуроте, ки ободиву озодагӣ дар пай дорад» [130, с. 10-11] мебинад. Мо атрофи чунин мавзуъҳои матраҳшуда дар фасли «Ватан ва ватандорӣ»-и диссертатсия таваққуф хоҳем кард.

Дар хусуси фаъолиятҳои адабӣ ва шеъри Рустам Ваҳҳобзода Алиасғари Шеърдӯст, сафири вақти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, инчунин шоир ва муҳаққиқ Алиризои Қазва, ки бо муҳити адабии кишвари мо аз наздик ошно буданд, назари нек доранд. Махсусан, андешаҳои А. Қазва дар хусуси фардбайтҳои шоир дар мақолае бо номи «Шоири такбайтҳои дурахшон», ки дар Эрон чоп шудааст, ҷолиб мебошад. Инчунин мавсуф дар китоби «Хуршедҳои гумшуда. Осори сад шоири тоҷик аз сад соли ахир» аз суннатгаро ва нававар будани шоир Рустам Ваҳҳобзода, хосса фардбайтҳои ӯ бо овардани намунае аз онҳо ва осори дигар шоирони ҷавони тоҷик андешаҳои судманд баён намудааст. [89, с. 34].

Перомуни ашъори Рустам Ваҳҳобзода мақолаҳои дигаре низ нигошта шудаанд, ба мисли нигоштаи Толиби Луқмон «Кӯҳест, ки чашмасор дар дил дорад» [94, с. 7], Муҳаммадалии Аҷамӣ «Сухан покист, танҳо он бимонад» [17, с. 133], Олими Бухорӣ «Шеър пайки огаҳист» [27, с. 4], мусоҳибаи Ҷасур Абдулло бо Рустам Ваҳҳобзода «Лозур – мавҷуде саршор аз меҳру муҳаббат» [1, с. 4], мусоҳибаи Валиҷон Баёнӣ бо Рустам Ваҳҳобзода «Нақд бояд созанда бошад» [20, с. 6] ва ғайраҳо, ки номгӯяшон дар китобнома омадааст. Дар вақти баррасии масъалаҳои ҷудогонаи ба онҳо алоқаманд иқтибосҳо оварда ва ишораҳо хоҳем кард.

Аз баррасии таҳқиқоти мавҷуд маълум мешавад, ки оид ба шеъри Рустам Ваҳҳобзода то кунун дар шаклҳои гуногун ҷусторҳо сурат гирифта, ибрози назар шудааст: навиштани пешгуфтор ба маҷмуаҳои ашъори шоир, баррасиҳои шеърҳои ҷудогонаи шоир дар шакли мақолаҳо, оростани мусоҳибаҳо бо шоир, навиштани тақризҳо, ҳангоми баррасиҳое, ки вазъи имрӯзаи шеъри тоҷикро ба нақд кашидаанд. Таҳқиқи монографӣ то кунун сурат нагирифтааст. Доираи эҷодиёти шоир фароху доманадор буда, метавон перомуни ашъори шоир чандин таҳқиқи монографӣ анҷом дод. Мо дар ин ҷода яке аз аввалинҳо шуда, иқдом гирифтем, ки лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзодаро аз назари ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ таҳқиқ кунем. Ин мавзуъ дар адабиётшиносии муосири тоҷик мавзуи комилан нав маҳсуб меёбад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади аслии таълифи диссертатсия муайян намудани махсусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба мақсади дар диссертатсия гузошташуда ва ҳалли пурраи мавзуъ иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо мешаванд:

- анҷом додани ҷустуҷӯ перомуни зиндагинома ва фаъолиятҳои адабии Рустам Ваҳҳобзода;

- муайян намудани оғози фаъолияти эҷодии шоир, вуруд ба ҳавзаи адабии муосири тоҷик;

- баррасии ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода, мавқеи ашъори суннатӣ дар эҷодиёти шоир: манзумаҳо, шеъри нав, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, фардбайт;

- таҳқиқ ва таъйини мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир;

- баррасии андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи иҷтимоии шоир;

- таҳқиқи масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода: ватан ва ватандорӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҳувият ва худшиносӣ, васфи арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ;

- таҳқиқи лирикаи медитативӣ-тасвирӣ: васф ва тасвири табиат, васфи инсони худогоҳ;

- таҳқиқи махсусиятҳои ғоявӣ ва ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоӣ.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқро масъалаҳои марбут ба ташаккулу таҳаввули лирикаи иҷтимоӣ адабиёти давраи нави тоҷик ташкил дода, дар ин замина ашъори Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун объекти асосии таҳқиқ интихоб гардидааст.

**Предмети таҳқиқ** баррасии зиндагинома, фаъолияти адабӣ, ваҷҳаи шоирӣ, хусусиятҳои мавзуию ғоявӣ ва жанрию ҳунарии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона аз таҷриба ва дастовардҳои илмию назарии муҳаққиқону суханшиносони барҷастаи

ватанию хориҷӣ, ба монанади Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А.Сатторзода, А. Абдуманнон, А. Абдусаттор, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул, Е.Э. Бертелс, В.Г. Белинский, В.Г. Холшевников, Н. Поспелов, М.Б. Храпченко, С. Шамисо, П.Н. Хонларӣ ва дигарон самаранок истифода бурда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, хронологӣ, оморӣ ва таҳлилӣ таълиф гардидааст. Ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқ ба методҳо ва осори илмию методологии адабиётшиносони машҳури ватанию хориҷӣ такя карда шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ дар диссертатсияи мо маҷмуаҳои ашъори Рустам Ваҳҳобзода мебошанд, ки аз маҷмуаи нахустини дастҷамъонаи шоир бо номи «Калимаҳо» (1990) оғоз гардида, маҷмуаҳои баъдии «Шаҳри Хуршед» (2008), «Салом» (2015), «Сарводаи Ватан» (2019) ва «Ҳазор байт» (2020)-ро дар бар мегиранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Перомуни эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода то кунун таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Ин диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи монографӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода: ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Мо дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодаамон муайян ва мушаххас намудем, ки дар ашъори шоир масъалаҳои иҷтимоӣ ба таври барҷаста таҷассум ёфта, завқи баланди эстетикӣ, ҳунари шоирӣ ва сабку услуби бадеӣ ба таври намоён зоҳир мегарданд. Бо овардани андешаҳои судманди адибону таҳқиқгарони шеъри пурмазмуни Рустам Ваҳҳобзода ва бо натиҷагириҳои муътамади мавзуи мавриди назар мо исбот намудем, ки Рустам Ваҳҳобзода аз оғози фаъолияташ, аз чопи шеърҳои нахустинаш ҳамчун як шоири меҳанпарасту ваҳдатсаро ва вассофи сулҳу дӯстӣ шинохта шуда, дар ин роҳ ҳамчун шоири тавоно ба камол расида, мактаби эҷодии худро дорад. Ӯ ба воситаи ашъори пурғановати худ, бо шеърҳои баланмазмуну ҳакимонааш дар болобурди завқи бадеию эстетикӣ ва ахлоқии ҷомеа саҳми чашмрас дорад. Ҳофизаи хуби

таърихдонӣ, омӯзиши жанрҳои суннатӣ ва истифодаи анъанаҳои адабиёти хаттию шифоҳӣ ба ӯ даст додааст, ки дар ашъори худ мавқеъю натиҷагирӣ намояд. Шеъри Рустам Ваҳҳобзода такя ба анъанаҳои гузашта, вале андешаю диди наву тозаи худро дорад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Нақши муҳити хонаводагӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ, муҳити адабию фарҳангӣ дар ташаккули шахсият ва фаъолияти эҷодии Рустам Ваҳҳобзода мавқеи муҳим дорад. Вай бо фаъолиятҳои бисёрҷониба дар соҳаҳои гуногуни адабӣ, сурудани шеър, навиштани асарҳои публитсистӣ, пажуҳишу нақди адабӣ, тарҷумаи осори адибони классику муосири ҷаҳонӣ, огоҳии хуб аз суннати адабии гузаштаю муосир, баҳрагирӣ аз осори оламшумул дар майдони шеъру адаби навини тоҷик, махсусан дар лирикаи иҷтимоӣ, мавқеи муҳимро соҳиб гардид.

2. Рустам Ваҳҳобзода шоирест, ки қадамҳои аввалини эҷодиро ба адабиёт дар охирҳои аҳди Шӯравӣ гузошта, вуруди рахшон ва ҳамешагии ӯ ба адабиёти тоҷик ба даврони пошхӯрии собиқ давлати Шӯравӣ, канда шудани низоми давлатдории ягона, оғози нофаҳмиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алангаи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар рост меояд. Замони Истиқлолро Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоири баркамол ва эҷодкори худогоҳ истиқбол гирифтааст. Вай аз ҷумлаи нахустин шоиронест, ки тақдири хешро бо тақдири таърихии Ватан бахшида, дар ситоиши дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол шеърҳо суруда, оид ба муқаддасоти миллӣ ҳам аз роҳи шеър ва ҳам аз тариқи нигоштани наср андешаҳои созандаи худро ироа кардааст.

3. Аз лиҳози навъи адабӣ шеърҳои шоир гуногуншакланд. Жанрҳои гуногун дар ашъори шоир ба кор рафтаанд, бо шурӯъ аз байт ё фардбайт то шеъри нав, арӯзи нав, шеъри сафед, мураббаъи нав, ки онро дар русӣ «катрен» мегӯянд ё чаҳорпора ҳам меноманд, маснавӣ, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, қасида. Тақрибан ҳамаи анвои назме, ки дар адабиёти мо маъруф аст, дар коргоҳи эҷодии шоир таҷриба шуда ва мавқеъ пайдо кардааст. Хидмати шоир дар пойдории жанрҳои суннатӣ ва ибтикори онҳо мондагор буда, ашъори ӯ бо мазмуну

мундариҷаи ғояҳои баланди инсондӯстию меҳанпарастӣ ҳам дар жанрҳои суннатӣ ва ҳам шаклҳои нави шеърӣ моҳияти баланди тарбиявию эстетикӣ доранд.

4. Мавзуи ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода яке аз мавзуъҳои марказӣ буда, шоир ба ин мавзуъ аз оғози фаъолияти шоириаш машғул гардида, дар даврахои баъдӣ ва то кунун ситоиши ватанро бо тарзу воситаҳои гуногун идома дода истодааст. Шеърҳои ватандӯстонаи шоир пурҳарорату самимӣ ва огоҳона аз тақдири таърихӣ ва дастовардҳои навини Тоҷикистон офарида шудаанд. Сар то сари эҷодиёти шоир саршор аз меҳри ватан, ифтихор ва сидқу вафо нисбат ба Ватани маҳбуб аст. Ӯ бо сабку услуби ба худ хос дар ин мавзуъ мактаби эҷодии худро дорад.

5. Ашъори ватандӯстона дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода аз назари басомад дар қиёс ба дигар мавзуъҳо бартарият дорад. Дар маҷмуаи «Салом»-и шоир 753 байт ва дар маҷмуаи «Шахри Хуршед» 630 байти ватанпарастона гирд оварда шудааст. Маҷмуаи «Сарводаи Ватан», ки дар он шеърҳои меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзода гирд оварда шудаанд, моро бо шеърҳои пурғановати шоир ошно месозад.

6. Дар манзумаи «Лозуркӯҳ» аз хатари азими умумибашариву умумиинсонӣ ва глобалӣ, яъне об шудани пиряххо сухан меравад, ки аз ҷумлаи масъалаҳои мушкили рӯз маҳсуб мешавад. Манзумаи дигари шоир – «Ойинаи якрӯй» ҷанбаи қавии таърихӣ дошта, бар мабнои ҳофизаи таърихӣ бунёд шудааст.

7. Васф ва тасвири табиат дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода нотакрору гӯё ҳаст. Ӯ бо табиат пайвасти ногусастанӣ дорад, бо кӯҳҳояш устувор мегардаду бо пиряххояш қаробати наздик дорад. Табиат дар андешаи ӯ сабз мегардад, тасвир барои андеша хизмат мекунад. Вежагии васфи табиат дар шеъри шоир ҳам дар ҳамин аст.

8. Шеъри Рустам Ваҳҳобзода дар асоси коркарди ҳунарӣ ва ороиши санъатҳои бадеӣ гуфта шудааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми бадеии ашъори Рустам Ваҳҳобзода маъниофаринӣ ва андешапарварии шоиронаи мунҳасир ба фарди шоир мебошад.

9. Фазои шоирӣ, коргоҳи эҷодӣ ва сабки баёни андешаи Рустам Ваҳҳобзода, дар қиёс ба дигар шоирони ҳамнасли ӯ, комилан дигаргуна буда, вижаи худи ӯст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Арзиши назарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда дар он ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои монанд дар таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, такомули назми ду даҳаи охири асри XX ва ду даҳаи аввали асри XXI, баррасии шеъри даврони Истиқлоли тоҷик, инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ барои адабиётшиносон, донишҷӯён ва дигар алоқамандони шеъри тоҷик ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ мерасонад.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки аз маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, таълифи китобҳо перомуни таърихи адабиёти тоҷик дар давраи Истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ истифода кард.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муаллиф дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақола ва ҷамъбасти умумии мавзуъ мустақилияти том зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз маслиҳати роҳбари илмӣ баҳраманд шудааст. Мақолаҳои чопкардаи муаллифи диссертатсия ҳаммуаллиф надоранд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

инъикос ёфтаанд. Инчунин, мухтаво ва масъалаҳои асосии таҳқиқӣ дар «Конференсияи ҷумҳуриявии ҳайъати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва « Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (Душанбе, 2020), конференсияи илмию амалии «Рушди забони давлатӣ дар замони Истиқлол» (Душанбе, 2020), «Конференсияи илмию амалӣ бахшида ба рӯзи забони давлатӣ» (Душанбе, 2021)  ва маҳфилҳои илмии кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, 2019-2020) мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14.12.2021, суратҷаласаи №6 ва ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филология аз 29.03.2022, суратҷаласаи №8 баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 7 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва адабиёт иборат аст. Бобҳо ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо ҷудо шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 185 саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ I
# ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

## 1.1. Зиндагинома

То имрӯз зиндагиномаи илмии Рустам Ваҳҳобзода навишта нашудааст. Маълумоти шарҳиҳолии ӯро ба таври пароканда дар мақолаҳои энтсиклопедӣ, ки дар бораи шоир навишта шудаанд, китобҳои «Адибони Тоҷикистон» [7, с. 64], «Таърихи адабиёти тоҷик»[13, с. 629-634], «Ошёни суханшиносон»[ 120, с. 76], варақаи муаррифии баъзе маҷмуаҳои шоир ва ҷойҳои дигар пайдо кардан мумкин аст. Мо ҳангоми навиштани ин фасли корамон ба манобеи мазкур таваҷҷуҳ карда, инчунин, аз суҳбати худи шоир ҳам бевосита истифода кардаем.

Рустам Ваҳҳобзода 5-уми майи соли 1960 дар деҳаи Капалии (ҳоло Сафедмӯн) шӯрои деҳоти Қалъаи Лаби Оби ноҳияи Ғарм (имрӯз Тоҷикобод) дар оилаи шахсияти фарҳангӣ таваллуд шудааст. Тоҷикобод ноҳияест, ки ин номро ба он аллома Бобоҷон Ғафуров додааст. Баъдҳо эътибори ноҳиягиаш барҳам хӯрда, дубора солҳои соҳибистиқлолӣ барқарор шуд ва имрӯз низ барқарор асту эътибори шаҳракро ҳам гирифтааст.

Таърихи воқеии таваллуди Рустам Ваҳҳобзода 5-уми май аст, вале дар шиносномаи шоир зодрӯзаш 4-уми май қайд шудааст, ки як рӯз дар сабт фарқ дорад. Дар хонаводаи онҳо 13 фарзанд: 7 писар ва 6 духтар таваллуд шуда, ҳамаи онҳо аз назари мафкуравӣ дар рӯҳияи худшиносӣ, дилбохтагии махсус ба фарҳангу тамаддуни суннатӣ ва соҳибони хатту савод парвариш ёфтаанд. Модари шоир – Саидхоҷаева Азкиё зани меҳрубону соҳибмаърифат буда, дар камоли фарзандон нақши бузургу созгоре дорад, ӯ 13 фарзандро дар рӯҳияи инсондӯстию меҳандӯстӣ тарбия намуда, дар даврони шӯравӣ қаҳрамонмодар маҳсуб меёфт. Падараш гоҳо дар корҳои хидмати давлатӣ, корҳои идории сатҳи поёнтар ва корҳои кишоварзӣ, деҳқонӣ, зироаткорӣ ва боғдорӣ шуғл доштааст. Падари шоир бистуми сентябри соли 2021 аз олам даргузашт. Модари шоир ҳоло барҳаёт буда, яке аз шахсони босаводу фарҳангӣ ҳастанд, зеро ҳамеша дар мутолиа буданду ва то ҳанӯз ҳам ҳастанд. Волидони шоир маълумоти пурраи миёнаро, тибқи талаботи

маорифи аҳди Шӯравӣ, то синфи даҳум гирифта, саводи хуб ҳам доранд. Китоб ва китобхонӣ дар хонаводаи онҳо ҷойгоҳи воло дошта, назорати саводу дониш миёни фарзандон хеле ҳам шадид буд. Аз ин рӯ, фарзандон аз хонандаҳои хуби мактаби миёна маҳсуб мешуданд.

Гузаштагони шоир аз ҷумлаи заминдорон ва ҳамин тавр, дар илму дониши замонавӣ бархӯрдор будаанд. Дар суҳбате шоир дар ин бора гуфта буд, ки «дар хонадони мо дар бораи гузаштагонашон кам ҳарф мезаданд. Аз солҳои аввали Шӯравӣ шаҷаранависию ёддоштнависӣ, чи тавре ки имрӯз одат шудааст, расми маъмул нашуда буд. Баъзеҳо ба ин кор даст мезаданд, аз ҷумла, дар он замон як навъ ин чизҳо хосси устод Садриддин Айнӣ буд. Дар умум, ҳар кас ба ин ин кор даст намезад ва ҳар кас ҳам лозим намедонист, вале баъзе лаҳзаҳое мешуд, ки моро савқ медод барои фикр кардан рӯйи ин мавзуъ. Аз ҷумла  ин ки пирамардон баъзан ҳикоятҳое мекарданд, ки бино бар онҳо маълум мешуд дар гузашта, яъне пеш аз инқилоби болшевикӣ аксари мутлақи заминҳои зодгоҳамон ба бобоҳои мо тааллуқ  доштааст. Дар ҷойҳое ки  дарахтони борвар дар ин заминҳо боқӣ монда буд, бо вуҷуди аз ҳавлии мо хеле дур ва дар заминҳои колхозӣ буданашон ҳосилаш ба мо тааллуқ дошт. Баъд ин ангезае шуд, ки ман аз падарам пурсидам, чӣ тавр ин заминҳои мо будааст?». Ҳамон вақт, шояд бори аввал падари шоир лозим донист, ки дар ин бора суҳбат кунад ва ба фарзандон фаҳмонид, ки бештари заминҳои ҳамон қишлоқе, ки он ҷо сокин буданд, заминҳои гузаштагони онҳо маҳсуб мешуданд, яъне гузаштагонашон заминдор будаанд.

Дар бораи гузаштагони шоир санади хаттӣ мавҷуд нест. Ба гуфти бузургсолон «Шаҷаранома» доштаанд, аммо гум шудааст. Вале аз нақли падари шоир, аз он чи аз гуфтаҳои модараш дар хотирааш мондааст, маълум мешавад, ки асли аҷдоди онҳо аз минтақае бо номи Ҷӯйбор, ки дар ҳошияи панҷ километрии шаҳри Бухоро мавҷуд аст, зиндагӣ мекардаанд. Баъдтар онҳо ба Ёхсу муҳоҷират кардаанд. Бибии шоир ҳамеша мегуфтааст, ки мо ёхсучием. Баъди чанде дар он ҷо иқомат карданашон  онҳо ба Вахё ва баъдтар ба таҳдаштҳои Қаротегин (Тоҷикободи имрӯза) муҳоҷират мекунанд ва дар ин ҷо муқимӣ мешаванд. Калонтари хонадони онҳо бо номи Шоҳносир – сӯфӣ, ки номашро камтар

мегирифтаанду бештар бо унвони Эшони Сӯфӣ маъруф будааст, ба сабаби озурдахотирӣ кӯшиши баргаштан ба Вахё мекунад. Сабаби озурдахотирии Эшони Сӯфӣ моҷарое мешавад, ки ба дастнишондаи амири Бухоро, ки дар Қалъаи Лаби Об, дар деҳаи ҳамсояи онҳо мезист, рабт дорад. Баъд аз ин моҷарою дилшикастагӣ  Эшони Сӯфӣ – Шаҳносир дубора ба Вахё бармегардад. Эшони Сӯфӣ дар роҳ вафот меёбад, ӯро ҷаноза карда, дар ҳамон ҷо дафн мекунанд.

Аз суҳбат бо шоир маълум шуд, ки вай солҳои наздик ба зиёрати бобокалонаш рафтааст, ки мазораш дар Вахё ҳанӯз маълум ва барқарор аст. Бародари Эшони Сӯфӣ Эшони Мирзомалик дар қишлоқи ҳамсояи зодгоҳи шоир, дар деҳаи Фатҳобод вафот кардааст, ки ҳанӯз ҳам мазори обод дорад ва он аз ҳамон қадим бо хишти пухта сохта шудааст. Инҳо ҳама нишонаҳое аз гузаштагони шоир Рустам Ваҳҳобзода ҳастанд, ки онҳо ҳафт бародар буданд, ҳамаи бародарон ҳамин хел маъруфият доштанд, вале ин ду нафар мазорашон имрӯз пойдор аст. Пайванди авлодии шоир бо нафарони мазкур, махсусан, Эшони Сӯфӣ чунин аст: фарзанди Эшони Сӯфӣ Эшони Нусратулло, фарзанди Нусратулло Эшони Абдулваҳҳоб, фарзанди Эшони Абдулваҳҳоб падари шоир – Илёс.

Гузаштагони шоир ҳамеша ҳамчун эшон (ба маънии шахсони таҳсилдида ва онҳое, ки шаҷараашон ба авлоди Паёмбар (с) мерасад) маъруфият доштанд, вале падару амаки шоирро махсум мегуфтанд. Яъне, онҳо мартабаи донишмандӣ ва рӯҳонӣ доштанду то ҳанӯз гузаштагонашон мазори обод доранд.

Падари шоир – Илёс то лаҳзаҳои охири ҳаёташ  китоб мехонд, хусусан, шефтаю дилбохтаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ буд. Чи хеле ки шоир мегӯяд: «Чун аз «Шоҳнома» суҳбат мекард, эҳсос мекардам, ки «Шоҳнома»-ро аз ёд медонад». Дар воқеъ, падари шоир шефтаи адабиёти гузаштаи тоҷик буд. Вай аз ҷумлаи наққолонест, ки «Шоҳнома»-ро ба ривояти худ ва сабки махсуси наққолӣ нақл мекард. Саҳнаҳо ва воқеаҳои асари мазкурро бо пайванд ба ҷузъиёти ҳаёти кунунии мо бо маҳорати махсус ривоят менамуд. Дар мавриди шахсияти фарҳангию шоҳномадонии падари 95-солаи Рустам Равшан Раҳмонӣ, ки бо падари шоир бевосита суҳбат оростаю бархӯрдор шудааст, чунин овардааст: «Падари

Рустам Ваҳҳобзода то ба имрӯз ошиқи «Шоҳнома» аст, пораҳои зиёдеро аз достонҳои гуногуни он дар ёд дорад. Ба гуфти эшон маҳз зери таъсири «Шоҳнома» ва шоҳномахонӣ ва нақли достонҳои он қарор гирифта, номи фарзандон, набераҳои худро аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома» интихоб кардааст. Мисоли барҷастаи он ба писари худ номи қаҳрамони асосии «Шоҳнома» Рустам ва дигре Суҳробро гузоштани падар аст» [127, с. 42-43].

Шоир Рустам Ваҳҳобзода синфҳои ибтидоиро дар мактаби ибтидоии зодгоҳи худ – Капалӣ (ҳозира Сафедмӯн), ки он солҳо то синфи чорум буд, хондааст. Дар синфи панҷум ба мактаби Тоҷикобод, ки маркази ноҳия буд, рафта, дар ҳамон ҷо дарс хондааст. Мактабе, ки дар он ҷо шоир хондааст, мактаби бисёр хубе ҳам будааст, муаллимони бисёр фозилу донишманде дошта, китобхонааш бо китобҳои бисёр хуб муҷаҳҳаз будааст. Рустам Ваҳҳобзода вақти бештари худро дар мутолиаи китобҳои бадеии китобхона гузаронида, ҳамаи захираҳои он китобхонаро хондааст ва шоир бештари маълумоту дониши худро аз ҳамон китобхона гирифтааст.

Шоир соли 1976, дар синни 16 - солагӣ (як сол пеш, дар 6-солагӣ ба мактаб рафта буд) мактаби миёнаро хатм менамояд. Соли аввали хатми мактаби миёна, ҳамроҳи ду нафар дӯстони хеш, ҳамдеҳагонаш, ки синну соли онҳо аз шоир калонтар буда, солҳои пеш ба Донишгоҳ рафта дохил нашуда буданд, ба тавсияи як нафар муаллими деҳа, ки ба шоир хешовандӣ дошт, ба Донишгоҳи шаҳри Кӯлоб омада, ҳамроҳи онҳо ба он ҷо ҳуҷҷат месупорад. Рустам Ваҳҳобзода аз имтиҳони аввал, ки хаттӣ буд, баҳои чор гирифт, вале рафиқонаш ҳар ду аз имтиҳони аввал уфтоданд. Дар ин муддат ӯ ба имтиҳони дуюм, ки аз фанни забону адабиёти тоҷикӣ даҳонӣ буд, тайёрӣ медид, вале чун дид, ки ҳамроҳонаш ноумед шуда, ба хона бармегарданд ва худ дар он ҷо танҳо мемонаду касеро дар он ҷо намешиносад, рӯҳафтода шуда, дар дигар имтиҳонҳо иштирок намекунад. Баъд аз як сол дар ҳар ҷо корҳои ҳархеле намуда, омада дар ҳамон мактаби деҳа ба сифати сарпионервожатий, яъне роҳбари пионерҳо ба кор даромада, дар он ҷо як сол кор мекунад. Соли 1977 ба ҳеҷ куҷо намеравад. Баъд ба Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе омада, дар факултети география ҳуҷҷат месупорад,

дар он ҷо низ то охири имтиҳонҳо иштирок намекунад, чунки худ ҳанӯз касби дилхоҳро интихоб накарда буд. Соли 1978 ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, ки ҳоло Донишгоҳи милии Тоҷикистон аст, месупораду дохил мешавад. Ба адабиёт, ки шавқи зиёд дошт ва дар ҳамон вақтҳо, баъзе намунаҳои адабӣ менавишт, ҳамин касбро интихоб намуд. Вай аз соли якуми донишҷӯйи аллакай шеър менавишт ва то охири донишҷӯӣ узви маҳфили шеър буд. Дар байни ҳамкурсон бо номи шоир шинохта шуда буд. Мавзуи рисолаи дипломии Р. Ваҳҳобзода «Поэтикаи вазн дар ашъори Муъмин Қаноат» буда, зери роҳбарии устод Раҳим Мусулмониён бо баҳои аъло дифоъ намуд, ки баъд ин мавзуъ дар аспирантура тавсия шуд. Рустам Ваҳҳобзода соли 1983 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кард.

Баъди хатми Донишгоҳ Рустам Ваҳҳобзода, бо тавсияи устодони худ, ба рӯзномаи машҳури «Тоҷикистони советӣ», ки он солҳо ҳамчун газетаи рақами яки кишвар эътибор пайдо карда буд, ба кор даромад. Сармуҳаррири рӯзномаи мазкур устод Нур Табаров буд. Дар он ҷо чанд муддат кор кард, корҳояш бобарор буданд, дар ҳар як маҷлисе, ки он вақтҳо «летучка» мегуфтанд, ҷамъбасти ҳафтаина мешуд, мақолаҳои ӯ баҳои аъло мегирифтанд. Ҳамон вақт дар бораи «Зафар Нозим» як мақолае навишт, ки фарогири таҳлили шеър ва вазни шеъру мусиқӣ буд, аз ҷониби устодон баҳои хеле хуб гирифт. Баъд аз он ба шуъбаи ғоибонаи аспирантура дохил мешавад. Устоди раҳнамояш дар бахши таҳқиқоти илмӣ профессор Раҳими Мусулмониён (Раҳим Мусулмонқулов) барои диссертатсияи номзадӣ мавзуи «Поэтикаи вазн дар шеъри муосири тоҷик (дар мисоли ашъори устод Муъмин Қаноат)»-ро пешниҳод менамояд.

Устоди роҳнамояш бо чунин андеша, ки шогирд шояд ба кори рӯзнома машғул шуда, дигар ба кори илмӣ намерасад, ӯро барои идомаи таҳсил ба шакли рӯзона даъват менамояд. Ҳамин тавр, баъди кори илмиро шурӯъ намудан Рустам ба шуъбаи рӯзонаи аспирантура мегузарад, то ин ки ба кори илмӣ бештар машғул шавад. Муддате нагузашта дар кафедраи адабиёти советӣ ва танқиди адабӣ (ҳоло кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ) ба муаллим зарурат пеш

меояд. Рустам Ваҳҳобзодаро боз ба шуъбаи ғоибона гузаронида, дар ҳамон кафедра ба сифати муаллим ба кор даъват карданд. Чанд муддате ба дарсдиҳӣ машғул шуд ва албатта, машғулият ба дарсҳо кори илмиро ба ақиб меандохт, чунки соатҳои дарсӣ хеле зиёд буд. Барои анҷоми кори илмӣ охири солҳои 1986 ба Москва рафта, дар Донишгоҳи ба номи Ломоносов дар бахши аспирантура дохил шуда, ним сол он ҷо дар китобхонаи ба номи «Ленин» ба кори илмӣ машғул шуда, асоси рисолаи номзадиро он ҷо навишта, дар ҳамон ҷо авторефератро ҳам ба забони русӣ худаш менависад. Баъди хатми аспирантура боз ба дарсҳо шурӯъ менамояд. Муҳокимаи рисолаи илмиаш аз кафедра гузашт, вале устоди роҳнамояш Раҳими Мусулмониён, ки як шахсияти ҷиддию сахтгир буданд, гуфтанд, ки барои камтар шудани эродҳо диссертатсия дар Институти забон ва адабиёт ҳам муҳокима шавад, ки барои ҳимояаш боз эътибори бештар пайдо кунад. Муҳокимаи дуюм анҷом наёфта, ҳодисаҳои сиёсии дохили Тоҷикистон шурӯъ шуданд, фазо номуносиб шуд. Ин муддат дар маҷаллаи «Фарҳанг» ба сифати муовини сармуҳаррир кор мекард.

Охири соли 1992 Рустам Ваҳҳобзода низ, дар қатори дигар шаҳрвандон, аз Душанбе баромада, ба муҳоҷират меравад. Муҳоҷирати вай муддате тӯл мекашад. Соли 1994 бо даъвати Донишгоҳи улуми инсонии Бишкек ба унвони муаллими забону адабиёти форсӣ ба кор пазируфта мешавад ва то соли 2006 дар он ҷо зиндагӣ ва кор мекунад. Диссертатсияи ҳимоя накардаашро дастовези роҳи хеш карда, дар он ҷо онро такмил карда, ҳамроҳ бо худ ба Тоҷикистон меорад. Асли онро ҳатто пештар мефиристад. Баъди аз муҳоҷират омадан, аз пайи ҳимояи рисолаи номзадӣ мешавад. Барои ба низоми ҷадид мувофиқат кунонидани диссертатсия устод Аламхон Кӯчаров роҳнамоӣ мекунад. Дар натиҷа, устод Рустам Ваҳҳобзода кори илмии такмилнамудаашро соли 2007 дар ҳамин кафедра ҳимоя мекунад ва дар соли 2008 тасдиқномаи рисолаи номзадӣ меояд.

Ҳамзамон ба таъйиди рисола, шоир соли 2008 маҷмуаи якуми алоҳидаи шеърҳои худро бо номи «Шаҳри Хуршед» ба чоп расонид ва соли 2009 барои ин китоб соҳиби ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода гардид. Аз ин таърих ба баъд дар таҷрибаи кории Рустам Ваҳҳобзода кори омӯзгорӣ ва фаъолияти шоирӣ ба ҳам

гиреҳ хӯрданд. Дигар то ҳол Рустам Ваҳҳобзода фаъолияти хешро дар ду бахш: бахши фаъолияти омӯзгорию илмӣ дар Донишгоҳ ва корҳои адабӣ идома дода истодааст. Ба ин ду бахши асосии фаъолият бояд роҳбарии Рустам Ваҳҳобзодаро ба маҳфили адабии «Чароғи абадӣ» ва роҳнамоии адибони ҷавонро ба арсаи шеъру шоирӣ аз ҷониби ӯ махсус таъкид кард. Воқеан, яке дигар аз муҳимтарин хидматҳои Рустам Ваҳҳобзода дар пешрафти шеъру шоирӣ дар кишвари мо тарбияи шоирони ҷавон мебошад, ки дар ҳалқаи маҳфили адабии вай ба ҳам омадаанд.

Дар ду ва ё чанд самт фаъолият кардани адибон дар қаламрави адабиёти тоҷик ҳодисаи нав нест. Касони бисёре дар ду замина хидмат кардаанд, ки ному ористонҳои адабиашон мондагор аст. Шоири мо низ то ҳадде тавонистааст, тавассути ҷусторҳои илмию адабӣ ва низ ба баракоти маҳфили адабии худ дар ҳар ду замина корҳои зиёдеро ба анҷом расонад. Устод Рустам Ваҳҳобзода шогирдони маҳфили адабиашро ҳам ба фаъолияти илмӣ ҷалб намудааст. Ба ин восита дар ҳавзаи адабии имрӯзи Тоҷикистон робитаи байни илму адабиётшиносӣ ва адабиёти амалӣ зуҳур кардааст, ки дар равнақи чунин робитаҳо Рустам Ваҳҳобзода саҳми муносиб дорад.

Ҷусторҳои илмии Рустам Ваҳҳобзода дар мавриди шеъру шоирӣ шоёни тамҷид аст. Китоби охирине, ки бо номи «Шеър ва дониш» [53] чоп кардааст, ба гуфтаи худи шоир, тарҳе мақсаднок мебошад: «...як навъ маҳсули ҳамин навъ тафаккур ва ҳамин навъ биниш аст, ки ман эҳсоси хатар мекардам, ки ҳамин пуштпояи илмии адабиёти мо коста шудааст ва адабиёти мо, ки ҳамеша бисёр ҷанбаи бақуввати илмии мутолиотӣ дошта, аз ҳамин чиз дар солҳои баъдӣ як миқдор маҳрум шуд ва байни адабиёту илм девор уфтод, як навъ деворкашии сунъӣ ба вуҷуд омад».

Баъди он ки худ ба ин гуна машғулият машғул мешавад, бисёр аз касоне, ки бо роҳнамоӣ ва сарпарастии устод дар адабиёт кор мекунанд, ҳам кори илмӣ мекунанд ва ҳам ба фаъолияти эҷодии адабӣ машғуланд.

## 1.2. Фаъолияти адабӣ

Рустам Ваҳҳобзода нахустин шеърҳои худро аз давраи талабагиаш гуфта бошад ҳам, фаъолияти адабии ӯ ба таври фаъолу ҳадафманд аз давраи донишҷӯӣ оғоз мегардад. Ин давра аз назари таърихият ба марҳалаи сифатан нави таҳаввули шеъри муосири тоҷик рост меояд, ки ба даҳаҳои ҳафтоду ҳаштоди асри гузашта марбут аст. Шеърҳои нахустини шоир ҳангоми донишҷӯияш, аниқтар дар курси дуюми донишҷӯии шоир дар нашрияи умумидонишгоҳии «Ба қуллаҳои дониш» ба табъ расидаанд: соли 1979 шеъри «Ду теғ» ба муносибати 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино, шеърҳои «Интихоб», «Шеъри мунаққид», «Посух» [29, с. 3], «Суруди иттиҳод», «Барои падарам», «Ба ёди ту» [30, с. 4]. Шеъри «Меҳрнома» низ соли 1982 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шудааст. Шеърҳои нахустини шоир дар ҳамин давра навишта шуда, чопи расмии онҳо ба солҳои 1980-1982 рост меояд. Мо аз таърихи чопи нахустин шеъри шоир, ба истилоҳ, шеъри расмии ӯ, ки «Меҳрнома» ном дошта, дар китоби «Калимаҳо» бо радифи «Тоҷикистонам» омадааст, то кунун фаъолияти ӯро ба назар бигирем, маълум мешавад, қариб чиҳил сол аст, ки устод Рустам Ваҳҳобзода ба сифати шоир ва пажӯҳишгар фаъолияти пурсамар дорад. Беш аз ду даҳа аст, ки ӯро дар ҳавзаҳои адабии қаламрави забону адаби форсӣ (дарӣ, тоҷикӣ) ба сифати шоири тавоно ва донишманди хуб мешиносанд.

Рустам Ваҳҳобзода дар паҳнои эҷоди адабӣ агарчи асосан дар заминаи шеър машғул аст, пайваста ба шуғли шеъру шоирӣ ба пажӯҳиш низ машғул аст. Дар навиштани насри бадеӣ низ дасти тавоно дорад. Шеърҳояш пайваста дар матбуот чоп мешаванд. То имрӯз шеърҳояш, ба ғайр аз маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, дар китобҳои «Шаҳри Хуршед» [36], «Салом» [48], «Сарводаи Ватан» [136], «Ҳазор байт (муфрадоти бадеҳа)» [70] фароҳам омадаанд. «Калимаҳо»-ро низ метавон маҷмуаи ҷудогонаи шоир ҳисобид [34, с. 66-127].

Шоир фаъолияти адабии хешро, чунонки дар фасли якум зикр шуд, ҳамчун мухбир дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» шурӯъ намудааст. Пас аз соли 1983, ҳангоми аспирант ва устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буданаш, ҳам бо рӯзномаҳо ҳамкории эҷодӣ дошта, фаъолияташро дар ду самт ба роҳ мондааст.

Вай солҳои 1983-1984 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба вазифаи хабарнигор, аз соли 1984 то соли 1991 дар кафедраи «Адабиёти советӣ ва танқиди адабӣ» ба ҳайси омӯзгор, солҳои 1991-1992 ба сифати котиби масъул ва муҳаррири маҷаллаи «Фарҳанг» фаъолият намудааст. Соли 1992 ба муҳоҷират рафта, аз соли 1994 то соли 2006 ба сифати устоди кафедраи забони форсии факултети ховаршиносии Бишкек (БГУ) кор кардааст. Аз соли 2006 аз муҳоҷират омада, боз дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти омӯзгорӣ шурӯъ намудааст, ки то кунун идома дорад. Ҳамзамон аз соли 2007 то соли 2011 ба сифати мудири шуъбаи назм ва адабиётшиносӣ, аз соли 2011 то соли 2014 котиби масъул ва аз соли 2015 то имрӯз дар вазифаи сардабири маҷаллаи «Садои Шарқ» кору фаъолият дорад. Аз соли 2008 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

Нахустин маҷмуаи шоир «Калимаҳо» дар маҷмуаи дастҷамъонаи «Навниҳолони боғи адабиёт» ё «Навқадам»( Маҷмуаи ашъор) соли 1990 аз чоп баромад [34]. Нахустин шеъре, ки ин маҷмуаи шоир бо он оғоз меёбад, бо ишқи Ватан, бо дарки беинтиҳои ватандӯстӣ ҳамоҳангӣ дорад. Ин шеър «Дарди воло» ном дошта, дар мавзуи ишқи беинтиҳои шоир нисбат ба Ватан, бе ёди ватан ҳақир будану бе дарди ӯ асир ва бо ишқи Ватан решапайванд буданаш суруда шудааст:

Ман хешро дар ишқи ту бишнохтам, Ватан,
Бе ёди ту ҳақир будам дар нигоҳи худ,
Бе дарди ту асир будам дар ҳисори тан,
Огаҳ надоштам, ки зи ман бартаре бувад
Ҳам аз барои ман – Ватан! [34, с. 66-67].

То ишқи ватанро шинохтан даҳ ангушти ӯ басанда буд, ки дӯстро аз душманонаш ҷудо намуда, бо ангуштон шуморад, вале чун ишқи ватан, дарди ватан, муҳаббати беинтиҳои ватанро дар худ ҳис намуд, ҳувияти миллию худшиносӣ дар ӯ боло гирифтан гирифт ва садоқату бовафоии хешро дар ҳар хоре, ки дар пойи Ватан мезанад, дар дидаи хеш ҳис мекунад, ҳар гарде, ки дар домони ватан мерасад, дар рухи хеш мепиндорад ва ҳар дарди ватанро дарди худу

ҳар мушкили ватанро мушкилию гиреҳ ва укдаи худ медонад. Шукри ин дарди ватандӯстӣ мекунад, ки ӯро то охирин нафас ва то ҷовидон ҳамроҳ хоҳад буд. Ин ҳама аз меҳру муҳаббати беинтиҳои шоир нисбат ба Ватану миллат ва сарзамини аҷдодии хеш аз матонату иродаи қавии Р. Ваҳҳобзода дар он солҳои сукути афкори миллӣ ва баъдтар пурошӯби дохилӣ дарак медиҳад. Ин ҳама меҳру муҳаббати беандозаи ӯ аз аввалин шеърҳои ӯ, аз аввалин маҷмуаи ӯ оғоз гардида, дар шеърҳои маҷмуаҳои баъдии ӯ қавитар гардида, ба гуфти шоир, «то ҷовидон» ҳамроҳӣ мекунад ӯро.

Дар маҷмуаи нахустини шоир манзума, соқинома ва ғазалҳои шоир ба ҳам омехта ҷойгир карда шудаанд, вале дар маҷмуаҳои баъдӣ ин шеърҳо ба фаслҳо ҷудо карда шудаанд. Дар ин маҷмуа 46 шеър дар жанрҳои гуногун, 15 чорбайтҳо ва қитъаҳо, 40 рубоӣ, 25 дубайтӣ, 32 байт ва 1 шеъри сафед ҷойгир карда шудааст.

Маҷмуаи дуюми шеърҳои шоир соли 2008 бо номи «Шаҳри Хуршед» аз чоп баромад [36]. Шеърҳо дар ин маҷмуа ба шаш бахш табақабандӣ шудаанд: Бахши аввал «Симурғи яктоӣ» унвон дошта, аз 17 шеър иборат аст. Шеъри нахустин «Тоҷикистон» аст, ки дар шакли маснавӣ мебошад. Бахши дуюм, агарчи «Чиҳил ғазал» номгузорӣ карда шудааст, вале аз 41 ғазал иборат аст. Бахши сеюм – «Хилвати дил» – аз панҷ шеър иборат аст. Бахши чорум «Номёна» буда, аз 10 шеър иборат аст, ки дар васфи шахсони ҷонфидою барӯманди Ватан навишта шудаанд. Бахши панҷум «Рубоиёт» аст, ки дар ин боб 52 рубоии шоир ҷойгир карда шудааст. Бахши шашум «Пораҳо» номида шуда, ки дар он 11 шеърҳои кӯтоҳи шоир ҷойгир карда шудааст. Дар баъзе байтҳо ва бобҳою фаслҳои алоҳидаи ин маҷмуа нисбат ба маҷмуаи аввал тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, ки мо инро баъдтар дар ҷадвал аён мекунем.

Дар фосилаи миёни ин маҷмуа ва маҷмуаи дигари шоир, дар соли 2012, маҷмуаи мақолаҳои адабиётшиносӣ ва накди адабии Р. Ваҳҳобзода бо номи «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ» ба табъ расидааст [42].

Маҷмуаи сеюми шеърҳои шоир бо номи «Салом» соли 2015[48], аз чоп баромадааст, ки ин маҷмуаи мукаммали шоир ба ҳисоб рафта, аксари шеърҳои дар жанрҳои гуногун навиштаи ду маҷмуаи аввал дар ин маҷмуа такроран омада,

ба фаслҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Шеърҳо дар маҷмуа бо чунин тартиб оварда шудаанд:

1. Манзумаҳо (маснавӣ, қасида, мусаммат), ки аз 14 шеър иборат аст.
2. Шеъри нав (арӯзи нав, сапед), аз 26 шеъри нав иборат аст.
3. Ғазалиёт, ки аз 114 ғазал иборат аст.
4. Шеърҳои кӯтоҳ ва қитъаҳо, ки аз 101 шеъри кӯтоҳу қитъаҳо иборат аст.
5. Рубоиёт, ки аз 156 рубоӣ иборат аст.
6. Дубайтӣ, ки аз 27 дубайтӣ иборат аст.
7. Аз дафтари «Ҳазор бадеҳа» (муфрадоти бадеҳа) дар охир шеърҳо оварда шудаанд, ки аз 331 байт иборатанд.

Дар ин маҷмуа шеърҳои пешини Р. Ваҳҳобзода бо тағйироту иловаҳо дар баъзе шеърҳо ва банду мисраъҳо боз бештар пухтаю мукаммал гардида, такмил дода шудааанд, ки аксар бори маънӣ мекашанд.

Дар фасли «Манзумаҳо», аз маҷмуаи «Калимаҳо» як шеър ва аз маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» ҳафт шеър такроран оварда шуда, баъзе шеърҳо боз мукаммалтар карда шудаанд. Дар фасли «Шеъри нав» аз маҷмуаи «Калимаҳо» чаҳор шеър ва аз маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» шаш шеър такроран чоп гардидааст. Дар фасли «Ғазал» бошад, аз маҷмуаи «Калимаҳо» нуҳ ғазал ва аз маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» чилу се ғазал такроран чоп гардидааст. Дар фасли «Шеърҳои кӯтоҳ ва қитъаҳо» аз маҷмуаи «Калимаҳо» се шеър ва аз маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» ҳашт шеър такроран чоп гардидааст. Шеъри «Булӯр» (*Панди модар*) дар китоби «Салом» дар фасли шеърҳои кӯтоҳ омадааст, вале дар маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» дар боби «Симурғи яктоӣ», ки аз шеърҳои калонҳаҷм иборат аст, ҷойгир карда шудааст. Дар фасли «Рубоиёт» бошад, аз маҷмуаи «Калимаҳо» сию ҳафт рубоӣ ва аз маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» сию нуҳ рубоӣ такрор омадааст. Аз фасли дубайтиҳо бошад, аз маҷмуаи «Калимаҳо» шаш дубайтӣ такрор омада ва дар китоби «Шаҳри Хуршед» дубайтиҳои шоир тамоман ҷойгир карда нашудааст. Аз фасли байтҳои шоир, ки дар маҷмуаи «Салом» бо номи «Аз дафтари «Ҳазор бадеҳа»(муфрадоти бадеҳа)» номгузорӣ карда шудааст, аз маҷмуаи «Калимаҳо»

чор байт такрор омадааст, вале ду байти он дар маҷмуаи Салом» дар қисми «Шеърҳои кӯтоҳ»-и ин маҷмуа ҷойгир карда шудааст.

Дар ҷадвали зерин таснифи шеърҳои маҷмуаи «Калимаҳо»-ро бо маҷмуаҳои «Шаҳри Хуршед» ва «Салом» дар муқоиса овардаем:

Ҷадвали 1

| Калимаҳо | Саҳ. | Шаҳри Хуршед | Саҳ. | Тағйирот дар мисроъҳо | Салом | Саҳ. | Тағйирот дар мисроъҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дарди воло | 66 | ___ | ___ | ___ | Дарди воло | 78 | 12, 20 |
| Ангорае ба ... | 67-68 | Ангорае ба. | 66-67 | 4, 8, 25, 27, 28, 29, 30, 34, 43 | Ангорае ба девори.. | 64-65 | 1, 4, 13, 25, 27, 28, 29, 30, 34, 43, 46 м нест, 1м зиёдатӣ. |
| Исён | 69-70 | Қиём (тағйирот дар ном) | 55-56 | 7, 10, 15, 17, 29, 33, 35, 39, 40, 46 | Истиқлол (тағйирот дар ном) | 89-90 | 7, 10, 13, 15, 17, 29, 33, 39, 44 |
| Муҳовара бо худ | 70-71 | ___ | ___ | ___ | Муҳовара бо худ | 171-172 | 10, 12 (дар фасли қитъаҳо омадааст) |
| Тоҷикистони кӯҳистон | 71-72 | ___ | ___ | ___ | Ихлос (тағйирот дар ном) | 80-81 | 9 |
| Арз | 72-73 | ___ | _ | ___ | ___ | ___ | ___ |
| Нусхаи замон.. | 73-74 | ___ | _ | ___ | Нусхаи замонасоз | 193-194 | 5 |
| Кобус | 74 | ___ | _ | ___ | ___ | ___ | ___ |
| Ҳар шабам... | 75 | ___ | _ | ___ | Ғамҳои ту (тағйирот дар ном) | 103 | 7 (5-6 м. наомадааст) |
| Халқ | 76 | ___ | _ | ___ | -___ | ___ | ___ |
| Бараҳнагӣ | 77-78 | ___ | _ | ___ | ___ | ___ | ___ |
| То чанд зери гардун... | 78 | ___ | ___ | ___ | ___ | ___ | ___ |
| Арзи шамшер | 79 | ___ | _ | ___ | Шамшер (тағйирот дар ном) | 125-126 | айнан |
| Тӯи,ки ҷовидона. | 79-80 | ___ | ___ | ___ | Эй дарё (тағйирот дар ном) | 121 | 7,8,16 |
| Калимаи ҳинду | 80-81 | ___ | _ | ___ | Калимаи ҳинду | 147 | айнан |
| Сур | 81 | ___ | _ | ___ | Сур | 113 | айнан |
| Хоҳам, ки барҳам барзанӣ... | 81-82 | Эй офтоби бениқоб (тағйирот дар ном) | 100 | айнан | Эй офтоби бениқоб (тағйирот дар ном) | 116 | айнан |
| Арзи меҳр | 82 | ___ | _ | ___ | ___ | ___ | ___ |
| Таманно | 82-83 | ___ | _ | ___ | Домони кӯҳистон (тағйирот дар ном) | 192 | айнан |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Меҳрнома | 83-84 | Меҳрнома | 91 | 5 (17-18нест) | Меҳрнома | 110 | 17-18 байт нест |
| Ба устод М.Турсунзода. | 84-85 | Довари ишқ | 130-132 | 7,8,20,30,39 (8м нав) | ———— | —— | ———— |
| Дар хуни дил.. | 85-86 | Мадҳуши ту (тағйирот дар ном) | 92 | 3,5, | Мадҳуши ту (тағйирот дар ном) | 113 | 3,5 |
| Оини гургон | 86-87 | —— | —— | ———— | Ойини гургон (бо тағйири як ҳарф дар ном ) | 79-80 | айнан |
| Мухлис | 87-88 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Ба мазори дӯстам... | 88-89 | Лолаҳои Биҳишт | 144-145 | 12-16 м нест | ———— | —— | ———— |
| Савдои чинор | 89 | Савдои чанор | 162 | тағйирот дар аломатҳо | ———— | —— | ———— |
| Тафсири дард | 90 | —— | —— | ———— | Шарҳи як байт (тағйирот дар ном) | 179 | 1,6 |
| Ҳасад | 90 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Мастӣ баҳона.. | 91 | —— | —— | ———— | Шоиро, гиря макун! (тағйирот дар ном) | 87-88 | 3,19,25 |
| Нашъа | 91-92 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Барои устод Зафар Нозим | 92-93 | Назри ҳунар | 139 | 5 | ———— | —— | ———— |
| Мояи эътибор | 93-94 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Зафар | 94 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Обхӯрд | 95 | Номаи гирён | 161 | 4 м дар ш. кӯтоҳ омадааст, 24 мисрааш оварда нашудааст. | Номаи гирён (тағйирот дар ном) | 186 | танҳо чор мисраъ дар қитъаҳо омадааст |
| Бинӣ, як села булбулони хазин | 96 | Ҳар гаҳе аз ту мешавад | 70 | Тағйирот дар номи шеър | ———— | —— | ———— |
| Ман бо ёди ту зиндаам то ҳол | 97 | Як субҳ | 72-73 | Тағйирот дар номи шеър | ———— | —— | ———— |
| Эй зи ҳар чӣ пур.. | 98 | Шафақи ҷовидон | 110 | тағйирот дар номи шеър | Шафақи ҷовидон (тағйирот дар ном) | 122 | 1 (ду мисраъи дигар зиёдатӣ) |
| Достону дастони чашмҳо | 98-99 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Ба ҳарфи душма-нон марав,агар... | —— | —— | —— | ———— | Бебаҳорӣ (тағйирот дар ном) | 124 | 2 мисраъ зиёдатӣ |
| Базмӣ | 100 | —— | —— | ———— | | | |
| Субҳро шоми якдигар накунед. | 100-101 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |
| Пайколи хуршед | 101 | —— | —— | ———— | ———— | —— | ———— |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Такрор | 102 | ______ | ____ | ____________ | __________ | _____ | ____________ |
| Чашма | 102-104 | ______ | ____ | ____________ | __________ | _____ | ____________ |
| Ман ошиқи баландиву ... | 104 | ________ | ____ | ____________ | __________ | _____ | ____________ |
| Соқинома | 104-111 | Соқинома аз 3-юм мисраъ то 8м нав аст. | 36-47 | 35,36,37,38,39,40,53,58,79, 80,90,112,134, 148,202(мисраъ ҳои 27,28.83,84 нест), 4м нав. | Соқинома (аз 3м то 8-ум нав аст, 8м бо тағъирот омадааст). | 19-25 | 35,36,37,38,39,40.53.58, 79.80,90,112,134, 148,202 (мисраъҳои 27,28,83,84 нест) 4м нав |
| Чорбайтҳо ва қитъаҳо | 111-113 | Пораҳо | 158-162 | Танҳо шеъри «Чӣ ойине» бо 2 м кам омадаасту халос. | Чӣ ойине! | 186 | 2,7,8 (3,4 м нест) |
| Рубоӣ (40) | 114-119 | Рубоиёт (52) | 147-157 | 8 рубоӣ такрор омадаасту боқимонда рубоии нав аст | Рубоиёт (156) | 195-220 | дар 13,15р тағйирот (38 рубоӣ такрор 118 рубоии нав) |
| Нома ба дил (Дубайтӣ (25) | 120-123 | ______ | ____ | ____________ | Дубайтӣ | 221-225 | дар11,21дубайтӣ тағйирот (6д такрор) |
| Байтҳо (32) | 124-127 | ______ | ____ | ____________ | Аз дафтари «Ҳазор бадеҳа» (муфрадоти бадеҳа) (331) | 236-249 | 5 байт такрор (байти 12,17,23 дар фасли шеъри кӯтоҳ омадааст) |
| Гаҳе, ки мижа боз мекунӣ | 127 | _____ | ____ | ____________ | ______________ | ____ | ____________ |

Аз рӯйи таснифоти ин ҷадвал чунин ба мушоҳида мерасад, ки аз шеъре ба шеъре, аз маҷмуае ба маҷмуае шеърҳои шоир, чи аз ҷиҳати маъною мазмун ва чи аз ҷиҳати миқдор, комилтару васеътар мегарданд.

Соли 2019 мунтахаби ашъори ватанияи Р. Ваҳҳобзода таҳти унвони «Сарводаи Ватан» бо таҳқиқот, тавзеҳот ва интихоби Ҳафиз Раҳмон аз чоп баромад, ки дар он шеърҳои ватандӯстонаи шоир гирд оварда шудаанд.

Фаъолиятҳои адабии Р. Ваҳҳобзода дар дигар соҳаҳо ҳам хеле назаррас аст. Таълифоту таснифоти зерин ба қалами ӯ навишта шудаанд: Мунтахаби аҳодиси Пайғамбари акрам(с) таҳия ва тарҷума ба забони русӣ (Теҳрон: Ал-ҳудо, 2000), тазкираи шеъри муосири Тоҷикистон «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» (Теҳрон: Анҷумани шоирони Эрон, 2014), таҳияи китоби М. Ёҳақӣ «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» ( бо тавзеҳот ва таълиқот) (Душанбе: Бухоро, 2014), дастури таълимии «Дуруст бинависем» (Душанбе: Сухан 2016) ва рисолаи илмии «Мирзо Турсунзода» (Душанбе: Бухоро 2016), рисолаи «Шеър ва дониш» (Душанбе: Бухоро 2017, 200) аз ҷумлаи тозатарин таълифотии ӯ ҳастанд. Китоби навбатии

Р. Ваҳҳобзода таҳти унвони «Ҳазор байт (муфрадоти бадеҳа)» соли 2020 дар нашриёти «Адиб» бо ду ҳуруф – кириллӣ ва форсӣ дар ҳаҷми 160 саҳифа ба табъ расида, пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ гардид. Ин маҷмуаи ашъор аз ҳазор байт ва 16 байти замимагардидаи шоир бо сарсухани Низом Қосим иборат аст. Шумораҳои зиёди мақолаҳои илмию адабӣ ва иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода дар нашрияҳои ватанию хориҷӣ мунташир гардидааст.

Р. Ваҳҳобзода ба адабиёти бачагона низ таваҷҷуҳ намудааст, гарчанде ки дар маҷмуаҳои батабърасидаи шоир  чунин шеърҳо мушоҳида нашуд, аммо дар ҳафтаномаи бачагонаи «Пайрав» ба намунаи шеърҳои бачагона, ки ба номи «Гуфтори мурғон ё «Мантиқ-ут-тайр»-и тифлон»[72; 73; 74, с. 5] номгузорӣ шудааст, вохӯрдем. Чунин шеърҳои шоир дар бораи парандагони зебою нодири табиати ватани мо ва парандагони афсонавии асотирӣ эҷод шудаанд. Ба монанди кабк, мусича, гунҷишк, достак, ҳудҳуд, булбул, зоғ, ғулба, ҳумо, уқоб, чилмандак, қақнус, турнаҳо, кабӯтар, қу, симурғ ва «Китоби сурхи дил» мебошад, ки васфу ситоиши чунин парандаҳо намуда, дар охири шеърҳо барои фаҳмо шудани хонандагон луғатҳо оварда шудааст.

Дар маҳфили адабии «Чароғи абадӣ» шогирдони зиёде дар эҷоди шеъру суруд сабзидаанд, ки ашъори онҳо аз шабнами гулбоғи баҳори шеъри Рустам Ваҳҳобзода ботароват гаштаанд. Онҳо метавонанд пайрави шеъри ноби классикон дар майдони навини адабиёти форсу тоҷик бошанд ва дар роҳи рушду такомули он хизматҳое хоҳанд кард. Аз онҳо шоир ба ифтихор ном мебарад: Толиби Луқмон, Шобегими Маликшоҳ, Шаҳриёр Олимӣ, Мухриддин Сабурӣ, Иброҳимҷон Дӯстализода, Бузургмеҳри Баҳодур, Бузургмеҳри Тоҷиддин, Сулаймони Аҳтам, Моҳпочои Рустам, Ваҳдати Дайхудо ва дигарон.

Шеърҳои шоир тӯли солҳои гуногун бо номҳои Рустам Ваҳҳобов, Рустам Ваҳҳоб, Рустами Ваҳҳобниё, Рустами Ваҳҳоб ва Рустам Ваҳҳобзода рӯйи чоп омадаанд, аммо инҳо танҳо дар навиштаҳо ҳастанд. Дар шаҳодатнома, шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ қаблан ному насаби шоир ба сурати Рустам Ваҳҳобов сабт гардида буд. Баъдтар аз таърихи 22 июли соли 2016 дар шиноснома шоир ному насабаш ба шакли Рустам Ваҳҳобзода ба расмият даровардa шудааст.

Р. Ваҳҳобзода шоири ватандӯсту ватанпарвар буда, дар рушди забони тоҷикӣ ва адабиёту фарҳанги миллӣ хизматҳои мондагор намудааст. Соли 2012 китоби «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ»-и шоир соҳиби ҷоизаи «Китоби сол – 2012» ва китоби «Шеър ва дониш»-и ӯ соли 2017 сазовори ҷоизаи «Китоби сол – 2017» гардид. Соли 2019 бахшида ба 10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни « Забон – пояи миллат» эълон карда шуда буд, шеъри «Қонуни забони тоҷикӣ»-и Р. Ваҳҳобзода аз рӯйи номинатсияи «Шеъри беҳтарин» сазовори ҷойи аввал дониста шуд. Хидматҳои Рустам Ваҳҳобзода дар рушди адабиёти муосири тоҷик беназир аст. Ин аст, ки хизматҳои шоён ва назарраси ӯро дар соҳаи илму адабиёт ба назар гирифта, 28-уми августи соли 2020 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устоди сухан Рустам Ваҳҳобзода ба гирифтани унвони баланди Шоири Халқии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуд. Инчунин, шоир соҳиби ҷоизаи «Ялдо»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад.

### 1.3. Ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода

Махсусияти муҳимми коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода аз он иборат аст, ки вай аз оғози ворид шудан ба майдони адабиёти тоҷик худро ҳамчун шоири баркамол ва соҳиби равиши хос дар шеъру шоирӣ муаррифӣ кардааст. Муваффақиятҳои беназири шоир дар арсаи эҷод ба фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла, ба адабпажӯҳишӣ ва мунаққидиаш ҳам иртиботи амиқ дорад. Дар замони истиқлол мо Р. Ваҳҳобзодаро ҳамчун шоире дармеёбем, ки аз маърифати илми шеъри гузашта бо хубӣ огаҳӣ дорад. Чуноне ки Абдушукури Абдусаттор дар мақолаи «Эҳёи суннати куҳани шеъри Аҷам» ибрози ақида намудааст: «Ошноӣ бо «Соқинома»-и Рустами Ваҳҳоб ин ҳақиқати маълумро бори дигар исбот мекунад, ки шоири ҳунарманд ва огоҳ аз гузаштаву имрӯзи таърихи шеъру шоирӣ барои баёни дарду ормонҳои инсони муосир метавонад аз қолабҳо ва навъҳои куҳан ва дар тӯли замони муайян аз миён рафтаи шеър низ истифода намояд, онҳоро ба

тақозои замони нав мувофиқ созад, ба қолаб ё навъи куҳани шеъри Аҷам умри дубора бахшад» [5, с. 11].

Агар ба ҳамон равише, ки профессор А. Абдусаттор соқиномаи шоирро дар алоқамандӣ ба масъалаи суннат ва анъана баррасӣ кардааст, ба дигар эҷодиёти шоир ҳам муносибат бишавад, маълум мегардад, ки шоир дар заминаи суннати шеъру шоирии классикӣ ва огоҳӣ аз назарияҳои навини шинохти шеъри сара ва дидгоҳҳои шоирона ҳам дар қолабҳои суннатӣ ва ҳам жанрҳои ҷадиди шеърӣ шеърҳои мондагор офаридааст.

### 1.3.1. Манзумаҳо

Як қисмати муҳимми шеърҳои калонҳаҷми шоир Р. Ваҳҳобзодаро манзумаҳо ташкил медиҳанд. Манзума ҳамчун истилоҳ ба шеъре гуфта мешавад, ки дар қиёс бо жанрҳои лирикии қитъа, ғазал аз нигоҳи ҳаҷм васеътар аст. Дар китоби «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» манзума чунин таъриф шудааст: «Манзума аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънояш назмшуда – асари назмӣ, асаре, ки бо шеър навишта шудааст. Гоҳо асарҳои начандон калони назмро, ки сюжет надоранд, низ манзума меноманд» [156, с. 18]. Сурудани манзума дар адабиёти муосири тоҷик, махсусан дар шеърҳое, ки фарогири оҳанги ватандӯстонаанд, расм шудааст. Масалан, асари «Мо зафар хоҳем кард»-и А. Лоҳутӣ [92, с. 204-209], ки манзума номида шудааст, аз ҳамин ҷумла аст. Аммо Р. Ваҳҳобзода сохтори таркибии манзумаро фаротар аз фаҳмиши маъмулии он тавсиф карда, ҳама гуна шеърҳои калонҳаҷмро манзума номидааст. Чи хеле ки дар сарсухани китоби «Салом» омадааст, «шеърҳои нисбатан калонҳаҷм дар бахши «Манзумаҳо» ҷой дода шудааст, ки албатта, «манзума» дар мавриди бархе аз онҳо ба маънои мусталаҳи илмии он нест, балки манзур ба таври куллӣ – асари манзум мебошад» [48, с. 3].

Албатта, ба таври куллӣ ҳама навъи асари манзумро ҳамчун истилоҳ манзума гуфтан шояд чандон саҳеҳ набошад, балки ҳамчун меъёр ҳаҷми асарро ба эътибор гирифтан саҳеҳ менамояд. Аз ин ҷост, ки дар адабиёти муосир шеърҳое ҳам манзума номида шудаанд, ки дар қолаби арӯзи озод, ё худ шеъри нимоӣ гуфта

шудаанд. Масалан, манзумаҳои ватандӯстонаи Камол Насрулло, ба мисли шеъри машҳури «Ман ту ҳастам, Тоҷикистон» [111] аз ҳамин қабил ашъор аст. Муҳимтарин хусусияти шеъри манзума, ба назари мо, дар он зоҳир мегардад, ки ҳаҷми фарохи чунин навъи шеър барои шоир имкони ибрози андешаро ба таври муфассал фароҳам меоварад.

Ҳамин тавр, бинобар он ки ашъори калонҳаҷми дар қолабҳои маснавӣ, қасида ва мусаммат сароидаи Р. Ваҳҳобзода дар китоби «Салом» таҳти унвони умумии «Манзума» ҷой дода шудаанд [48, с. 5-53], мо баррасиро перомуни навъҳои мазкури шеърӣ пайгирӣ мекунем.

Як қисмати шеърҳои калонҳаҷми Р. Ваҳҳобзодаро низ манзумаҳо ташкил медиҳанд, ки дар қолабҳои маснавӣ, қасида ва мусаммат эҷод шуда, дорои маъниҳои баланди фалсафию иҷтимоиянд.

Манзумаҳои Р. Ваҳҳобзода, ки дар китоби «Салом» дар бахши аввал ҷой дода шудаанд, аз 14 шеър иборатанд. Аз ҷумла, ҳафт маснавӣ – «Кӯҳистон» – 17 банд, 34 байт, , «Соқинома» – 9 қисми калон, 106 байт, «Тоҷикистон» – 4 қисми калон, 59 байт, «Даврони офтоб» – 4 банд, 29 байт, , «Наврӯзгоҳ» – 1 банди калон, 15 байт, «Гуфтугӯ бо пайкари пардапӯши Ҳаким Фирдавсӣ»– 2 банд, 38 байт, «Паймон» – 3 банд, 11 байт; се қасида - «Ойинаи якрӯӣ» – 3 қисми калон, 42 байт, «Наврӯз» ( дар ҳошияи тақвим) – 2 қисми калон, 29 байт, , «Дилнома» – 1 банд, 17 байт, ду мусаммат «Бухоро» – 1 нақарот, 11 банд, 22 байт, «Кабки дарӣ» – 1 нақарот, 8 банд, 34 байт; силсилағазалҳои «Шаҳри Хуршед» – 12 қисми калон, 62 байт; як достон – «Лозуркӯҳ» – 46 банд, 92 байт. Дар маҷмуъ, кулли манзумаҳои шоир 590 байтро дарбар мегирад.

Баъд аз эъломи бозсозӣ дар нимаи даҳаи ҳаштодуми асри гузашта, махсусан дар даҳаи охири он, ҷунбиши фикрию истиқлолхоҳӣ ва худшиносии миллӣ авҷ гирифта буд, руҷӯи шоирон ҳам ба гузаштаи миллат хеле маъмул шуд. Дар ҳамон давра Рустам Ваҳҳобзода манзумае бо сабк ва унвони «Соқинома» навиштааст, ки илҳом аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Соқинома»-и Ҳофизи Шерозӣ буда, аз ҷиҳати вазн низ ба онҳо шабоҳат дошта, дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур навишта шудааст. Албатта, ин «Соқинома» ва умуман, жанри

«Соқинома» як баҳонае буд барои руҷӯъ кардан ба мавзуъҳои таърихӣ, худшиносӣ, фалсафӣ ва боз ҳам истиқлолхоҳӣ. Чаро ки жанри соқинома барои гуфтани суханоне, ки дар дигар жанрҳо имконпазир нест, имкон медиҳад. Яъне, ин ҷо шоир аз худии худ ва мурочиат ба соқӣ як ҳолати бехудиро тасаввур мекунад ва маҳз ҳамин вазъият ба шоир имкони гуфтани хеле суханҳоро медиҳад, ки дар ғайри чунин ҳолат баёнашон номумкин аст. Дар ин ҳолат шоир гӯё дар як ҳоли бехудӣ ҳарф мезанад ва ин вазъият имкони гуфтани ҳарфҳоеро фароҳам меоварад, ки дар жанрҳои дигар шояд муяссар набошад. Шоир он замон фикр накардааст ё андешае надоштааст, ки ин то чӣ ҳад як ибдоъ аст, як навоварӣ аст ё чизе ҳаст дар назми муосир.

Баъд аз он соли 1997 устод Лоиқ Шералӣ соқинома навиштанд ва боз ба ҳамин гуна вазъ ва албатта, бо таркиби дигар, бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои замон ва баъдтар чанд нафари дигар дар пайравӣ боз соқинома навиштанд.

Хулоса, Р. Ваҳҳобзода яке аз мубтакирони эҳёи як навъи жанри суннатӣ гардид. Ҳамон тавре ки шоир иброз медорад, баъдтар худи вай ҷустуҷӯ мекунад ва маълум мегардад, ки дар маҷмуаи Пайрав Сулаймонӣ ҳамчунин як соқинома дар шеърҳои солҳои бисташ ҳаст, албатта, он соқиномаи комилан суннатӣ, ҷудо аз масъалаҳои рӯз, бо ҳамон таркиби суннатӣ ва баъд дар достони «Гаҳвораи Сино»-и М. Қаноат, бидуни он ки зикре ё ёдоварие аз ин жанр равад, як пора дар яке аз бобҳои достони «Гаҳвораи Сино» бо сурат ва суннати соқинома омадааст. Дар фазои давраи нави адабиёти мо соқинома ҳамин қадар собиқа доштааст.

Бо таваҷҷуҳ бо масъалаҳои доғи рӯз, масъалаҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои маънавӣ, таърихӣ, инсонӣ, ахлоқӣ дигар касе ба ин жанр дар ин солҳо рӯ наовардааст, албатта, то ин давра. Аз ин ҷо мо ба хулосае меоем, ки ҳатто худи шоир бехабар аз он ки ин жанри суннатиро ӯ аввалин шуда дар адабиёти муосир аз нав зинда карда, рӯи кор овардааст, пай набурдааст.

Баъд аз чопи ин соқинома ва чоп шудани гунаҳои гуногуни он худи шоир ҳам таваҷҷуҳ карда ва ба як нуктаи дигар пай бурдааст, ки дар ин соқинома ӯ мисли «Шоҳнома» камтарин шумори калимаҳои ғайритоҷикиро истифода

кардааст. Ин асар ба забони тақрибан монанд ба забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, бевосита бо коргирӣ аз калимаҳои сирф форсӣ-тоҷикӣ суруда шудааст:

На бода-ст ин май, ки хуни дил аст,
Ҳама дурди дарди даруни дил аст.
Сухан гарчи боғу баҳори ман аст,
Ҳам он чашми Исфандёри ман аст.
Аз ин равза ҳарчанд пандам расад,
Аз ин раҳгузар ҳам газандам расад.
Ҳамора чу ҷон пеши ин равзан аст,
Аз ин равзанам чашми ҷон равшан аст.
Бидеҳ, соқӣ, он оби афшурдаро,
Зи нав зинда кун ин дили мурдаро...
Ало, соқӣ, Ҷоми Ҷамам орзуст,
Ҳам он Рахшу он Рустамам орзуст... [48, с. 19].

Камол Насрулло, ки худ дар адабиёти муосири мо силсилаи манзумаҳо сурудааст, доир ба манзумаҳои Рустам Ваҳҳобзода чунин ақидаронӣ намудааст: «Манзумаи «Лозуркӯҳ» зангӯлаест, ки бонги хатар аз тақдиру пешомади инсону замин мезанад, манзумаест, ки саропо рамзӣ, ки дар он ҳунар ва андеша тавъамон бо ҳам ба ҷилва меоянд ва бо тасвирҳои шоирона онро хонданӣ кардаанд... Манзумаи «Кӯҳистон» низ як манзумаи ҷолиб дар мавзуи худшиносии миллӣ ва хусусан худшиносии мардуми кӯҳистон буда, дар он бисёр вижагиҳои табиӣ ва маънавии мардуми кӯҳистон тасвири шоирона ёфтаанд..., «Дилнома» манзумаест, ки дар радифи дилномаҳои маъмулу машҳури шоирони номдори пешин навишта шудааст, аммо баёнҳои тозаи худро дорад... Манзумаҳои «Шаҳри хуршед» ва «Соқинома» мисли ин, ки дар сабки Ҳофизи Шерозиву Иқболи Лоҳурӣ табъозмоӣ мекунад ва кӯшидааст мазмуну тасвирҳои тозаи худро ба ин жанрҳои маъмул ворид созад [112, С. 10].

Дар ин росто А. Абдусаттор низ мегӯяд: «. Маснавии Рустами Ваҳҳоб ҳам баёнгари андешаҳои иҷтимоӣ, дарду ормонҳои ҷомеаи муосири тоҷикон, фарёди ҷонкоҳи «Аналҷам» дар муқобили фитнаи аҳримантинатони рӯзгор ва

Заҳҳокпешагон аст. Соқиномаи шоири тоҷик васфи бодаву соқӣ нест, он на бода, балки «хуни дил» ва «дурди дарди даруни дил» аст, бодаест, ки агар маст бинӯшад, ҳушёр гардад»[5, с. 11].

Ҳамчунин, «Соқинома»-и Р. Ваҳҳобзода  ва дигар шеърҳои ӯ дар кишварҳои ҳамзабон – Эрону Афғонистон ҳам хонанда пайдо кард. Хулоса, ба ин навъ шеърҳо самту сӯйи эҷодиёти шоир дар масири худшиносии миллӣ ва худшиносии таърихӣ шакл гирифт. Силсилаи ғазалҳо ва рубоиёте ҳам, ки дар ин давра ба чоп расиданд, асосан ба ҳамин мавзуъ, ҳатто дубайтиҳо ба ҳамин мавзуъ ихтисос ёфтаанд. Дар ин давра, албатта, аксари шоирони мо ба ҳамин мавзуъ, ба мавзуи таърихӣ ва худшиноси таваҷҷуҳ доштанд. То вуқӯъи ҳодисаҳое, ки дар кишвари мо маълум аст, яъне бенизомиҳои дохилӣ ин мавзуъ дар адабиёти мо хеле ривоҷ дошт ва баъд аз он ҳам дар ин давра ҳам он хомӯш нашуд. Он ҳамвора ҳамроҳ бо мавзуи худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ як шохаи дигар дар пайкари бутуни ин мавзуъ бо номи ваҳдати миллӣ пайдо шуд, ки албатта, дар ашъори пешин, давраи пеш аз ин ҳодисаҳо ҳам ин шеърҳо бе зикри он набуданд.

Ба шумори шеърҳои вориди бахши манзума шудаи шоир ашъоре ҳам вориданд, ки онҳоро Р. Ваҳҳобзода ҳангоми дар ғурбат, берун аз хоки Тоҷикистон, буданаш сурудааст. Аз ҷумла, дар ҳамин давра, яъне давраи муҳоҷират дар ғурбат шеъри «Бухоро»-ро навишт, ки боз рамзи ана ҳамон худшиносӣ ва бозгашт ба асолати худ буд. Бидуни сиёсӣ кардани ин мавзуъ, чунки Бухоро барои мо ба унвони як меҳвари маънавӣ муҳим аст. Маънавӣ ва таърихӣ, ки ҳаргиз набояд ёду эътиқоди он аз сиришти мо зудуда шавад ва ҳазф шавад, чунки ҳеҷ чиз дар таърихи мо ҷойи онро гирифта наметавонад, ё ин ки онро аз саҳифаи таърихи мо берун карда наметавонад

...Касеро дил аз санги хоро набошад,
Даме бе хаёли Бухоро набошад.
Гар андешае аз мудоро набошад,
Ҷаҳон бе Бухоро гуворо набошад.
Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тумори меҳр аст ёди ту моро...

Кучо тоҷике ҳаст, бешак, бухорист,

Агар ӯ самарқандию гар ҳисорист,

Хуҷандию хатлӣ, бадахшӣ, тахорист,

Ҳиротию кашмирию сабзворист.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,

Чу тумори меҳр аст ёди ту моро... [48, с. 36-37].

Ин шеър яке аз матнҳои сурудҳои имрӯзаи моро ташкил медиҳад ва ин шеъри «Бухоро» то ҳол аз тарафи чанд нафар овозхонҳои мо, ки онро бо оҳангҳои гуногун ба оҳанг даровaрда сурудаанд, дар расонаҳои ҷумҳурӣ садо медиҳанд.

Шеърҳои дигаре, ки дар давраи муҳоҷират гуфта шудаанд, «Наврӯз» ва «Ошёни меҳр»-анд, ки имруз ба унвони яке аз сурудҳои ватании машҳури мо пайваста садо медиҳанд. Ин шеърҳо низ аз тарафи чанд нафар овозхон бо оҳангҳои гуногун суруда шудаанд. Як порае аз шеъри «Наврӯз»-ро меорем:

Наврӯз рӯзи хилқати Инсон аст.

Рӯзи кушудани дари кайҳон аст...

Наврӯз рӯзи шустани лавҳи дил

Аз нақшҳои ботили шайтон аст.

Донӣ, чаро ба суфраи наврӯзӣ

Ойина дар баробари Қуръон аст?

То ки ба рӯйи хеш назар созӣ,

Рӯйи ту низ мусҳафи Яздон аст... [48, с. 33-34].

Аз рӯзи пайдоиши Инсон то роҳ кушодан ба кайҳону омадани фарвардинмоҳу баланд шудани рӯҳу ҷон, тозаю пок кардани лавҳи дил аз фиребу нақшаҳои шайтон, ба рӯйи хони наврӯзӣ гузоштани оина, то ки ба он рӯйи худро бубинӣ, ки ин ҳам яке аз варақҳои Қуръон аст, рӯзи пайдо шудани ҷоми ҷаҳон ва он нигини Сулаймон аст, ки ба воситаи он Сулаймон ҷаҳонро тасхир ва тамоми девонро мутеъи худ гардонда буд, рӯзи бастани Заҳҳок бо қувваҳои бадии худ ва гурехтани девон, ҳар чӣ ки Худованд меписандад ҳамону куҳнаҳоро тоза кардан ва билохира, ба охир расидани зулмоту торикӣ ва рӯзи шукӯҳу шаҳомат, бузургию қудрати авлоди Сомон аст, ки шоир овардааст ва бо як мувофиқати

ҳамбастагие дар риштаи назм кашида шудааст. Аз ин ҷӣ ҳам метавонад бештару хуштар дар васфи Наврӯзи Аҷам бошад ё гуфта шавад шеъре волотар. Аз оғоз то анҷоми шеър гӯё таърихи наврӯз саҳифабандӣ карда шуда бошад. Он чи ки дар адабиёти шифоҳии мардуми мо вуҷуд дораду муқаддас аст, донистан ва дар як шеъре дар қолаби нав ҷо карда тавонистан, ин ҳама сухани воло, шеъри сара ва тозаю тар аз огоҳии хуби таърихдонӣ, дониши васеъ ва фарҳангдонии устод Рустам Ваҳҳобзода дарак медиҳаду сарчашма мегирад.

Аз ҳамаи асарҳое, ки дар эҷодиёти шоир муфассалтар ҳастанд, манзумаи ғиноии дигареро бо номи манзумаи «Лозуркӯҳ» метавон номбар кард, ки хеле қобили таваҷҷуҳ аст. Як муқаддимае дар аввали ин манзума омадааст, ки бозгӯи мақсади аслии шоир аз эҷоди он мебошад. Ин манзума ё достони ғиноӣ шеърест, ки ба сурати чорпора навишта шудааст. Таҷрибаи ин навъ асари нисбатан муфассалро, ки дар қолаби чорпора навишта шудааст, дар адабиёти муосир пайдо кардан мумкин аст, масалан, намунаи барҷастаашро дар достони «Ҳасани аробакаш»-и устод Мирзо Турсунзода мебинем. Инчунин, дар баъзе достонҳои Ғаффор Мирзо низ ин қолаб дида мешавад. Вале аз назари муҳтаво ва равиши баён миёни шеърҳои мазкур фарқи назаррас мавҷуд аст. Масалан, асари мавриди назари мо бештар ҷанбаи ғиноӣ дорад, шоирони мазкур ин қолабро агар дар асарҳои хамосӣ истифода карда бошанд, ин ҷо дар як манзума ё достони кӯтоҳи ғиноӣ истифода шудааст, ки худи мавзуъ инро тақозо мекунад. Ин ҷо ба ҷои байт бандҳои нисбатан муфассале меояд, чунки мавзуи бисёр муҳимми имрӯзӣ ба тафсили бештар ниёз дошта, мазмун дар банд ҷой дода мешавад. Мавзуъ аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, иборат аз ҳифзу ҳимояи муҳити инсонӣ аст.

Аз аҳаммияти ин достон ҳам, мисли манзумаҳои дигаре, ки ёдоварӣ кардем, ҷомеа хеле баъдтар аз замони иншояш пай бурд. Моҳияти ин мавзуъ барои ҷамъи хонандагони мо, умуман ҷомеаи мо, баъд аз масъалагузории Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ, дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, дар шаҳри Копенгаген [124, с. 1] равшану ошкор шуд. Ҳангоми суханронии худ Асосгузори сулҳу

ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин Созмони бонуфуз оид ба тағйирёбии иқлим изҳори нигаронӣ намуда, чунин арза дошт: «Аз таърихи Осиёи Марказӣ маълум аст, ки саҳлангорӣ нисбат ба истифодаи захираҳои табиӣ ба чӣ оварда мерасонад. Бо назардошти фоҷиаи воқеии баҳри Арал мо набояд ба нобудшавии пиряххо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем. Аз ин рӯ, зарурати таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро, ки метавонад кӯшиши кишварҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалиро дар ин бахши муҳимми стратегӣ муттаҳид намояд, ногузир мешуморам» [124, с. 1].

Ин манзума дар фосилаи начандон тӯлони пай дар пай чоп шудан гирифт. Таҳрири нахустинаш 23-юми июли соли 2009 бо номи «Лозуркӯҳ» дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ба табъ расид [38, с. 8] ва такмилаш соли 2010 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» [41, с. 62-66] рӯи чоп омад. Бори сеюм дар китоби «Салом» [48, с. 5-18] ҳамроҳи манзумаҳои дигар чоп шуд. Ахиран, соли 2018 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» [55, с. 6-7] бо зарурате, ки бисёр равшану ошкор эҳсос мешуд, бо иловаи чанд банду боб боз рӯи чоп омад. Ҳамин тавр, манзумаи мавриди назар чор маротиба бо илова ва такмил таҷдиди чоп шудааст. Ин амр аз он ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки дар лабораторияи эҷодии Ваҳҳобзода гаштаю баргашта кор кардан рӯйи шеърҳо аз ҷумлаи мухтассоти эҷодӣ мебошад.

Сабаби пайдарҳам чоп шудани ин манзумаро шоир дар мусоҳибае бо хабарнигори АМИТ «Ховар» Ҷасур Абдулло чунин шарҳ додааст: «Сабаби ба такрор рӯи ин асар кор кардан дар он аст, ки соли 2009, вақте ки ба сурати манзумаи алоҳида дар «Адабиёт ва санъат» рӯи чоп омад, бисёриҳо эрод гирифтанд, ки магар ях ва пирях метавонад мавзуи шеъру манзума шавад. Солҳои зиёд рӯйи ин мавзуъ мутолиаву таҳқиқот доштам ва мақолаҳо навиштам. Ман дар ин минтақаи пиряххо – лозурҳо зода шудаам ва ба воя расидаам. Ҳар сол аз онҳо хабар мегирам ва чун коҳиши бошиддати лозурҳоро мебинам, ба изтироб меафтам. Аз ин сабаб сари ин масъала кор карда, мақолаҳо ҳам навиштам» [1, с. 4-5].

Дар ин мусоҳиба такмили манзумаро соли 2012 қайд кардаанд, ки саҳв аст, дар асл такмили он пештар аз таърихи мазкур сурат гирифта, соли 2010 дар шумораи якуми маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст [41, с. 62-66].

Мавзуи манзума аз чӣ иборат аст? Иборат аст аз ҳамин мавзуи муҳимтарини рӯзи мо, ки аз байн рафтани манбаъҳои оби баста ба лозурҳо, яъне пиряххо аст, ки ин як мавзуи фақат яктарафа нест, балки имрӯз ин захираҳои бузург дар тамоми дунё рӯ ба коҳиш ҳастанд, ки сабабгораш, албатта, дар баробари омилҳои кайҳонӣ, пеш аз ҳама, омилҳои табиӣ, омилҳои инсонӣ аст. Омилҳои инсонӣ аз чӣ иборат аст? Агар хоҳем, ки ин таъсирро дар як калима хулоса кунем, зиёдаравӣ ва исроф дар харҷи неъматҳои моддӣ дар дунё хулоса мешавад.

Дар ин маврид низ Пешвои миллат дар суханрониҳои хеш борҳо ибрози ақида намудааст, ки яке аз онҳо чунин аст: «Илм собит намудааст, ки тағйирёбии иқлими сайёраи мо бори аввал нест. Вале тағйирёбии кунунии иқлим асосан бинобар фаъолияти худи инсон ба миён омадааст ва оқибатҳои ҷиддии манфии он ҳам ба тамоми кишварҳо ва ҳам ба ҳар як сокини сайёраи мо таҳдид мекунанд» [124, с. 1].

Ин масъалаи хеле ҳам муҳимро бори дигар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, ҳангоми суханронии хеш дар ифтитоҳи Симпозиуми байналмилалӣ, ки соли 2016 дар шаҳри Душанбе барпо гардид, чунин матраҳ намуд: «Дар давоми даҳсоли охир 30 дарсади ҳаҷми пиряххои Тоҷикистон об шудааст ва ин тамоюл идома дорад. Тайи ин давра танҳо масоҳати пиряхи Федченко – бузургтарин пиряхи қитъавӣ дар Тоҷикистон ба андозаи 2 километри мукааб ях коҳиш ёфтааст» [123, с. 2].

Албатта, вақте ки мавзуъро фарох мегирем, чи тавре ки худи шоир мегӯяд, «барои хонандаи мо, хонандаи ҷомеаи мо, ки хеле бо воқеиятҳои ҷаҳонӣ ошноӣ надорад, ғарибу бегона менамояд. Ин ҳарфи ноошноӣ бо муҳити умумии иттилооти дунё аст, фикр мекунанд, ки шоир, ба фикру тахайюли худ бисёр саргарм шудаву ба чизҳои мавҳум, хаёлӣ даст мезанад».

Як вижагии муҳимми ин манзума боз дар он аст, ки дар дохили худаш худашро тафсир мекунад. Чунин равиш ба сабки Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар

«Маснавии маънавӣ» шабеҳ аст, ки аввалин муфассири каломи шоир худаш шинохта шудааст.

Дар шеъри «Кӯҳистон», ки дар китоби «Салом» дар идомаи манзумаи «Лозуркӯҳ» меояд [48, с. 5-18], ҳамин мавзуъ ба гунаи дигар идома дода шудааст, ки ин ҷо бештар хусусияти тавсифӣ ва тасвирӣ дорад ва баёни эҳсосот дида мешавад. Солҳои 2000 солҳои дар муҳоҷират буданаш шоир як қасидае дар пайравии қасидаи Хоқонии Шарвонӣ «Айвони Мадоин» ё «Харобаҳои Мадоин» сурудааст, ки дар китоби «Салом» бо номи «Ойинаи якрӯӣ» [48, с. 15-18] омадааст, ки ин ҳам асосан дар ҳамин мавзуи ҳифзи арзишҳои миллию таърихӣ ва бозгашт ба худшиносӣ, ба ҳувияти миллӣ аст.

Шеъри муфассал ва тӯлоние, ки дар мавзуи ваҳдати миллӣ, таърихӣ суруда шуда ва шеъри «Кабки дарӣ» мебошад, ки дар қолаби тарҷеъбанд гуфта шудааст ва байти тарҷеаш ин аст:

Ало кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ ? [48, с. 50].

Тасвири кабк ва умуман, образи кабкро шоир дар шеърҳои дигараш аз ҷумла, дар шеърҳои «Эй кинаҳо», «Сафо» истофода кардааст ва дар чанд ҷои дигар ба унвони як рамз, як символи миллии мо истифода кардааст. Мо медонем, ки кабк як парандаест зебо ва дорои лаҳне вижа, хусусан, барои мо – тоҷикон, бисёр маҳбуб ва як навъ ҷанбаи миллӣ низ пайдо кардааст. Чи чизҳоро шоир аз кабк истифода кардааст, барои ҳамчун мазҳари миллӣ, ё ки намоёнкунандаи хусусиятҳои миллии мо дар ин давра? Аввалан ин, ки кабк як ҷонвари бисёр покиза ва беолоиш аст. Дигар ин, ки бисёр ғаюр ва бисёр шуҷоъ аст, албатта, нисбат ба якдигараш. Се дигар ин, ки бисёр хонишу лаҳни зебо дорад. Вақте ки мо кабки дарӣ мегӯем, дарҳол ба ёди мо забонамон ба ёд меояд, яъне забони дарӣ ва дар айни ҳол он чизе, ки кабкро боз ба мо ошнотар мекунад, ҳамин аст. Вале шоир бисёр мутаассиф аст, ки: «Он чизе ки дар солҳои охир эҳсос мешавад ва боиси ин қадар шикасту рехти мо шуд, ана ҳамин ҳамситезӣ дар вуҷуди ин ҷонвар, яъне агар ду кабкро дар як фазо сар диҳем, онҳо ҳатман ба ҷанги якдигар шурӯъ мекунанд. Дар ҳоле ки аз тарафи бисёре аз ҷонварон, ҳатто дар зимистони

пурбарф, ана ҳамин ака, ғулбаҳо, зоғҳои сиёҳ онро шикор мекунанд, мехӯранд, яъне ин қадар бечора мешавад, вале ҳамин ки дутоашро сар додед, дар як муҳит онҳо ба ҷанги якдигар шурӯъ мекунанд».

Дар ғазали «Сафо» бо матлаъи

Эй кинаҳо, эй кинаҳо, берун равед аз синаҳо,
Чун занг аз ойинаҳо, ойинаҳои босафо [48, с. 111].

шоир ҳамин мазмунро чунин ифода кардааст:

Мо мисли кабкони ватан сайди ҳама зоғу заған,
Аммо ба ҳам минқорзан бо ғайрати бемунтаҳо.
[48, с. 111].

Вале дар ин ҷо ангезаи ин асар чизи дигаре буд. Чи хеле ки мо дар эпиграфи пеш аз матлаъи шеър мебинем, дар он ҷо шоир чунин овардааст: «Ба илҳом аз акси зебои кабке, ки аз Сурхандарё дар фазои интернет гузошта буданд ва чун ин байтро дар зераш навиштам, посух омад, ки:

На танҳо ёд дорем, барояш ҷон супорем!» [48, с. 50].

Баъдтар, вақте ки мо аз худи устод Р. Ваҳҳобзода ҳам инро пурсон шудем, дар ҷавоб худи устод ҳам дар ҳақиқат чунин тасдиқ карданд: «Дар фазои маҷозии интернет баъзан байтҳое мегузорам, муфрадот, байтҳои алоҳида ва як замон аз Сурхондарёи Ӯзбекистон касе сурати як кабкро гузошта буд, ки бисёр зебо буд, дар болои санг дар ҳолати хондан ва ман дар зери ин сурат навиштам, ки:

Ало кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Он касе, ки ин аксро гузошта буд, тоҷик будааст ва ӯ ин ишораи маро фаҳмид ва ин пеш аз ҳамоишҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон, маросимҳои дӯстона ва пештар аз барномаҳои байни ду кишвар буд ва он рафиқи сурхандарёӣ навишт, ки: « На танҳо ёд дорем, барояш ҷон супорем».

Ин як ангезае шуд, ки ин байт ба як тарҷеъбанди муфассал табдил ёфт».

Ин кабкро дар ин ҷо дар образи тоҷик ва хондани онро дар образи забони тоҷикӣ гузоштани шоир хеле ҳам мувофиқ ва табиӣ омадааст:

Туро аз даштҳо бар кӯҳ ронданд,

Зи кӯҳ дар коми сад домат кашонданд.

Калоғу каргасу калмурғу калход

Ҳама гаштанд бо ту душмани ҳод.

Навоят дар гулӯ печиду хун гашт

Ва хунат чун Сиёваш рехт дар ташт... [48, с. 50-51].

Дар ҳамин давра, як давраи ҷунбиши фикрӣ ва истиқлолхоҳӣ, худшиносии миллӣ, ки хеле авҷ гирифта буд, шоир боз манзума ё достони кӯтоҳи ғиноии дигареро бо номи «Тоҷикистон» сурудааст. Аз назари худи шоир аз ҳама дардноктарин шеъре, ки дар ҳамин давраи муҳоҷират гуфта шудааст, ҳамин суруд аст, ки меҳвари маънавии онро даъват ба ваҳдат ташкил медиҳад:

Тоҷикистон, захми носури дилам,

Тоҷикистон, ранҷи мақдури дилам.

Тоҷикистон, кӯлбори дарди мо,

Дар сари мижгони ҳасрат гарди мо.

Тоҷикистон, дашти ёҳуи ҷунун,

Киштии саргашта дар дарёи хун.

Тоҷикистон, маслахи номуси ишқ,

Пуштаи хокистари қақнуси ишқ.

Тоҷикистон, синаи садчоку реш,

Тоҷикистон, мусҳафи паҳну париш... [48, с. 26-31].

Дар ин шеър, ки мо ин ҷо бахше аз онро зикр намудем, шоир як мисраъ, яъне мисраи 16-умро аз Лоиқ Шералӣ ва ду мисраи охирро аз Мавлоно оварда, дар шеъри худ тазмин кардааст.

Ин манзума соли 1997 дар оғози ҳаракатҳо барои даъвати ҳамоиши миллӣ суруда шуда буд ва ин ҳам барномаи махсуси сиёсию фарҳангӣ надошт, балки асари як рӯъё, як хоб буд, ки дар ҳамин манзума, нақли ин хоб як пораи онро ташкил медиҳад, ки ин аз сари худи шоир гузашта буд ва ин ҷо аз тахайюли худ онро набофтааст. Ин маснавӣ, чи хеле ки худи устод Р. Ваҳҳобзода дар суҳбат ба мо иброз доштанд, «дар ҳақиқат, як хоб буда, як хоби воқеӣ, ки фазо ин қадар равшан шуд, ки хеле мавҷ мезад, ин навъ равшаниро ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ ҷо надидам

ва тасаввур ҳам карда наметавонам. Ҳис кардам, ки чизе дар осмон бол мезанад, болҳо мисли мавҷи рӯшноӣ ҳастанд ва мисли як сутуни бузурги баланди нуқрагин гардани ҳамон мурғ поин меояду чашмҳои калон-калони сиёҳ дорад ва дигар ҳама нур. Вақте ки бедор шудам, як эҳсоси аҷибе вуҷудамро фаро гирифта буд. Ман ҳамон ҷо дар хоб мегӯям, ки Симурғ аст, Симурғ аст, касе ҳаст мегӯяд, ки уқоб аст, ман мегӯям уқоб нест. Симурғ аст, уқоб ин хел намешавад, Симурғ аст. Воқеан, Симурғро хоб дидам»:

Дар шаби ҳаҷре пур аз биму умед,
Хоб медидам, ки симурғе сапед
Дар Ватан буд бар сари ман парфишон,
Аз фурӯғаш мавҷ мезад осмон.
Ман саропо ҳамчу як ҷоми булӯр
Мешудам саршор аз нуру сурур,
Дар канорам ё падар, ё пир буд,
Дар лаби мо ояти такбир буд.
Ё Худо, ин хобро таъбир деҳ,
Ё Худо, аз раҳматаш танвир деҳ... [48, с. 30].

Қисми дигари шеърро даъват ба ваҳдат ташкил медиҳад:

Эй бародар, дӯстӣ ё душманӣ,
Ин замон бо мо ба як пироҳанӣ.
Бар масал пироҳани мо меҳан аст,
Беш аз ин ҷону тани мо меҳан аст... [48, с. 28].

Ин шеър бори аввал дар ҳамон соли 1997 дар рӯзномаи ноҳиявии Рашт, ки он вақт ҳайати комиссияи миллӣ ба он ҷо сафар дошт, ба пешвози ин сафар чоп шуда буд. Шеърҳо ва умуман, ашъори дар ғурбат, дар муҳоҷират сурудаи шоир накҳати бӯи баҳор, умед ба ояндаи некбин дорад, ки аз қаъри дили шоир садо дода, ба умқи дилҳо мерасад. Ҷавҳари хирад ва ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар ашъораш ҳувайдо мегардад, ки дар онҳо масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ, ахлоқию маънавӣ бо тарзи хосси ифодаву баён инъикос гардида, ҷанбаи миллӣ ва худшиносии миллӣ доранд.

### 1.3.2. Шеъри нав

Бинобар он ки шеъри нав аз назари маърифати сохтор ва муҳтаво дорои вижагиҳои махсусе мебошад, тасмим гирифтем, то пеш аз баррасии анвои шеъри нав дар эҷодиёти Р. Ваҳҳобзода баъзе мулоҳизаҳоямонро оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик иброз намоем.

Истилоҳи «шеъри нав» (арӯзи нав), «арӯзи озод» ва «шеъри сафед» дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар ибтидои асри XX пайдо шуда, нимаи дуюми ин аср равшан ва маълум гардидааст. Чуноне ки Худоӣ Шарифов дар китоби «Балоғат ва суханварӣ» овардааст: «Шеъри классикии адабиёти тоҷик тартиби қатъии вазну қофия дорад… Дар асри бистум ба ин қолаби суннатӣ рахнаҳо зада шуд ва чунин асарҳоро шеъри озод гуфтаанд. Озодии ин навъи шеър дар он аст, ки вазн дорад, вале авзони мисраъҳо баробар нест, онҳо кӯтоҳу дарозанд. Қофия ҳам, ки нишонаи асосии навъи шеър буд, тартибу қонуни ягона надорад» [165, с. 240].

Гузашта аз ин, дар бораи таърихи пайдоиши шеъри нави тоҷикӣ ва нахустин гӯяндаи он дар байни адибону пажӯҳишгарон ақидаҳои гуногуни дигар ҳам вуҷуд дорад. Масалан, Раҳим Мусулмониён бар чунин ақида аст, ки муаллифи нахустин шеъри нав дар адабиёти тоҷик Мӯъмин Қаноат аст. Гулназар хидматҳои Мӯъмин Қаноатро дар поягузорӣ ва барқарории шеъри нави тоҷик бузург медонад, аммо ӯро ҳам «нахустин гӯяндаи шеъри нав» намеҳисобад [105, с. 15].

Ба ақидаи аксари пажӯҳишгарон, устод С. Айнӣ аввалин шоири тоҷик аст, ки ба сурудани шеъри нави дорои мавзуъҳои иҷтимоӣ гомҳои нахустин гузоштааст. Академик М.Шукуров дар ин замина менависад, ки «Истилоҳи шеъри нав дар адабиётшиносии тоҷик пас аз панҷоҳ соли дигар аз даҳаи шашум ва ҳафтуми қарни бист расм шуд ва аз Эрону Афғонистон омад. Вале пайдоиши он ба даҳаи аввали садаи бист тааллуқ дорад ва ба падидаҳои адабӣ чун нахустин шеърҳои Садриддин Айнӣ вобастааст» [164, с. 105-118].

С. Давронов тозакорию навпардозии Садриддин Айниро дар вазни шеъри «Марши ҳуррият» далел оварда, ӯро асосгузори ин навъи шеърӣ медонад ва таъкид мекунад, ки «Айнӣ ба туфайли ин суруд қонунҳои арӯзро ба оҳанги

суруди байналхалқӣ, яъне «Марселёз» мутобиқ кунонидааст, ки ин дар таърихи адабиёти тоҷик кашфиёти бузурге буд» [77, с. 256-257].

Рустам Ваҳҳобзода, ки худ аз ҷумлаи пажӯҳишгарони фаъоли шеъри муосири тоҷик аст, бархе аз ашъори Айниро ба унвони «муқаддимаи шеъри нави форсӣ» арзёбӣ кардааст. Ин муҳаққиқ бар он ақида аст, ки ҳарчанд асосгузори ин навъи шеър дар Эрон Нимо Юшиҷ дониста шудааст, вале бархе ашъори Садриддин Айниро низ метавон «муқаддимаи шеъри нави форсӣ» номид [53, с. 83].

Ба ақидаи Р. Ваҳҳобзода, ашъори нави Айнӣ дар ибтидои асри ХХ ва солҳо қабл аз ашъори маъруфи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ, вале тақрибан ба ҳамон сабки нимоӣ суруда шудааст [53, с. 84].

Агар сухан оид ба таърихи дақиқи суруда шудани шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик равад, пас, бино ба таъйиди Абдунабӣ Сатторзода, шеъри «Марши ҳурият»-и устод Садриддин Айнӣ соли 1918, «дар байни таърихи 22-юми октябр ва 7-уми ноябр, дар арафаи ҷашни яксолагии ғалабаи инқилоби октябрӣ [137, с. 12-13]» суруда шудааст. Таърихи расмии интишори шеъри мазкур «ба 17-уми сентябри 1919 милодӣ рост меояд» [106, с. 66].

Оид ба шеъри нави тоҷикӣ ва оғози он шоирон ҳам изҳори ақида кардаанд. Аз он ҷумла, Бозор Собир дар суҳбате бо Алиризо Қазва «худро нахустин сарояндаи шеъри нави тоҷик» [43, с. 14] донистааст, ки шоир Гулназар Келдӣ ин даъвои ӯро дуруст намеҳисобад [43, с. 14].

Масъалаи дигари мавриди назари мо ривоҷи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик мебошад. Оид ба ривоҷи шеъри нав дар адабиёти тоҷик муҳаққиқон Х. Шарифов, М. Шукуров, Р. Мусулмониён, А. Сатторов, Р. Ваҳҳобов, М. Нарзиқул ва дигарон андешаҳои худро баён кардаанд.

Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Куҳна ва нав» аз дастовардҳои шоирони тоҷик дар солҳои 50-60-уми асри ХХ ёдовар шуда, фаъолияти пурсамари устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва Мирзо Турсунзодаро дар шеъри нави тоҷикӣ қайд намудааст. Аз баррасиҳои ин муҳаққиқи тавоно бармеояд, ки дигаргуниҳои сифатӣ ва куллие, ки дар шеъри

навини тоҷикӣ дар он солҳо ворид гардидаанд, ба шарофати офаридаи шоироне, ба монанди М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Қ. Киром, Мастон, А. Сафар, Ғ.Сафарзода, Гулрухсор ва дигарон ба амал омадаанд [137, с. 66].

Адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул дар мақолаи «Перомуни шеъри нави тоҷикӣ ва арӯзи озод» [108, с. 65-75] баҳсҳо оид ба пайдоиши шеъри нав дар адабиёти тоҷикро баррасӣ карда, дар хусуси аввалин шеъри нави адабиёти муосири тоҷик баҳси мухтасаре карда, «пайдоиш ва таҳаввули шеърҳои дар қолаби авзони арӯзи озод суруда шуда дар Тоҷикистон»-ро ба ду марҳала ҷудо кардааст. Марҳалаи аввалин «ба фаъолияти шоирии устоди аллома Садриддин Айнӣ бастагӣ дорад» [108, с. 65]. Марҳалаи дуюм, бино ба тавзеҳи муаллиф, «бо ном ва кӯшиши шоирони тозанафас, ба монанди М. Қаноат, Б.Собир, Л. Шералӣ, Гулрухсор ва дигарон алоқаманд аст. Бо зуҳури ин шоирон ва ҳамсафону шогирдони эшон, ки яке пас аз дигаре шурӯъ аз нимаи дувуми даҳаи шастуми асри бист ба майдони адабиёт ворид гардидаанд, шеъри нимоӣ дар ҳавзаи адабии Тоҷикистон ҷойгоҳи худро устувор намуд» [108, с. 72-73].

Андешаҳои муҳаққиқи мазкур оид ба истилоҳи «шеъри нав» ва шинохти он низ ҷолиб аст. Бино ба ақидаи вай, «кӯшишҳои навҷӯёнаи устод Айнӣ ва шоирони муосири эшон дар қолаби арӯзи ҷадидро бо истилоҳи «шеъри нав» ёд мекунанд, аммо зери ин мафҳум шеъри нимоӣ мавриди назар нест, шеъри нимоӣ дар кишвари мо аз нимаи дувуми садаи бист ба баъд роиҷ мешавад» [108, с. 65].

Дар миёни андешаҳои муҳаққиқон масъалаи чигунагии сохтори шеъри нав ва чигунагии ифодаи муҳтаво дар он ҳам баҳс сурат гирифтааст. Масалан, Р.Мусулмониён оид ба сохтори шеъри нав ва ҳузури вазн дар он дар китоби «Назарияи адабиёт» чунин ибрози ақида намудааст: «Бо ду сухан моҳияти ҳодисаи нави вазн иборат аз ин аст, ки шоирони асри XX қолаби арӯзро шикастанд ва дар ин шиканиш бо анъанаҳои мавҷуда, ҳамчун мустазод, муталаввин, зубуҳур, баҳри тавил ва амсоли онҳо такя намуданд. Дар нимаи дуюми асри XX равшан шуд, ки шоирон арӯзро инкор накарда, балки имкониятҳои нави онро кашф намудаанд, яъне мисраъҳои шеърро аз рӯи талабот

ва ғунҷоиши мазмун дарозу кӯтоҳ кардан мумкин аст, чунончи, агар мисрае як тақтеъ бошад, дигараш шаш тақтеъ шуда метавонад» [105, с. 245].

Бино бар ақидаи донишманди мазкур, тағъироти рукнӣ бинобар эҳтиёҷе барои ифодаи сазовори мазмун содир шуда бошад, ҳодисаи мусбат аст, агар бидуни зарурат аз рӯи ҳавову ҳавас ба амал омада бошад, он албатта, ҳодисаи манфист. Дар сурати вайрон шудани таносуби рукнӣ таносуби оҳанги шеър низ халал меёбад, аммо шоири моҳир метавонад, ин халалро рафъ кунад [105, с. 245].

Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ» аз асари «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Амир Бурҳониддин Атоуллоҳ ибни Маҳмуди Ҳусайнӣ овардааст, ки ӯ шеърро ба ду қисмат карда, навъи аввалро «абёти дилпазир» ва ё шеъри «матбӯъ» ва навъи соиро «сухане нописандида» ва ё « шеъри мутакаллиф» меномад. «Матбӯъ шеъреро гӯянд, ки бинои он ба вазни мақбули тибоъи солим ва қофияи дуруст ниҳода бошанд ва алфози он хушоянда ва машҳуралистеъмол бошад…, забонзадаи мардум нашуда бошад…». Дар баёни навъи дуюм чунин фармудааст: «Мутакаллиф шеъреро гӯянд, ки бо такаллуф бар ҳам баста бошанд, баъзе абёте, ки мардум аз барои имтиҳон ё барои адои саноеъ гуфтаанд» [138, с. 121].

Агар аз рӯйи назарияи мазкур қиёс шавад, маълум мешавад, ки агар шоир бидуни вазну қофия аз рӯйи зарурат шеъри озод эҷод намуда бошад, ҳодисаи мусбат аст, вале агар аз рӯйи ҳавою ҳавас, шаклпарастию тақлиди анъанавӣ эҷоди ӯ сурат гирифта бошад, ҳодисаи манфӣ дониста мешавад.

Роҳҳои шикастани мисраъ дар шеъри муосири тоҷик ба суратҳои гуногун буда, ин масъала ҳанӯз баррасии ҷудогона нашудааст. Бинобар ин, то ҳанӯз назарияи ягонаи шинохти сохтори мисраъ дар шеъри арӯзи озод мушаххас нашудааст. Ба ҳар ҳол, муҳаққиқони тоҷик дар асоси шеъри шоирон баъзе суратҳоро мушаххас кардаанд. Аз ҷумла, дар мисоли шеъри зерини Б. Собир аз ҷониби Р. Мусулмониён таъкид шудааст, ки шоир дар шеъри «Мадду ҷазр» «ташбеҳкунандаеро, ки тамоми шеърро ҷамъбаст мекунад, дар ҳаҷми як рукн дар охир чун як мисраъ овардааст:

Худашро об меполад ба ин ҷозиба дар дарё

Ба ин ҷозиба дилҳо тоза мегардад

Чун дарё» [105, с. 247].

А. Ҳаким дар китоби «Шеър ва замон» оид ба масъалаи арӯзи озод баҳс ба миён оварда, навии шакли шеърро ба доираи васеи мазмун ҳам алоқаманд дониста, арӯзи озодро имконияти дигаре аз арӯзи анъанавӣ ба қалам додааст: «...навии шакл низ яке аз аломатҳои тозагии ҷаҳонфаҳмӣ ва идроки шоир аз воқеияту зиндагӣ аст [154, с. 14], дигар аз шохаҳои навоварӣ ҳоло аз сарчашмаи сероби робитаи адабиёти халқҳо об мехӯрад [154, с. 15]. Ҳамин муҳаққиқ, инчунин, қайд намудааст, ки ҳудуди арӯзи анъанавӣ фарохтар шуда, барои ташаккул ёфтани арӯзи тоза, ки ҳоло ба истилоҳ арӯзи озод аст, мусоидат мекунад [154, с. 23].

Шеъри сафед ҳам дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи муайян пайдо кардааст. Мо намунаи чунин шеърро дар эҷодиёти шоирони зиёде дучор мешавем, ки дар миёни онҳо аз ҳама зиёд шоир Доро Наҷот шеър сурудааст. Ин шеър ҳам ба воситаи ашъори шоирони эронӣ ба ҳавзаи адабии мо дохил шудааст. Дар бораи шеъри сафед ва шоирони сафедсарои тоҷик баъзе баҳсҳо сурат гирифтаанд, вале ҳанӯз кифоя намебошад. Мо шоҳиди баҳси миёни шоир Доро Наҷот ва адабиётшиносон У. Тоиров ва М. Солеҳов ҳастем [114, с. 7; 145, с. 6] ва аз он баҳсҳо маълум мешавад, ки шеъри сафед дар муҳити адабии Тоҷикистон ҳам ҷонибдорон дорад ва ҳам мухолифон. Ба ҳар сурат, бояд эътироф кард, ки шеъри сафед дар назми муосири тоҷик низ мақоми муносиби худро пайдо кардааст ва вижагиҳои худро доро мебошад.

Р. Ваҳҳобзода оид ба «шеъри сафед» дар рисолаи илмии хеш «Шеър ва дониш» маълумоти возеҳу саҳеҳтар додааст. Ӯ аз он ҷумла қайд намудааст, ки шеъри сафед дар адабиёти форсӣ шеъреро номидаанд, ки бидуни вазн аст ва тафовути аслии он аз он чи «нимоӣ» номидаанд, дар ҳамин аст… Бе вазн, аммо ҳатман бо лаҳну ритми муайян ва дигар унсурҳои оҳангсоз, ки онро аз наср ва ҳатто «шеъри мансур» тафовут медиҳад [53, с. 102].

Ӯ, инчунин, қайд намудааст, ки шеъри сафед дар назми тоҷик пеш аз он ки баҳсҳо сари ин мавзуъ дар Эрон сурат гирифт, ба майдон омадааст. Баъзе аз

намунаҳои назми Абулқосим Лоҳутӣ, хусусан тарҷумаи ӯ аз достони А. С. Пушкин «Моҳигир ва моҳии тилло» (агарчи то кунун бо «вазни ҳиҷо» муаррифӣ шудааст), дар қолаби шеъри сафед сурат гирифтааст [53, с. 102].

Шеъри сафедро дар Эрон бо номи Аҳмади Шомлу  мешиносанд, чунки оғози шеъри сафед дар адабиёти форсӣ расман аз маҷмуаи Аҳмади Шомлу «Ҳавои тоза» (1950) ба ҳисоб гирифта шудааст. Аҳмади Шомлу аз пайравони мактаби Нимо Юшиҷ буд ва Нимо ҳифзи арӯзро дар шеъри нав аз мабноҳои усулии назарияи худ эълон карда буд. Ба ҳукми маълуму расмшуда, баъди баҳсҳои тӯлонию гуфтугузорҳо нахустин гӯяндаи «шеъри нав» Нимо ва «шеъри озод» Шомлу дониста шудааст. Дигар шоирони маъруфи эронӣ дар он даврон низ шеъри нав, арӯзи нав, шеъри озод ва сафедро таҷриба кардаанд, ба монанди Фурӯғи Фаррухзод, Суҳроби Сипеҳрӣ, Меҳдӣ Ахавони Солис, Бежан Ҷалолӣ ва ғайраҳо.

Шеърияти шеъри сафед ба омилҳое вобаста аст, ки онҳоро дар танини калимаҳои шеър бояд ҷустуҷӯ кард.

С. Улуғзода дар баъзе қисми драмаҳояш аз ин навъи шеъри сафед истифода кардааст. Тарҷумаи драмаҳои драманависи англис Шекспирро А. Лоҳутӣ бо ҳамин навъи шеър анҷом додаст [154, с. 241].

Ҳамин тавр, аз баррасии анҷомшуда перомуни масъалаи оғози шеъри нави тоҷикӣ бармеояд, ки доир ба пайдоиш ва муаллифи нахустин шеъри нав дар адабиёти тоҷик то ба имрӯз назари ягона ва дақиқ вуҷуд надорад. Дар умум, бисёре аз адибону шоирон ва донишмандон, ба монанди С. Давронов, А. Satторзода, М. Шакурӣ, Р. Ваҳҳобзода ва  М. Нарзиқул устод С. Айниро дар навиштани «шеъри нав», талоши навгаройӣ ва сохторшиканӣ дар шеъри суннатӣ пештозу пешгом меҳисобанд [ 77, с. 256-257; 137, с. 14; 164, с. 105-118; 53, с. 45; 106, с. 69], ки мо ҳам ба ақидаи ҳамин гурӯҳи донишмандон мувофиқ буда, устод Айниро ҳамчун нахустин гӯяндаи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик мешиносем.

Ҳамин тавр, истилоҳи «шеъри нав» (арӯзи нав), «арӯзи озод» ва «шеъри сафед» дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар ибтидои асри XX пайдо шуда, дар адабиёти муосири тоҷик нимаи дуюми ин аср равшан ва маълум гардидааст.

Оид ба пайдоиш ва муаллифи нахустин шеъри нав дар адабиёти тоҷик то ба имрӯз бисёре аз адибону шоирон ва донишмандон изҳори назар карда, устод Садриддин Айниро ҳамчун нахустин гӯяндаи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик донистаанд. Шеъри нав ҳамчун қолаби арӯзи озод бо истилоҳи шеъри нимоӣ ё шеъри арӯзи озод дар адабиёти муосири тоҷик баъд аз солҳои шастуми асри бист расм шуда ва то имрӯз идома дорад. Вазъи имрӯзи шеъри арӯзи озод ба суратест, ки ҳам шоирони ҷавон ва ҳам наслҳои пешин ба чунин навъи шеър алоқаи зиёд доранд.

Баргардем ба асли мақсад, ки баррасии шеъри нав ва сафед дар эҷодиёти Р. Ваҳҳобзода мебошад. Дар адабиёти муосири тоҷик, бахусус замони Истиқлол, Р. Ваҳҳобзода аз ҷумлаи шоирони муваффақ ба ҳисоб меояд. Вай дар қолабҳои шеъри нав ва шеъри сафед ҳам асарҳо эҷод намуда, ҳамчун шоири навпардоз мақоми махсуси худро пайдо намудааст. Чуноне ки Камол Насрулло дар мақолаи худ «Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон…» мегӯяд, «шеъри нав (арӯзи нав, сапед) дар эҷодиёти Р. Ваҳҳобзода хусусиятҳои хосси худро дорад. Дар шеъри нави «Қонуни забон» шоир даҳ моддаи манзуми худро ба истиқболи тарҳи нави «Қонуни забони тоҷикӣ» пешниҳод мекунад ва дар ин шеъри баёни ошкоро низ ҷо-ҷо шоир тасвирҳои шиоромезу дар айни замон шоиронаро ба кор мебарад:

Ин забони осмонист,
Нардбони осмон аст.
Паллаҳои ояталкурсист,
Мояи рушду таъолист,
Шаҳпари андешаи олист,
Хуни озодӣ биҷӯшад дар раги ҳар вожаи нобаш,
Ҷовидон аз оби озодӣ бибояд дошт шодобаш [112, с. 10].

Аммо Камол Насрулло бозёфти шоиронаи шоирро дар ин шеър дар байти зерин таъкид намудааст:

Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё
Шаҳрванди Тоҷикистонанд [48, с. 55-56].

Дар озмуни «Забон – пояи миллат» сазовори ҷойи аввал дониста шудани ин шеър ҳам гувоҳӣ аз он аст, ки ин шеър ҳамчун асари мондагор эътироф шудааст.

Камол Насрулло ба шеърҳои «Ойина», «Меҳани наврӯз», «Охирин барф» ва «Ойинаи гургон» таъкид намуда, ин шеърҳоро ҳамчун ашъори рамзии хуб муаррифӣ карда, «шоистагиҳои маъноӣ ва тозагиҳо дар баёни мавзую тасвир» дар онҳоро ёдовар шудааст.

Зиндагиро шеър кардан ва ба ин восита шоири ҳамдарду ҳамсони ҷомеа будан аз ҷумлаи боризтарин махсусиятҳои шеъри нави Рустам Ваҳҳобзода аст. Масалан, аз мавзуи доғи рӯз пайгирӣ намудан ва мушкилоти мавҷудро мавриди таҳлилу тасвири бадеӣ қарор додан дар шеъри «Шоирон чӣ кор мекунанд?» (Посухи манзум ба як пурсиши мавҳум) равшан намудор мегардад. Мувофиқи тасвири шоир, он рафиқ шиква аз каму костии замона дорад, аз набудани барқу газ, оби гарм, нархҳои баланду роҳҳои хароб, фирори мағзҳо, уфтодани қурби рубл, баланду пастшавии дулор, содироти заифу воридоти беҳисоб, торумори иқтисод, набудани ҷойи кор ва маоши нокифоя, ор кардан аз корҳои кишоварзӣ, аз баландшавии нарху наво, нархи моддаҳои кимиёвӣ ва нархи нафту ҳосили зироат, ҳарчанд ки фаровон гаштааст, лек ба мардум бо нархи дастрас нестанд. Ҳар гоҳ ки дилаш аз ин бесарусомониҳо ба танг меояд, ӯ домангир аз шоирон мешавад. Он аз депутату вазирон не, балки аз шоирон ин ҳама суол мепурсад, ки чаро шумо ҳеҷ коре намекунеду паиислоҳи он тадбиру чорае намеандешед. Дар ҷавоб шоир ба он дӯсташ мефаҳмонад, ки шоирон соҳирони давру замон нестанд ва аз касби макру ҳилла даст сӯи осмон набурдаанд. Онҳо ҳам мисли мову ту асилзодагони ҳамин хоку об ва боду офтоб ҳастанд.

Шоир аз мардуми оддиву ранҷбар, ки ҳар яке ба касбу кори гуногун – мутарҷиму муҳаррир, муаллиму коргар, барзгару хабарнигор ва дастёрии ину он будани шоирон ҳадс зада ва ҷавоби мушаххас ба саволи бедардонаи пурсанда додааст:

... Бо вуҷуди ин ҳама
Шоирон
Поси субҳи равшани Ватан

Шуълаҳои ҷони хешро нисор мекунанд,

Зикри хайри рӯзгор мекунанд.

Рӯбарӯйи фитнаҳои охируззамон

Аз сухан ҳисор мекунанд.

Шоирон

Ба рағми қосидони ноумедии башар

Вопасин паёми эътимодро

Шиор мекунанд, –

Кор мекунанд! [48, с. 59-61].

Ҷаззобияти ин шеър сар то сари ҷавоби саволкунандаро, ки бино ба тасаввури ботили ӯ, гӯё шоирон ҳеҷ коре намекунанд, фаро гирифтааст ва шоир бо дарки шоирона мефаҳмонад, ки шоирон то як поси шаб ё то дами субҳ сари як нукта чӣ заҳматҳое намекашанд, то ин ки як сухани сара ва бикре бинависанд, ки ҳамшарику дардошнои дардҳои мардум бошад. Дуруст дар ҳамин маънӣ моҳияти шеъри нав ифода шудааст, ки нуктаи марказии он андешаи бо мушкилоти ҷомеа, бо рӯҳу равони мардум ошноӣ доштани шоири муосир мебошад.

Дар шеъри «Меҳани наврӯз» шоир шукӯҳу азамати ҷашни Наврӯзро дар риштаи назм кашида, аз таърихи он, аз сарсабзу хуррам гаштани табиат, аз нурпошии офтоб, аз ҳафт сину ҳафт шини хони наврӯзӣ ёдовар шуда, «садои булбулони ёсинхон»-у «ҳилоли моҳ» барин таъбирҳоро офаридааст, ки зеҳни хонандаро ба як диёри афсонавии биҳиштосо мебарад, ки дар ҳақиқат, инъикосгари Наврӯзи Ватан аст. Махсусан, мисраъҳои зерини ин шеър аз ҳамин дидгоҳ пуршукӯҳанд:

Ҳилоли моҳ дар ҳар чашмае чун моҳии тиллост,

Шакарнам метаровад аз насими шукр дар шабгир,

Саҳар хоби ту бо бишкуфтани гул мешавад таъбир,

Дар ин ҷо сурмаи шаб рӯшании дидаи рӯз аст,

Ба ҳар ойин, ки хоҳӣ,

Тоҷикистон,

Меҳани ҷовиди Наврӯз аст [36, с. 52-54].

Ҳафиз Раҳмон дар муқаддимаи китоби «Сарводаи Ватан» (Мунтахаби ашъори ватанияи Рустам Ваҳҳобзода) дар хусуси ашъори ватанияи шоир чунин ёдовар мешавад: «Аз гӯшаи имон будани ҳубби ватан баргирифта аз ҳадиси маъруф аст ва ҳамин маънӣ таҷаллӣ бо шарҳе шоирона дар порае аз шеъри «Ихлос»:

Дур аз ватан порае ноне тавон ёфт,
Бе ғами ту роҳати ҷоне тавон ёфт,
Бе ками ту чанду чандоне тавон ёфт.
Лек бе ту кист мегӯяд, ки имоне тавон ёфт?

[48, с. 80-81]

Шоир дар ин шеър ба ҳамватанони хеш, ки дур аз ватан, дар ғарибию мусофират умр бар сар мебаранд, гуфтанӣ аст, ки беватан ҳам дар дигар гӯшаи дунё метавон як пора ноне дарёфт ва шояд осоишу истироҳат ҳам пайдо намуд ё чанд вақте кам, ё беш ҳам бошад, аз зиндагии хуш баҳравар хоҳад шуд, аммо ғайр аз ватан бо дигар касе ё чизе наметавон эътиқоду эътимоде кард.

Чун дар бораи мавзуи истиқлол, умуман, мавзуи миллию меҳанию андешаи истиқлолу озодихоҳию ин мавзуъҳо суҳбат мешавад, устод Р. Ваҳҳобзода борҳо дар суҳбатҳои алоҳидаю баромадҳояш аз шеъри «Истиқлол" ёдовар мешавад, ки ин шеър дар замони худаш, яъне таърихи чопаш, ки соли 1990 аст, дар нахустин маҷмуаи шеърӣ, ки муштарак бо чанд нафари дигар бо номи «Калимаҳо» чоп шудааст, бо номи «Қиём» омадааст. Чунки он замон хусусан ба таври алоҳида бо номи «Истиқлол» чоп кардани ин шеър ҳанӯз мусоид набуд. Вале шоир як бо як ҷуръати беандозае баҳри озодию истиқлоли рӯҳию маънавии хешу меҳан гомҳои нахустини худро ниҳодааст. Баъдан ин номи воқеии шеър дар чопҳои баъдӣ гузошта шудааст ва «Истиқлол» воқеъан, ин як навъ хоҳиш ва талаби истиқлоли воқеии миллӣ аст, ки агар ба муҳтавои ин шеър таваҷҷуҳ кунед, ин маънии ошкор аст, ки дар он аз ҷумла, омадааст:

Барои ин Ватан,
то зиндаам,
дар хеш истиқлол мехоҳам.

Ва танҳо баъди фирӯзӣ чу фарзанди барӯмандаш

Саре бар мекунам аз қуллаи иқбол чун Хуршеду

Истиқбол мехоҳам [48, с. 89-90].

Чунонки аз муҳтаво ва зеру бами сухан дар порчаи мазкур бармеояд, дар ин шеър истиқлол, пеш аз ҳама, дар вуҷуди худ талаб мешавад, ки танҳо дар натиҷаи раҳоӣ ёфтан аз камбудиҳои маънавӣ, фикрӣ, эътиқодӣ ва равоншинохтӣ инсон метавонад, ки ба истиқлоли воқеъӣ бирасад, дар акси ҳол ӯ метавонад, дар як фазои истиқлол ҳам истиқлолият надошта бошад. Вале ба ҳар ҳол ин мафҳуми истиқлол дар ин ҷо ом аст, ҳам истиқлоли миллиро фаро мегирад, ҳам истиқлоли маънавиро, ҳам сиёсиро, ҳама навъи истиқлолро. Гузашта аз ин тасвирҳо ва андешаҳои ҷолиб, барои мо муҳим ин нукта аст, ки шоир чунин андешаҳои мондагорро маҳз дар қолаби шеъри нав ғунҷонида тавонистааст, ки ин масъала аз имконияти фарохи қолаби шеъри нав башорат медиҳад.

Аз назари сирф ҳунарӣ бигирем, шоир дар гуфтани шеър, аз ҷумла дар баёни андеша дар қолаби шеъри нав, ба ҷаҳони табиати зинда таваҷҷуҳ карда, барои гуфтани мазмунҳои шоирона дар навиштаҳояш зиёд майл дорад.

Шеъри дигар, ки «Биҷилгун» ном дорад, ба хурдтарин парандаи кӯҳистонии табиати диёри хеш, ки аз гунҷишк ҳам хурдтар асту бо номи биҷилгун шинохта мешавад, бахшида шудааст. Хосияту устодии ин паранда дар он аст, ки аз тору пашмҳо ва ҳар навъ чизи ба пашму пахта монанд, ки дар табиат пайдо мешавад, гирифта, як лонае месозад, ки ба ҷуробҳои рангину қашанги зебои бадахшонӣ монанд аст. Лонаи аз пашм ва ба таври махсус сохтаи биҷилгун дар шохчаҳои баланди дарахти лаби ҷар овезон мешавад ва ҳеҷ чиз ба ӯ наздик рафта, ӯро гирифтаю нобуд карда наметавонад. Албатта, ин як тасвире буда аз воқеъият, ки қаҳрамони лирикии шеър дар кӯҳ сайр мекард ва яке аз ҳамин гуна парандаҳо ба гумони он ки ба сӯи лонаи ӯ ҳаракат дораду ба чӯҷаҳои ӯ зарар хоҳад расонид, ҳуҷум мекунад ва болои сари ӯ сару садо баланд карда, таҳдид мекунад, ки аз ин ҷо дур шав:

Фасли тобистон

сайр дорам дар кӯҳистон

Як бичилгун мепарад ин суву он сӯ,
Мекунад бо ман ҳаёҳу...
Лонаат обод бодо,
Баччагонат шод бодо,
Қасди озорат надорам,
То абад корат надорам.
Меравам, то аз уфуқ паҳнои Меҳанро бубинам...
Меравам, бар қуллаи ин кӯҳ, шояд аз фароз,
Тири Орашро бубинам боз дар парвоз [48, с. 92]

Ин парандаи хурдакак як баҳонае ва ҷоннисории ӯ як ангезае мешавад барои тавлиди ин шеър. Шояд ин паранда як баҳонае буда барои чунин гуфтугӯи зебо. Ба ин мурғак мегӯяд, ки ту гумон мекунӣ, ки ба ишғоли лонаи монанди ҷӯроби ту меравам, дар ҳоле ки ман ду шаҳри бузурги худ, ба мисли Самарқанду Бухороро аз даст додааму ҳоло парвое надорам ва дар кӯҳ сайр карда гаштаам, омада ҳамин лонаи туро мегирам. Чун қуллаи кӯҳ меравам, то паҳнои кишварамро бубинам, меравам бар фарози ин кӯҳ, ки шояд аз он ҷо Ораш ё тири Орашро бубинам, ҳамон тире, ки аз қуллаи кӯҳ барои васеъ кардани марзҳои кишвари мо андохта шуда буд, яъне аз ин бузургтар шавад. Аз ҷиҳати дигар бингарем, ба ин парандаи хурдакак, яъне як чизи дар назари аввал назарногир таваҷҷуҳ намудани шоир аз борикбинию нозукандешӣ ва тахаюлоти рангини ӯ дарак медиҳад.

Нуктаи дигаре, ки дар ҳамин замина гуфтанист, он аст, ки гӯяндаи шеъри мавриди назар аз имконоти шеъри нав ба хубӣ огоҳ буда, аз сохтори ҳунарии он огоҳона истифода мекунад. Чуноне ки устод  Р. Ваҳҳобзода худ дар рисолаи илмӣ-омӯзишии худ «Шеър ва дониш» мегӯяд: «Шеъри нав (арӯзи нав) на танҳо арӯзро моҳиятан инкор накард, балки бисёр имконоти то ҳол нуҳуфта ва бакорнарафтаи арӯзро ошкор намуд ва ба кор андохт. Арӯзи нав ба таври барҷаста ва қатъиву ҳамапазир собит намуд, ки вазни арӯз дар ҳеҷ шароит ва ҳеҷ замоне маҳдуд, куҳна ва ғайри қобили истифода намегардад» [ 53, с. 80].

Шеърҳои дар қолаби шеъри нав сурудаи Р. Ваҳҳобзода аз назари таркиби сохторӣ ҳамгун нестанд, дар сохтори гуногун гуфта шудаанд. Шеъри «Қонуни забон» аз 10 банд ва 82 мисраъ, «Табарро» аз 12 банд ва 54 мисраъ, «Шоирон чӣ кор мекунанд?» аз 7 банд ва 73 мисраъ, «Пайкартарош» аз 4 банд ва 14 мисраъ, «То интизор ҳаст» аз 4 банд ва 18 мисраъ, «Ангорае бар девори ҳисори ной» аз 6 банд ва 47 мисраъ, «Ойина» аз 1 банд ва 14 мисраъ, «Ошёни меҳр» аз 6 банд ва 31 мисраъ, «Барф» аз 4 банд ва 28 мисраъ, «Меҳани Наврӯз» аз 12 банд ва 63 мисраъ, «Боғи Эшон» аз 13 банд ва 90 мисраъ, «Сомонгирд» аз 7 банд ва 43 мисраъ, «Охирин барф» аз 5 банд ва 44 мисраъ, «Дарди воло» аз 5 банд ва 23 мисраъ, «Ойини гургон» аз 9 банд ва 32 мисраъ, «Ихлос» аз 6 банд ва 23 мисраъ, «Соли нав» аз 5 банд ва 32 мисраъ, «Начвои як китоб» аз 7 банд ва 39 мисраъ, «Ҳубобфурӯш» аз 1 банд ва 13 мисраъ, «Паём» аз 4 банд ва 35 мисраъ, «Себи охирин» аз 5 банд ва 36 мисраъ, «Шоиро гиря макун» аз 1 банд ва 25 мисраъ, «Истиора» аз 1 банд ва 14 мисраъ, «Истиқлол» аз 5 банд ва 38 мисраъ, «Шеъри сапед» аз 1 банд ва 9 мисраъ, «Зимистон» аз 1 банд ва 15 мисраъ, «Дар сӯги тифли сурӣ» аз 1 банд ва 23 мисраъ, «Бичилгун» аз 3 банд ва 23 мисраъ иборат мебошанд.

Ин маҷмуа, дар умум, 988 мисраъ навъи «шеъри нав»-ро фарогир мебошад.

Дар маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» 5 номгӯй «шеъри нав» гирд оварда шудааст, аз ҷумла «Сомонгирд» – 43 мисраъ, «Меҳани Наврӯз» – 67 мисраъ, «Қиём» – 37 мисраъ, «Боғи Эшон» – 89 мисраъ, «Ангорае бар девори ҳисори Ной» – 47 мисраъро фаро гирифтааст, ки, дар умум, 283 мисраъ мебошанд.

Хулоса, шоири нуктасанҷ Р. Ваҳҳобзода дар навъи шеъри нав ҳам муваффақ шудааст, ки бо услуби баён ва завқу салиқаи ба худ хос, тозаандешӣ, навҷӯию тозагӯйиҳо беҳтарин тасвиру ташбеҳҳои равону барҷаста, баёни шево ва возеҳу ошкоро аз гулзори маърифати эҷоди худ хонандаро баҳравар намояд.

Навъи дигари шеъри нав қолаби шеъри сафед мебошад, ки он ҳам вижагиҳои ба худ хоссеро доро мебошад. Шеъри сафед, мувофиқи таҳқиқи донишмандон, аз эҷодиёти Аҳмади Шомлу оғоз гардида, дар ашъори дигар шоирони маъруф низ дида мешавад. Шоирони тоҷик ҳам дар қолаби шеъри сафед

табъозмоӣ кардаанд. Дар шеъри муосири тоҷик, чуноне ки пештар гуфтем, аз рӯйи таъйиди донишмандону адибон, шоири муваффақ дар сурудани шеъри сафед Доро Наҷот мебошад. Қисми зиёди эҷодиёти пурмаҳсули ин шоирро дар солҳои охир шеъри сафед ташкил медиҳад.

Дар эҷодиёти устод Рустам Ваҳҳобзода низ мо ба шеърҳое вомехурем, ки ба навъи «шеъри сафед» эҷод шудаанд. Нахустин шеъри сафеди Рустам Ваҳҳобзода дар дафтари «Калимаҳо» дучор мешавад, ки дар маҷмуаи дастҷамъонаи «Навниҳолони боғи адабиёт», ки соли 1990 дар нашриёти «Адиб» рӯи чоп омадааст, ҷой дода шудааст. Ин шеър чунин оғоз меёбад:

Гоҳе ки мижа боз мекунӣ,
гӯё ки аз даруни бешаи links мармузи Афсона
Хуршед медамад [34, с. 127].

Дар саҳифаи шеърҳои кӯтоҳи маҷмуаи «Салом» бо шеъри сафед вомехӯрем, ба монанди шеъри «Асолат» [48, с. 173], «Паранда» [48, с. 183], «Насиҳат» [48, с. 189], ки мазмуни баланди ахлоқӣ, тарбиявӣ, эстетикӣ ва фолклорӣ доранд. Дар ҳақиқат, ин шеърҳо бо назарияи зерин, ки гӯянда худ ироа кардааст, мувофиқати том доранд:

«Шеъри сапеди муваффақ бо табиият ва самияти баён, бо ҷанбаҳои шигифтангезе, ки аз нафси воқеияти мавриди тасвир бармехезад, бо лаҳни худ, зарби муносиби калимаҳо, вазни андешаҳо, мавҷи густардаи эҳсосот, воқеан, моро аз пурсуҷӯ дар шаклу қолаби хориҷии шеър фориғ ва комилан ба худ маҷзуб месозад» [53, с. 106-107].

Шеъри сафед ҳам имконияти зиёди баёни андеша ва майдони ҷилваи ҳунари шоирона дорад. Шоир Доро Наҷот, ки худ аз саромадони шеъри сафед дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад, оид ба «шеъри сафед» чунин ибрози ақида намудааст: «Имрӯз шеъри сапед имконоте дорад, ки тамоми дастовардҳои романтизм, нотурилёлизм, сурриёлизм, риёлизм, футуризм ва ҷараёнҳои дигарро фарогир бошад. Аз ин рӯ, бо равишҳои шеъри воқеъӣ, тахайюлӣ, ирфонӣ, қуръонӣ рушд кардааст ва ҳадафе бузург дорад, ки он ҳам ба наздику ягона кардани тамаддуну тафаккурҳои башарист...» [114, с. 7].

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулосае бармеоем, ки шеъри озод дар пеши шоир як масъулияти вазнину қатъиеро мегузорад, ки шоир ба образнокии маънавӣ, ташбеҳу тасвири пуробуранг ва маънии амиқи мазмуни баланди он шеърро таъмин намояд, то ин ки ҷойи вазну кофия ва дигар аломатҳои зоҳирии шеърро пур карда, хонандаро қонеъ карда тавонад.

Ҳамин тавр, аз баррасии мавзуи мавриди назар бармеояд, ки Рустам Ваҳҳобзода ба навъҳои шеърии нав таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар қолабҳои арӯзи озод (шеъри нимоӣ) ва шеъри сафед (шеъри шомлуӣ) низ шеърҳои хуби мондагор эҷод кардааст. Вай дар гуфтани шеъри нав аз таҷрибаи шоирони муосири тоҷик дар аввалаи садаи бистум, аз устод С. Айнӣ сар карда то Абулқосим  Лоҳутию Ҳабиб Юсуфӣ ва Пайрав Сулаймонӣ, баъдан аз эҷодиёти М . Турсунзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Лоиқ, Б. Собир, Гулрухсор, аз як тараф, таҷрибаи шоирони навпардози хориҷӣ, аз ҷумла шоирони Эрону Афғонистон, аз ҷониби дигар, истифода карда ва муваффақ шудааст. Сирри муваффақияти Рустам Ваҳҳобзодаро дар гуфтани шеъри нав бояд аз он ҳам ҷустуҷӯ кард, ки вай ҳамчун адабиётшинос аз назарияи шеъри нав ва масъалаҳои мубоҳисавии он огоҳии фарох дошта, дар навбати худ, перомуни масъалаҳои шеъри нав асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф кардааст.

### 1.3.3. Ашъори суннатӣ

#### 1.3.3.1. Ғазал

Ғазал яке аз навъҳои қадимаи шеъри тоҷик буда, дар ашъори шоирони асримиёнагӣ ва муосир мавқеи муайян дорад. Ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз шакли ғазал асосан собит мондааст, вале аз назари забон ва сохтори ҳунарӣ фарқиятҳо ба назар мерасанд. Ба ин масъала адабиётшиносон таваҷҷуҳ кардаанд. Масалан, оид ба ин масъала Ш. Ҳусейнзода чунин андешаронӣ намудааст: «Шоир дар ғазал калимаҳои дурушт ва алфози хушк ва садодорро ба кор намебарад. Балки калимаҳое истеъмол мекунад, ки бештар латофат ва равонӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, забони ғазал ва қасида ҳамеша аз якдигар фарқ доштааст [159, с. 171]. Х. Шарифов дар китоби «Балоғат ва суханварӣ» чунин овардааст: «Маънои калимаи

ғазал дар луғат ба маънои ишқбозӣ, қиссаи ишқу ошиқӣ омадааст. Мавзуи ғазали истилоҳӣ бештар ишқу ошиқӣ аст ва бинобар онро ғазал номидаанд»[165, с. 198-199]. Дар ин маврид Раҳим Мусулмониён низ ба Худоӣ Шарифов ҳамфикр буда, ғазалро чунин шарҳ додааст: «Ғазал дар луғат изҳори ишқу муҳаббат кардан аст... Ин маънии таърихии истилоҳ мебошад, ки онро академик А. Мирзоев кашф кард ва ин ақидаҳои муаллиф дар асарҳои ӯ «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV [101, с. 71-72] ва дар маҷмуаи «Сездаҳ мақола» [102, с. 5-52] чоп шудааст. [105, с. 169].

Яке аз фолклоршиносони машҳури тоҷик Раҷаб Амонов низ роҷеъ ба ин жанри лирикӣ назари худро баён доштааст [10, с. 357].

Аскар Ҳаким оид ба ин жанри шеърӣ фикру ақоиди хешро чунин баён намудааст: «Агар рубоӣ эҷоди мардуми форсизабон буда, аз онҳо ба арабҳо гузашта бошад, ғазал баръакс. Он аз арабҳо ба шеъри мардуми форсизабон омада, он қадар ба таъсири адабиёти лафзӣ ва шеъри ин миллатҳо монда, он қадар ба онҳо омезиш ёфтааст, ки бегонагии он дигар ҳеҷ ҳис карда намешавад... Чунонки медонем, рубоӣ вазни хос дорад..., ғазал бошад не, вай вазни хос надорад ва дар вазнҳои бисёр суруда мешавад. Агар В. Е. Холшевинков [152, с. 132] тамоми рубоиро бо як байти ғазал муқоиса карданӣ бошад, нодуруст рафтор мекунад, зеро ду жанрро дар шакли комилашон муқоиса бояд кард, на ин ки комили якею ҷузъи дигареро» [154, с. 207].

Аммо назари Нодири Нодирпур ба жанри ғазал моро ба фаҳмиши наве аз ин шакли шеърӣ дар давраи муосир раҳнамо месозад. Ин шоири тавоно дар хусуси жанри ғазал андешаи худро чунин баён доштаст: «Манзур аз ғазал як навъ сухани нарму диловез ва ошиқона аст. Инро мо метавонем, имрӯз пайравӣ бикунем, на ин ки шакли хоси ғазалро...»[115, с. 141].

Аз ин суханон бармеояд, ки барои шоири муҳим аз суннати жанри ғазал, пеш аз ҳама, дарунмоя ва тариқи ҳунарии ироаи паём аст, ки бояд нарму диловезу ошиқона гуфта шавад. Талаботи аслии каломи бадеъ ҳам ҳамин аст.

Ҳамин тавр, ғазал ҳам дар гузашта ва ҳам дар замони муосир яке аз навъҳои писандида ва дӯстдоштании мардуми форсинажод буда, дар ин навъи шеърӣ

қариб тамоми шоирони классику муосир табъозмоӣ намудаанд. Аз шоирони классик аз ҳама бештар Ҳофизи Шерозӣ ва Саъдии Шерозӣ дар ин ҷабҳа бештар ҳунари шоирии хешро нишон додаанд, ки ҳамчун шоирони бузурги ғазалсаро шинохта ва эътироф шудаанд. Дар ин хусус Шиблии Нӯъмонӣ чунин изҳор доштааст: «Таронаи ишқу ошиқӣ сарлавҳаи ифтихороти шеъру шоирии забони форсӣ шумурда мешавад ва ҷои тардид нест, ки румузу асрор ва розу ниёзу сӯзу гудози ишқу ошиқӣ дар шуарои форсӣ ба дараҷае қашангу рангину дилфиреб баён шудааст, ки назири он дар ҳеҷ яке аз забонҳои дигари дунё пайдо намешавад. Гарчи Хоҷа Ҳофиз дар ин маънӣ шухрате босазо ёфт, вале бояд донист, ки бунёди онро Шайх (манзур Саъдии Шерозӣ – М. С.) ниҳодааст ва роҳро ӯ барои ояндагон софу ҳамвор кардааст. Баъд аз Шайх, агарчи ғазал равнақи босазо пайдо намуда, хоса Хоҷа Ҳофиз ин кохро ба қадре муртафеъ сохт, ки тоири хаёл ҳам натавонист, то кунун ба он бирасад...» [117, с. 302].

Дар таърихи адабиёти классики форсу тоҷик ба ҷуз шоирони ғазалсарои мазкур шоирони тавони дигар ҳам гузаштаанд, ки аз устод Рӯдакӣ то Зуфархон Ҷавҳарӣ дар жанри ғазал доди сухан дода, намунаҳои олии онро офаридаанд.

Дар адабиёти муосир низ ғазал мавқеи муайян дорад. Сарфи назар аз он ки муддате ин навъи шеърӣ ҳам «феодалӣ» эълом гардида буд, шоирони муосири тоҷик дар ин қолаб шеър сурудаанд. Махсусан, дар ташаккули ин жанри шеърӣ дар давраи нав хизмати С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ ва М.Турсунзода хеле калон аст, баъдтар дар ашъори шоирони ҷавон, хусусан, дар эҷодиёти Лоиқ ва дигар шоирони ҷавони баъдӣ ғазал мавқеи асосӣ пайдо карда, бо ташбеҳҳои тозаю тар мушаххас мешавад.

М. Давлатов дар сарсухани китоби «Ғазалҳо» оид ба ин жанри шеърии суннатӣ чунин арза намудааст: «Равшан аст, ки шакли шеърии ғазал мувофиқ ба ҳаҷми худ бор мебардорад. Вале шоир дар ҳаҷми кӯтоҳи он бояд чунин ҳунар, меҳнат ба харҷ диҳад, ки хонандаро ба ҳаяҷон оварад, завқ бахшад, аз ин ва ё он ҷиҳат ба кас таъсире расонад... Муҳаққиқони ғазал гуфтаанд, ки дар ғазал байтпуркунӣ нашояд. Ҳар байти он барҷаставу ҳадафрас бошад... Аз ҷумла, чунин ғазалҳои солҳои охири ҳаёти М. Турсунзода «Шиквае аз ту надорам асри ман»,

«Чашми ман серӣ надорад аз тамошои замин», «Зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо», «Чӯпон ба сари кӯҳ чаридан рама дорад» ва ғайраҳо мисоли барҷаста мебошанд [76, с. 4-5].

Дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода низ ғазал мавқеи назаррас дорад. Дар маҷмуаи «Калимаҳо»-и шоир ба 15 ғазал дучор мешавем, дар китоби «Шаҳри Хуршед» бошад, чунин шеърҳои шоир дар қисми алоҳидаи ин китоб бо номи «Чиҳил ғазал» омадааст, ки нодуруст номгузорӣ ва ҷойгузорӣ шудаст, чунки дар ин қисмат 41 ғазали шоир ҷойгир карда шуда, дар қисмати «Хилвати дил»-и ин маҷмуа 4 ғазали дигари шоир бо номи «Пос», «Ба паямбарситезон», «Даравгарон» ва «Дарахти бовар»оварда шудааст, ки дар қисмати ғазалҳо наомадаанд.

Маҷмуаи «Салом»-и шоир аз маҷмуаҳои пештар чопшуда мукамалтар буда, қариб аксари шеърҳои он маҷмуаҳо дар ин китоб такроран рӯйи чоп омадаанд. Дар ин китоби шоир Р. Ваҳҳобзода ғайр аз сисилағазалҳои «Шаҳри Хуршед», ки 91 байтро дар бар мегирад, боз дар фасли «Ғазалиёт»-и ин китоб 114 ғазал ҷой дода шудааст, ки 867 байтро фаро гирифта, аксарияти онҳо 5-6, 7-8 ва 9 байтӣ ва аз ҳама зиёдтараш ғазали «Адаб» аст, ки аз 27 байт иборат буда, дар пайравии ғазали Мавлоно «Оят-оят ҳамагӣ маънии Қуръон адаб аст» навишта шудааст. Ғазали «Ба пойи Бесутун» аз 6 байт ва яккамисраи алоҳида ва «Қиблаи нахустин» аз 8 байт иборат буда, он низ яккамисраи алоҳида дорад, ки барои тақвият додани фикр ва ҷамъбасти шеъри бардавом мусоидат мекунад.

Чунонки аз омори мазкур маълум мешавад, оҳиста-оҳиста дар эҷодиёти шоир жанри ғазал мукаммал гардида, ҳам аз назари сохтор (овардани яккамисроъҳо), ҳам муҳтаво ва ҳам тарзи баён тозакориҳо ба мушоҳида мерасад. Чунин тозакориҳо яке аз вижагиҳои шеъри Рустам Ваҳҳобзода ва навоварӣ дар жанри ғазал мебошад. Дар умум, шеърҳои бо навъи ғазалиёт овардашуда дар китоби «Салом» як қисми зиёд ва муҳимми эҷодиёти Рустам Ваҳозодаро фаро мегирад, сарфи назар аз сисилағазалҳои «Шаҳри Хуршед», ки дар қисмати манзумаҳо ба назар гирифта шудааст, фарогири 867 байт ва 1734 мисраъ мебошанд.

Силсилаи ғазалҳоеро, ки шоир онҳоро бо номи «Шаҳри Хуршед» фароҳам овардааст, аз назари ҷобаҷокунӣ ва равиши баён бисёр ҷолиб ҳастанд. Онҳоро мешавад, як асари алоҳида ҳисобид, ки иборат аз чанд банд буда, бандҳо ба сурати ғазал суруда шуда, ҳар кадом банд бо як байт ё шоҳбайт хатм меёбад. Ҳар банд бо як байте, ки ҳар ду мисраи он қофия дорад, яъне ба сурати матлаъи ғазал гуфта шудааст, дар охири ғазал меояд.

Чунин тарзи баён ва ироаи паём дар эҷодиёти Р. Ваҳҳобзода як таҷрибаи тозае ба ҳисоб меояд, ки аз шеъри шоирони машҳури адабиёти асримиёнагии тоҷик сарчашма мегирад. Барои мисол, агар ба ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ таваҷҷуҳ шавад, монанд ба ибтикороти мазкур баъзе навигариҳо ба назар мерасад, вале бар мабнои пайванди як мавзуъ ғазали силсиламонанд гуфтани Р. Ваҳҳобзода иқдоми ҷадид аст. Чунин сохтори ҳунарӣ, пеш аз ҳама, аз талаботи мавзуъ бармеояд. Ба назар мерасад, ки шоир бо мақсади ироаи паёми муҳимме қалам ба даст мегирад, вале мутаваҷҷеҳ мешавад, ки мавзуъро дар қолаби як ғазал намешавад ба тамомӣ баён кард. Бинобар ҳамин, зарурати густариши он пеш меояд, ки дар натиҷа дар як мавзуъ чанд шеъри ғазал месарояд. Албатта, ин мавзуъ боз ҳамон мавзуи худшиносии миллӣ, ҳофизаи таърихӣ ва ваҳдати миллӣ аст, ки дар коргоҳи эҷодии шоир мавқеи аввалиндараҷа касб кардааст. Ҳамин тавр, чунин рафтори шоир як ҳаракати тоза ҳаст, ки бо номи умумии «Шаҳри Хуршед» ҷамъбаст шуда ва дар шеъри муосири тоҷик кори нисбатан тоза ҳам аст, ки таърихи хатми он соли 2006 мебошад.

Бинобар фарогирии мазомини воло ва наву тоза будани шеърҳои таркиби силсилағазалҳои «Шаҳри Хуршед» бисёре аз байтҳои он ҳамчун шоҳбайтҳо дар зеҳн мондагору ҷовидонаанд, ба мисли намунаҳои зерин:

Чун барам қатра бар он қавм, ки Кавсар дорад,
Чӣ кунад ҳарфи маро, он ки Паямбар дорад?!

[48, с. 41].

Ва:

Аз сухан гӯши ҷаҳон кар шуда, коре бояд,
Таҳи ин хирмани фарсуда шароре бояд.

[48. с. 42].

Ва ё:

Доварон, ки ба сухан590 появу пуштанд туро,
Мекушандат ба гуноҳе, ки накуштанд туро?

[48. с. 42].

Монанд ба намунаҳои фавқ ғазалҳои дигари шоир Рустам Ваҳҳобзода низ маъною мазомини баланд дошта, мавзуъҳои гуногуни ҳаётиро дар бар мегиранд. Дар китоби «Салом»-и шоир, ки он ба фаслҳо ҷудо карда шудааст, фасли «Ғазалиёт»-ҳо бо ғазали «Рӯҳи қалам» оғоз меёбад, ки дар ин хусус Камол Насрулло ақидаи хешро чунин баён намудааст: «Рустам Ваҳҳобзода дар ғазалиёт андешаронихо ва тасвирҷӯиҳои тозаву шоиронаи худро комёбона идома медиҳад. Дар ғазали «Рӯҳи қалам» кредои шоирии худро, ки чун қасам садо медиҳад, хеле қатъӣ ва бо бовар изҳор медорад ва бо ин масъулияти хеле баландро ба зимма мегирад:

Қасам ба рӯҳи қалам, нораво нахоҳам гуфт,
Ҳар он сухан, ки нахоҳад Худо, нахоҳам гуфт.
Қасам ба ҷони сухан, то замони қатъи нафас
Агар ҳаво надиҳанд, аз ҳаво нахоҳам гуфт».

Ва чунонки хоси шеъри ӯст, дар ин силсила ғазалу байтҳо ҳама боре аз андешаву армон мекашанд ва бе ҳадаф, чи хеле худи шоир мегӯяд, аз ҳаво нестанд ва хонандаро талқину раҳнамоӣ ба хубиҳову некиҳову ормонҳои наҷиб мекунанд...»[112, с. 10].

Дар ғазалҳои Р. Ваҳҳобзода санъати талмеҳ фаровон истифода бурда шудааст, ки ин аз огоҳии хуби шоир аз таърихи гузаштагонамон гувоҳӣ медиҳад. Талмеҳ иборат аст аз ишорат кардан дар мазмуни калом ба қиссаи машҳур ё шеъри нодири машҳур, ё масале машҳур.... ва талмеҳ дар луғат – назар сӯи чизе афкандан аст [156, с. 84-85]. Масалан дар ғазали «Рӯҳи қалам»-и шоир дар байтҳои зерин бо ташбеҳ рӯ ба рӯ ҳастем:

Ҷаҳон гирифта нидои «аласт?!» сартосар,
Миёни сели бало ҷуз «бало!» нахоҳам гуфт.[1]

Агарчи дар ҳама офоқ қаҳти меҳру вафост,

Ба ҷуз ҳикояти он ошно нахоҳам гуфт.

[48, с. 93].

Дар повараҷи ҳамин саҳифа калимаи «бало» чунин шарҳ дода шудааст: «Ишора ба аҳди Азал – Қола: аласту бираббикум?1! Қолу: Бало! (Худованд фармуд: Магар Парвардигори шумо нестам?! Гуфтанд: Бале! (ҳастӣ).

Аз рӯи ин гуфтаҳо маълум мешавад, шоир ин ҷо калимаи «бало»-ро ба маънои «бале» овардааст. Мисраи охири ғазали дар ин ҷо овардаамон аз Ҳофизи Шерозӣ аст, ки шоир онро ба шеъри худ бо каме тағйир аз роҳи тазмин ворид кардааст.

Зимнан, аз роҳи тазмин ба шеъри шоирони тавоно назар доштан яке аз махсусиятҳои эҷодии Рустам Ваҳҳобзода дар гуфтани ғазал мебошад. Ин аст, ки ӯ барои тақвияи фикр ва амиқу барҷаста ифода намудани мақсади худ ба эҷодиёти пурғановати адабиёти гузашта такя намуда, дар баъзе ғазалҳояш аз мисраъ ё байтҳои шоирони маъруфу машҳури классик шоҳбайтеро намуна оварда, тазмин намудааст ё дар оғози шеърҳояш ҳамчун матлаъ овардааст. Аз байтҳои Ҳофизи Шерозӣ дар ғазали «Рӯҳи қалам», «Авҷи шаҳомат», «Одамият», «Қиблаи нахустин», «Ёдбод», «Шукӯҳи умед» аз Саъдӣ дар ғазали «Одамият», «Халқ механдаду ман мегирям» аз Мавлоно дар ғазали «Муноҷот», «Адаб» аз Иқбол дар ғазали «Порсӣ Фирдавсӣ мардони Худост», аз Бедил «Лабханди ту» ва дигар аҳодису асотирро низ дар ғазалҳои худ оварда, тазмин нмудааст, ки хеле моҳирона ва ба мавқеъ истифода шудаанд.

Дар ғазали «Меҳан» шоир аз меҳр бар хоки ватан ва посдории он, аз порсоӣ ва лавҳи паймондории халқи худ, ки чун муҳри сабзи Худованд аст, аз парчамдорию Ориёӣ будани Меҳан ҳарф задааст, ки мазмун бо як ҳисси баланди меҳандӯстию меҳанпарварӣ суруда шудааст:

Лавҳи паймони ту дорад муҳри сабзи Худо,

Меҳан,

Санги кӯҳат ба сар бодам, гар бипӯям хато,

Меҳан.

Пок ойинаи ойин реша дар хоки ту дорад,

Меҳр бо хоки поки туст суннати Мустафо, меҳан[1]...

[48, с . 94].

Дар мисраи охири дар байти ин ҷо овардаамон санъати талмеҳ омадааст, ки дар повараки ҳамин саҳифа чунин оварда шудааст: «Ишора ба ҳадиси Паёмбар(с), ки фармуда: «Дӯст доштани ватан аз гӯшаи имон аст» [48, с. 94], ки ин яке аз ҳадисҳои хеле маъмулу машҳур дар байни халқ ва дӯстдоштанию шиоромези ҳар як фарди соҳибватан аст. Дар ғазали «Қадр» ишора ба ҳамон шаби қадр аст, ки дар охири моҳи муборaки рамазон, ба тахмини наздик ба шаби 27-уми рамазон аст, ки мардуми мусалмон дар он шаб намехобанд. Ҳар як шахси бедордилу боэътиқод то саҳар бо эътимоди зиёд бо тасбеҳу таровеҳу дуо машғул аст. Шоир ана ҳамин шабро шаби нуру сурури зиё ва беҳтар аз ҳазорон моҳ номидааст, ки мурочиаткунон ба фалак мегӯяд, ки ту бо Зуҳалу Зуҳраву Хуршед маноз, ки ту имшаб аз они моӣ:

Дили бедор, пур аз савту салоӣ имшаб,

Ҳама тасбеҳу таровеҳу дуъоӣ имшаб.

Ҳар чӣ аз моҳ бикоҳад, ба ту меафзояд,

Ҳама нурию сурурию зиёӣ имшаб...

Ба сарои ту фуруд омада мурғони ҷинон,[1]

Ҳайф бошад, ту пари ҷон накушоӣ имшаб...

[48, с. 108].

Дар мисраи панҷуми ин шеър ишора ба ояти каримаи «Таназаллул малоикату варрӯҳу фиҳо би изни Раббиҳим мин кулли амр (Ва дар он шаб фуруд омаданд фариштаҳо ва Рӯҳ ба изни Парвардигорашон барои ҳама корҳо) навишта шудааст, ки бино ба ривояте, ҳама фариштагон дар ин шаб аз осмон нузул мекунанд.

Дар байти зерини ғазали «Сафо» санъати талмеҳ истифода шудааст:

...То чанд гӯри ҳам канем, то чанд доми ҳам танем,

Охир на аз Оҳарманем, эй баччаҳои Моҳаво[1]...

[48, с. 111].

Дар повараки ин саҳифа низ оварда шудааст, ки мисраи охири ин байт таъбири мардумӣ аз исми мубораки ҳазрати Ҳавво мебошад.

Ғазали «Ба пойи Бесутун»-ро метавон ҳамчун суруди ватандӯстона, ҳамчун шиор истифода намуд. Ҳафиз Раҳмон низ ин шеърро ҳамчун «шеъри ба истилоҳ сентименталӣ» ва ҳар байте аз онро чун «шоҳбайт» номидааст [136, с. 12], ки, дар воқеъ, чунин аст:

На сар гуфтам, на по гуфтам, на ҷон гуфтам, на тан гуфтам,
Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам...
Сапедиҳои чашми интизорамро саҳар дидам,
Насим ар бӯйи хун овард, бӯйи пираҳан гуфтам.
Ҷунунамро чу Маҷнун нозиши саҳро надонистам,
Ба пойи Бесутун истодаму аз Кӯҳкан гуфтам...

[48, с. 110-111].

Дар ин ғазал низ шоир аз санъати талмеҳ фаровон истифода намудааст.

Шоир дар ғазалҳои худ бештар ситоиш ва парастиш аз Меҳан дорад. Чуноне ки пештар низ гуфта будем, шеъри нахустини шоир Рустам Ваҳҳобзода аз ситоиши Ватан оғоз гардидааст.

Дар ёздаҳ ғазали ҷудогонаю махсус мазмунҳои васфи ватанхоҳию ватанпарастӣ ҷой дода шудаанд, ки аз он миён шеърҳои «Меҳан», «Ватан», «Меҳрнома», «Ба пойи Бесутун», «Сафо», «Ба ёди гӯшае», «Намози дил», «Тасбеҳи ашк» ва монанди инҳоро метавон номбар намуд, ки саропо ситоишу ниёиши ватан доранд. Шоир дар сар то сари эҷодиёташ ва дар ҳамаи навъҳои шеърӣ ҳамин мавзуъро пайгирӣ намудааст, ки аз чунин ашъор бӯйи накҳати баҳори Ватан, ҷаҳон-ҷаҳон меҳру ихлоси бепоён ба ин сарзамини аҷдодӣ аён мегардад.

Ҳамин тавр, ғазалҳои шоир мазмуну мундариҷаи воло дошта, шоир дар ироаи паёмҳои ҷовидона аз санъатҳои бадеӣ, махсусан санъати талмеҳ фаровон истифода бурдааст, ки ин ҳолат дониши васеъ ва аз таърихи халқамон ба хубӣ огоҳ будани шоирро нишон медиҳад. Ғазалҳои Рустам Ваҳҳобзода, инчунин, бо ғояҳои инсонпарваронаи худ ҳомили маънои воло буда, бештар мавзуъҳои

лирикӣ, иҷтимоӣ ва фалсафиро дар бар мегиранд. Пештар ишора шуд, ки мавзуи ғазал ишқу муҳаббат ва тавсифи ҳусну ҷамоли ёр аст, вале бештари ғазалҳои Рустам Ваҳҳобзода дар васфи Офаридагор, ифтихор аз гузаштагони номдор, меҳанпарастӣ, ҷашну анъанаҳои гузаштагон, худогоҳӣ, даъват ба ваҳдати миллӣ ва озодандеширо дар бар мегиранд.

Як ҷиҳати дигари фарққунандаи ғазалҳои Р. Ваҳҳобзода аз назари сохтор дар он аст, ки дар онҳо байти тахаллус, ки хосси ғазал аст ва шоирон ном ё тахаллуси хешро баъзан дар аввал ва маъмулан дар мисраи охир меоранд, дар ғазалҳои ӯ дида намешавад.

### 1.3.3.2. Қитъа

Қитъа яке аз жанрҳои хурди назми форсу тоҷик буда, дар эҷодиёти аксарияти шоирони машҳури адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик дида мешавад. Баъзе шоирони муосир ҳам ба ин навъи шеърӣ таваҷҷуҳ карда, дар ин қолаб мазмунҳои дархури замон ва завқи худро ҷойгир кардаанд.

Маънои қитъа як порча, як ҳиссае, як қисм ё ҷузъе аз чизе бутун мебошад. Роҷеъ ба ин жанри шеърӣ муҳаққиқону адабиётшиносон андешаҳои хешро баён намудаанд. Аз он ҷумла, Худоӣ Шарифов чунин ибрози ақида намудааст: «Маънои калимаи қитъа як пора ё ҳиссае аз чизе ҳаст. Бо сабаби надоштани матлаъ ва ҳусни мақтаъ бо қасду нияте ба монанди пораи шеъре аст ва ба ин сабаб чунин ном гирифтааст. Дар истилоҳи адабӣ қитъа шеъреро мегӯянд, ки байти мусарраъ дар аввал надорад. Ҳаҷми қитъа маъмулан аз чор то понздаҳ байт ва дар мавзуъҳои ахлоқӣ, ҳаҷвӣ, мадҳ, сухани пандомезу ҳикматӣ, таҳнияту таъзият ва ҳамдардӣ гуфта мешавад» [165, С. 196].

Р. Мусулмониён дар ин бора чунин зикр менамояд, ки дар гуфтори ӯ як ҷиҳати дигар ҳам илова мешавад: «Маънои луғавии «қитъа» – «порча, қисм, ҷузъ» мебошад. Ҳамчун истилоҳ «қитъа» ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: 1. Як пора аз як шеъри комил. 2. Жанри мустақили адабӣ... Қитъа аз рӯи вазну миқдори байт ба мисли дубайтию рубоӣ ҳадди муайян надорад, вай дар вазнҳои гуногун навишта мешавад ва аз ду байту аз он зиёда иборат буда метавонад...» [105, С. 165].

Чунонки дида мешавад, гуфтори муҳаққиқи мазкур возеҳтар моҳият ва хусусияти жанрии қитъаро ифода кардааст. Инчунин, хусусияти дигари нодири қитъаро Раҳим Мусулмониён чунин шарҳ медиҳад, ки дар вай зиндагии шахсӣ, вазъи аҳволи хонаводагӣ, ҳаёту фаъолияти дақиқ ва ба як навъе «хусусияти маҳрамона»-и муаллиф пурра дарҷ ёфтааст... Қитъа аз рӯи қофиябандӣ шакли аб, вб, гб...-ро дорад, аз ин рӯ, онро қасида ё ғазали сарбурида меноманд. Ӯ, инчунин, фикри касонеро, ки дар адабиётшиносӣ қитъаро мегӯянд, ки «матлаъ» надорад, нодуруст меҳисобад, зеро, ба ақидаи муҳаққиқ, шеър ё умуман асар бесар намешавад [105, С. 166-167]. Аз рӯи андешаҳои Р. Мусулмониён ба хулосае меоем, ки ӯ ба ақидаи Худоӣ Шарифов, ки мегӯяд «қитъа ҳусни матлаъ ва мақтаъ надорад», мухолиф мебошад. Ин муҳаққиқ боз хусусияти дигареро дар қитъа ёдрас мешавад, ки ин тахаллуси шоир аст, ки дар қитъа, баръакси ғазал, ки дар охир меояд, дар аввали қитъа дарҷ мегардад [105, С. 166-167].

Чунонки дар оғоз зикр шуд, дар эҷодиёти аксарияти шоирони машҳури классику муосири тоҷик ин навъи шеърӣ дидаву мушоҳида мешавад. Ба пайравӣ аз суннати қитъасароӣ дар адабиёти тоҷик Рустам Ваҳҳобзода низ дар ин жанри шеърӣ асар эҷод кардааст. Як қисмати ашъори шоирро қитъа фаро гирифтааст, ки басо ҷолибу таваҷҷуҳангез мебошанд.

Қитъаҳои сурудаи шоир дар китоби «Калимаҳо» ба миқдори 15 адад, дар китоби «Шаҳри Хуршед» – 11 адад ва дар китоби «Салом» – 101 адад оварда шудаанд. Як қитъа бо номи «Чӣ ойине!» аз китоби «Калимаҳо» дар китоби «Салом» такроран омадааст, ки он дар маҷмуаи аввал иборат аз 8-мисраъ буда, дар баъдӣ 6-мисраъ ва мисраи охир ба ҷои «Ғубори ҳарфҳом аз хотири озурда мечинам» бо каме таҳрир «Ғубори ҳарфро аз хотири озурда мечинам» омадааст. Аз китоби «Шаҳри Хуршед» 10-адад қитъа дар китоби «Салом» такроран оварда шудааст. Фардбайти машҳури «Шарқ дар хуни хештан ғарқ аст, / Зодани офтоб осон нест», ки мо пештар оид ба он дар мавзуи «фардбайтҳо» гуфта гузашта будем [98, с. 233-238], дар китоби «Шаҳри Хуршед» ва ҳам дар китоби «Салом» дар қисмати қитъаҳо ҷой дода шудааст, аммо ба ин ҷиҳат мувофиқ нестем. Байти мазкурро ҳамчун жанр қитъа гуфта наметавонем. Инчунин, дар мақолаи Камол

Насрулло низ шарҳи фардбайти «Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон...» дар фасли қитъаҳо омадааст, ки ин амал низ нодуруст аст.

Дар шеършиносии муосир қитъа дар эҷодиёти Р. Ваҳҳобзода дар шумори шеърҳои кӯтоҳи шоир баррасӣ шудааст. Камол Насрулло дар ин хусус чунин қайд намудааст:»Дар шеърҳои кӯтоҳи Рустам дастовардҳои тоза, бозёфтҳои шоирона, мушоҳидаву тасвирҳои ҷолиб бештаранд. Ин пораҳои кӯчак баъзан хеле бештар аз як шеъру манзумаи тӯлонӣ бори маънӣ мекашанд:

Мушкили бисёр бинад хиттае
Дар таовун мисли як дил мешавад,
Ашк дар гавҳора резад кӯдаке,
Обҳои шаҳри мо гил мешавад... [112, с. 11].

Дар ҳақиқат, дар ин қитъаи кӯтоҳ муаллиф андешаву тасвирҳои тоза ва як дунё маъниро ифода кардааст. Махсусан, байти дувум илова бар тасвири ҷолиб бори маъноии ғанию нишонрасеро ба дӯш дорад.

Ба назари Камол Насрулло, ки дар идомаи суханони боло омадааст, «аксари ин мушоҳидаҳои шоирона ғайриинтизор меоянд ва заминаҳои илмиву асотирӣ доранд:

Мо асилтарин фарзанди Одамем,
Зеро
Ҳар чизеро бо нон мехурем.
Ҳатто ғамро,
Ҳатто қасамро [112, с. 11]».

Муаллифи суханони боло чунин тарзи баёну услуб, таъбирҳо ва андешаронииҳои шоирро ғайримаъмуливу ғайрисуннатӣ, аммо бозавқ хондану хушпазирой намудани хонанда медонад, ки ҳақ бар ҷониби ӯст. Дар ин қитъаҳои хурд, воқеан, «армону орзуҳои бузурги инсонӣ суруда мешавад, ҳолат ва вокунишҳои рӯҳониву маънавии инсон таҷассум»-и бадеӣ меёбад. Ба мисли намунаи зерин, ки мисоли гӯёест:

Ало гардун!
Гиребонат ба чанги ман агар афтад,

Чунон афшонамат,

к- аз синаат шамсу қамар афтад![48, с. 184].

Камол Насрулло, ки худ шоири нуктасанҷ аст, шеърҳои кӯтоҳу қитъаҳои эҷоднамудаи Рустам Ваҳҳобзодаро аз диду дарки шоирона ва мушоҳидакорию ҳунари шоирии ӯ медонад.

Дар шеъри кӯтоҳи «Эъҷоз» ҳам бо ишора ба эҷози сухани одамушшуаро Рӯдакӣ ва таъсири он ба нафси шахсият мазмуни дархури замон офарида шудааст, ки реша дар умқи ҳофизаи таърихии миллати тоҷик дорад:

Афсонаи Бодғис бас зебост

Аз Рӯдакию каломи рангинаш,

Ку шоири дигаре бад-он санъат,

То чарх кунад дубора таҳсинаш.

Шеъре орад, ки ҷон дамад андар

Исмоъилу ду шери сангинаш [48, с. 162].

Дар ин шеъри кӯтоҳ шоир аз каломи рангину лафзи ширини шоири бузург, қофиласолори назми форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бемислу беҳамто будани ӯ ёдовар шудааст, ки ку шоире мисли ӯ дигар бар он санъату маҳорат ва хушкаломӣ шеъри ноб сарояду фалак таҳсину офаринаш кунад. Ба мисли шеърҳои нотакрори ӯ шеъру сухани ҷонфизое гӯяд, то Исмоили Сомонӣ ва ду шери сангини паҳлӯяш аз муъҷизаи эъҷози каломаш зинда шаванд. Ин ҷо ба пайванди замонии воқеаҳои таърихӣ шоҳид ҳастем. Ба ин маънӣ, ки дар шеър ишора ба ҳайкали Сомонӣ ва ду шери дар паҳлӯи ӯ ҷойгирифта меравад, ки дар маркази шаҳри Душанбе қомат афрохтааст, ки хеле ҳам табиию воқеӣ омадааст.

Аз баҳсҳо оид ба дигар жанрҳои шеърӣ ҳам маълум мешавад, ки яке аз хусусиятҳои приёми эҷодии Рустам Ваҳҳобзода, ба монанди шеъри дар боло овардаамон, мазмунсозӣ дар атрофи воқеоти таърихии замони муосир, бахусус, дастовардҳои даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин ҷост, ки адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон яке аз вижагиҳои шеъри шоирро дар эҳтироми беандозаи ӯ ба ҳама ашёи Ватан: ба ҳар зарраи обу хоки меҳан, ба ҳар инсони ин

сарзамин, ба ҳар зуҳуроте, ки ободиву озодагӣ дар пай дорад, медонад [136, с. 25-26]. Мисолу исботи ин гуфтаҳоро мо дар шеъри «Хазонрӯб» мебинем:

Хазонрӯбо, бизан оҳиста ҷорӯб,
Хазон чандон ки мерӯбӣ, ҷавон буд.
Таҳи ин чатри сабзи соягустар
Ҷаҳонеро нишоти ройгон буд [48, с. 166-167].

Дар шеър шоир аз занҳои кӯчарӯбе, ки либосҳои махсуси зардпӯш бар тан доранду аз тозаю озода нигоҳ доштани роҳравҳои шаҳр муроқибат мекунанд, сухан мекунад. Мурочиат ба онҳо дорад, ки баргҳои хазонро оҳиста бирӯбанд, ки ин барги хазоне, ки мебинӣ, як вақтҳо ҷавон буду сарсабзу сояафкану чун парда ё обзоре, ки мисли чатр аз барфу борон ва офтоб одамонро муҳофизат мекарду зери он муфт менишастанду шодмонӣ мекарданд. Эҳтиёт бояд кард, вагарна ту ҳам ба мисли ҳамин барги хазонӣ, ки қадат хам гаштаву рангат зарду пажмурда, ба чашми мардуми масту аласти пулмаст ту ҳам беқадру қимат гаштаӣ ва аз ибтидо кӣ ба дасти ту ҷоруб доду писарҳоят кучҷоянд?

Зимнан, дар порчаи мазкур аз назари қолабшиносӣ ба омезиши қолаби суннатӣ, дар мисоли жанри қитъа, бо қолаби ҷадиди шеърӣ, дар мисоли банди охир, ки дар қолаби шеъри нав суруда шудааст, рӯ ба рӯ ҳастем. Чунин тозакориҳо дар коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода хеле зиёданд, ки бояд ба таври ҷудогона баррасӣ шаванд. Чун ин масъала дар доираи мавзуи мо хориҷ аст, таҳқиқи онро ба фурсати дигар ҳавола мекунем.

Ҳақ ба ҷониби Камол Насрулло аст, ки ба ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода баҳо дода, чунин мегӯяд: «Агар ҳунари шоирӣ бо туст, аз ҳар манзараи муқаррарӣ, аз ҳар мушоҳида метавон шеър сохт. Назари шоирона, андешаи мушоҳидакори шоир ба ӯ имкон медиҳад, ки дар тасвирҳои зоҳирӣ рӯҳияи ботинии инсонҳоро таҷассум созад ва бозёфтҳои наву зебои шоирона кунад:

Нишаста даври оташ маҳфиле шод,
Сухан аз ҳикмату фарҳанг доранд.
Вале аз партави ларзони оташ

Дар он сӯ сояҳошон ҷанг доранд» [112, с. 11].

Монанд ба мушоҳидаҳои устод Камол Насруллоро дар шеърҳои дигари шоир ҳам пайдо кардан мумкин аст. Масалан, дар шеъре бо номи «Субҳи зимистон» шоир чунин баён доштааст:

Замин – ба бистари нози фаришта мемонад,

Ҷаҳон – ба як вараҷи нонавишта мемонад [36, с. 159].

Субҳи барфпӯши фасли зимистонро ба як бистари нарму мулоим ва сафеду поки фаришта ва дунёро ба як вараҷи сафеди тозаи ҳанӯз нонавишта ташбеҳу монанд кардани шоир хеле муҷазу табиӣ баромадааст.

Рустам Ваҳҳобзода бисёр шоири борикбину нозукандеш аст, аз ҳар як хурдтарин чизе ё ҳодисае, ки мебинаду мешунавад, як ҷаҳон бардоште мекунад. Метавон дар шеъри «Нукта» исботи ин гуфтаҳо намуд:

Зи сайёде шунидам нуктаеро,

Ки бар девори дил онро тавон зад:

Чу мурғон бо ҳам овезанд дар ҷанг,

Ба тире метавонӣ даҳ нишон зад [48, с. 164].

Буало гуфтааст: «Ашъори ман на барои он ба мардум писанд аст, ки ифодаҳо дурустанд, нафосату салосат ва иҷоъ (гармония) доранд, балки эҳсоси наҷиберо меангезанд, чунки аз чизе муҳим иттилоъ медиҳанд» [26, с. 76]. Баръало, ин гуфтаҳо ба ашъори пурғановати Рустам Ваҳҳобзода рост меояд.

Андешаи худро шоир дар шеъри боло аз ҳикмати марди сайёд оварда ифода намудааст, ки чун селаи парандагон як ҷо ҷамъ шуда, ба ҷанг оянд, метавон бо як тир якчандтои онро ба нишон гирифта нобуд сохт. Ин ишораи зебои пандомезе ба инсонҳост, ки бояд таваҷҷуҳ дошта бошанд, оқибати ҷанг хуш наояд ва ба нестӣ мебарад, аз ин рӯ, мебояд ба сулҳ, ба ваҳдат оянд.

Ба ин монанд шоир қитъаҳои пандомезе дорад, ки ҳадафи марказӣ дар онҳо ғофил набудан дар зиндагист, ки ин умр даргузар аст ва аз имрӯз, ки навбати ҳастӣ дорем, ба хубӣ истифода бояд намуд. Ҳамин маъниро дар қитъаи зерин метавон мушоҳида кард:

Бихез аз хоб, эй дунёи асрор,

Зи чоҳи яъс берун о дигар бор.

Ту пиндорӣ, ки ин хуршед ҳар субҳ

Ба дидори ту меояд ба бекор?! [48, с. 176].

Мақсад аз омадану рафтани офтоб яке аст, ҳар рӯз ҳиссае аз умри инсонҳоро мебарад.

Ё дар қитъаи « Рисолат» мехонем:

Нигар, Ҷибрил дар ҷонаш сафире,

Ҳамеҷӯяд ҷаҳонро дастгире.

На шаҳрею на кохею на мире,

Сари кӯҳею ғорею фақире [48, с. 176].

Дар ин шеър ишора ба ҳазрати Ҷабраил (а), яке аз фариштагони муқарраб аст, ки оварандаи ваҳйи Илоҳӣ ба пайғамбарон мебошад. Ӯ ба он бузургӣ на ба шахре рафт, на Қасре на пеши амире, балки назди инсони оддиву хокие рафт, ки дар ғоре ғами оламу одамро дар дил дорад, рисолат дорад, яъне паёмбар аст.

Ё худ, дар қитъаи «Сабқат» омадааст:

Ҳама дар баҳри нопайдоканорем,

Ҳама бар кӯҳаи мавҷе саворем.

Дар ин ҷо аввалу охир касе нест,

Агар соҳил наю мақсад надорем [48, с. 176].

Дар ин қитъаҳои шоир шеъри машҳури Хайём: «Рафтанду равем, боз оянду раванд» пеши назар меояд. Аммо мақсад дигар аст: Агар ҳадаф ва ормоне надорем, ҳеҷ пасту баҷоеву аввалу охире байни мо нест. Ҳама яксонем ва беҳуда.

Монанд ба намунаҳои боло дар қитъаҳои хурди дигар шоири нозукхаёлу борикбин чизҳоеро мушоҳидакорона ва мӯшикофона ба тасвир овардааст, ки баъзан онҳо назарногиранд ё вуҷуди онҳоро нодида гирифта, ҳатто дар хаёлаш ҳам нестем.

Қитъаҳои хурди шоир кӯтоҳу пурмазмунанд ва дар ҳар яке аз онҳо ҷаҳон-ҷаҳон маъниро ғунҷонида тавонистан, аз умқи андешаи маъниофаринию маҳорати баланду дарку диди шоиронаи ӯ дарак медиҳад. Чуноне ки худи шоир мегӯяд:

Ҳар сатри равон пули Сирот аст маро,

Аз оташи дил раҳи наҷот аст маро.

Дар ҳар сухане пораи ҷонам биравад,

Ҳар шеъри навам як сакарот аст маро [48, с. 176].

Тасвиру ташбеҳи ин пораи шеърӣ хеле воқеиву табиӣ гуфта шудааст. Оташе, ки дарде, ки ӯ дар дил дорад, шавқу шӯри илҳом аст, то он ба қолаби шеърӣ медарояду сатр ё мисрае мешавад, гӯё ки аз сари пули Сирот ба таъбире, ки макони озмоиш аст, мегузарад. Ба ҳар сухане, ки гуфта мешавад, ба мисли як пораи ҷон аст ва пас аз ҳар шеъри наве, ки тавлид мешавад, дар ҳолати беҳушию беҳудӣ ва талвосаи ҷон кандан монанд кардани шоир хеле ҳам ҷаззобу воқеан, табиию таъсирбахш баромадааст.

Барҳақанд, ин гуфтаҳои Низом Қосим, ки дар ҳаққи Рустам Ваҳҳобзода гуфтааст: «Шеъри воқеӣ аз сарнавишт меояд ва саргузашти шоираш мешавад» [90, с. 14].

Ҳамин тавр, жанри қитъа (ашъори кӯтоҳ) дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода мавқеи устувор дорад. Бо ҳамин баррасие, ки мо перомуни мақоми ин жанри ғиноии суннатӣ ва сохтори муҳтавоии он дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода анҷом додем, маълум шуд, ки шеърҳои кӯтоҳ ё қитъаҳои эҷоднамудаи шоир, аз рӯйи ҳисоби мо, ғайр аз такрори онҳо ба 116 адад мерасад. Чунин шеърҳо аз назари сохтори муҳтавоӣ ҷолиб буда, фарогир ҳастанд. Шоири борикбин ба табиати зебою дилфиреб, бо ҳар фарди гуногунхислати давру замон, ба ҳар як воқеаю ҳодисаҳои бузургу хурди назарногири атрофаш менигараду ба худ як бардоште мекунад. Ҳатто ба чизҳое, ки на он қадар назаррасанд, ӯ бо диду дарки шоирона менигараду эҳсос мекунад ва билохира онҳоро дар доираи мазмуни мушаххас ба риштаи назм мекашад. Ҳар як қитъаи эҷоднамудаи шоир ба тозаандешию тозагӯии хеш ба роҳи паймудаи бозёфти шоир маънии амиқе медиҳад ва роҳи эҷоди шоирро боз ҳам равшантару васеътар менамояд ва ба сӯи роҳҳои нопаймудаю тозакориҳо ҳидоят менамояд. Ҳар кадоми он маънии баланди фалсафию иҷтимоӣ дошта, дар онҳо мазомини ҷаззобу диди наву тоза ва афкори панду ахлоқӣ дида мешавад ва хонандаро метавонад, дар роҳи хештаншиносию худогоҳӣ ва роҳи нек тарбияву ҳидоят намояд.

### 1.3.3.3. Рубоӣ

Яке аз жанрҳои серистеъмоли адабиёти тоҷик, чи ба таври даҳонӣ ва чи хаттӣ, рубоӣ мебошад, ки ҳам дар адабиёти классику муосири тоҷик ва ҳам дар эҷодиёти даҳонакии халқ маъмул мебошад. Чуноне ки Баҳром Сирус дар мақолаи ба китоби «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» навиштааш овардааст, «рубоӣ ба адабиёти хаттӣ аз эҷодиёти шифоҳии халқ гузаштааст. Ҳарчанд калимаи рубоӣ арабист, пайдоиши он ба адабиёти араб марбут набуда, ба эҷодиёти даҳонии мардуми форсизабон тааллуқ дорад. Ба қавли Шамс Қайси Розӣ (дар «Ал-муъҷам»), рубоӣ бори аввал ба забони тоҷикӣ гуфта шуд ва устод Рӯдакӣ нахустин шоирест, ки онро ба назми хаттӣ ворид кард...» [141, с. 68].

Муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Н. Кароматуллоева ва А. Абдусаттор [85, с. 24; 4, с. 2] дар асри XIII ба ном ва мақоми баланди худ расидани жанри рубоиро қайд кардаанд. Инчунин, А. Абдусаттор дар ҳамин мақола қайд намудааст, ки ба номҳои «дубайтӣ ва «тарона» истилоҳи «рубоӣ» низ зам шуд.

Дар баъзе мавридҳо дубайтиро рубоӣ ё баръакси он рубоиро ба ҷои дубайтӣ номбар мекунанд, ки омехтакунии ин ду жанри аз ҷиҳати сохт ва мисраъ бо ҳам монанд, вале аз ҷиҳати оғози мисраъ, ҳиҷо ва шохаҳои ҷудогонаи вазн ва мавзуъу муҳтавои гуногун доштаро муҳаққиқон хато меҳисобанд. Умумият ва фарқи рубоиро аз ҷиҳати банду баст ва сохт, аз рӯи гуфтаи муҳаққиқон дар сарчашмаю маъхазҳои илмӣ, муайян кардан мумкин аст: «Ба мисли дубайтӣ рубоӣ ҳам аз чаҳор мисраъ иборат аст. Аз нуқтаи назари қофия ҳам рубоӣ ба дубайтӣ шабоҳат дорад. Аксаран сохти қофияи рубоӣ а,а,б,а аст, яъне мисраи сеюм аз қофия озод мешавад. Дар ин сурат онро рубоии хасӣ мегӯянд. Аммо гоҳе ҳар чаҳор мисраъ ҳамқофия мешаванд, ки дар ин сурат вайро рубоии тарона меноманд...» [141, с. 68; 103, с. 162].

Е. Э. Бертельс низ бар он аст, ки «...дар рисолаҳои оид ба илми арӯз дар бораи бисту чаҳор шакли вазни рубоӣ, ки ба вариантҳои баҳри ҳазаҷ дохил карда шудааст, сухан меравад. Азназаргузаронии ин шаклҳо нишон медиҳад, ки ин конструкцияҳои ҳиҷоӣ зӯран барғалат ба таҳти вазни арӯзӣ дохил карда шудаанд» [23, с. 107].

Дар ҳақиқат, рубоӣ низ мисли дигар жанрҳои устувори адабиёти классикии форсу тоҷик аз як вазни аслӣ иборат аст. Чунонки адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул дар китоби «Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър)» овардааст, «дар миёни авзони 24-гонаи вазни рубоӣ... фақат як вазн: мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъал (– – V / V – – V / V – – V / V –) вазни аслӣ буда, авзони тақтеии дигар бо истифода аз ду ихтиёроти шоирӣ... ба вазни аслӣ табдил мешаванд [107, с. 91].

Доир ба таърихи пайдоиши рубоӣ аксарияти адабиётшиносони муосири тоҷик сухан ба миён овардаанд. Аз ҷумла, Раҳими Мусулмониён ва Аскар Ҳаким ба чунин ақидаанд, ки рубоӣ эҷоди халқҳои форсизабон буда, аввал дар адабиёти форсу тоҷик пайдо шуда, баъдтар ба адабиёти халқҳои дигар таъсир расонида, ба вуҷуд омадааст. Зимни ин ақида Аскар Ҳаким чунин иброз намудааст: «Рубоӣ эҷоди халқҳои форсизабон буда, вазни хосси он низ дар асоси қонунҳои ритмӣ ва забони ин миллатҳо сурат гирифтааст... Рубоӣ шакли қадимтарини назми мардуми форсизабон аст ва вазни он низ эҷоди онҳост» [154, с. 138].

Парвиз Нотил Хонларӣ ҳам қайд мекунад, ки «...ин навъ шеър аз муддатҳо қабл дар Эрон шоеъ ва роиҷ буда..., ин вазн ихтироъ нашуда, балки аз тӯдаи мардуми форсизабон иқтибос гардида ва ҳама ҷо тасреҳ ҳаст ба ин, ки дар арабӣ чунин вазне набуда ва баъд арабҳо онро аз эрониён омӯхтаанд» [153, с. 209-210].

Сохтори муҳтавоии рубоӣ дар адабиёти муосир ба навъе такмил ҳам шудааст. Чунонки Аскар Ҳаким мушоҳида кардааст, дар вақтҳои охир дар вазни рубоӣ ҳам шеърҳое гуфтаанд, ки жанрашон фақат рубоӣ набуда, дигар аст. Масалан, шеърҳои Мӯъмин Қаноат «Дасти пир» ва Қутбӣ Киром «Бахткушо» дар вазни рубоӣ бошанд ҳам, рубоӣ нестанд [154, с. 187].

Аммо дар адабиёти классикӣ рубоӣ сохтори устувор дорад. Аксари шоирони адабиёти классикӣ аз рӯйи қолаби устуворшудаи суннатӣ дар ин жанри шеърӣ табъозмоӣ намуда, шеърҳои зиёд эъҷод намудаанд. Ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём ва дигарон.

Рубоиёти адабиёти классикӣ асосан мавзуъҳои фалсафию иҷтимоӣ ва ирфониро дар бар гирифта, баъзан васфи ҳаёти замони зиндагии шоиронро низ бозгӯ мебошанд.

Рубоиҳои шоирони гузаштаи мо фарогири мавзуъҳои дорои мазмунҳои ахлоқию тарбиявӣ ҳам буда, асрҳои аср рӯҳи инсонро навозиш мекунанду дар дилу дидаи ҷаҳониён ҷовидону мондагоранд. Чунин рубоиҳо, гузашта аз он ки сарчашмаи эҷоди рубоии навин ҳастанд, аз назари тарбиявӣ ҳам дорои арзиши баланд мебошанд.

Дар адабиёти навини тоҷик низ жанри рубоӣ хеле пурарзиш буда, дар миёни дигар жанрҳои адабӣ мавқеи муайяне дорад. Шоире нест, ки асарҳои маҳрамона ё бадеии худро дар ин жанр нанавишта бошад. Сурудани рубоӣ дар оғози адабиёти муосири тоҷик то имрӯз идома дорад, вале дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор ва дигар шоирони ҷавони баъд аз онҳо мавқеи хоссе пайдо кардааст.

Яке аз шоирони баъдӣ, ки дар эҷодиёти вай жанри рубоӣ ҷойгоҳи хоссе дорад, Рустам Ваҳҳобзода мебошад, ки ҳанӯз рубоиҳои сурудаи ӯ солҳои донишҷӯи рӯи чоп омадаанд [28, с. 3] Дар эҷодиёти ин шоир рубоиҳои ҷанбаи ахлоқию тарбиявӣ ва эстетикӣ дошта зиёданд. Чуноне ки Камол Насрулло мушоҳида намудааст, «рубоиҳои шоир низ ҷолибанд ва барои пажӯҳиш мавзуи хуб медиҳанд. Дар онҳо низ ҳамон хусусиятҳои шеъри Рустам – маъниофаринӣ, фарогирии масъалаҳои мубрами милливу башарӣ, тозаҷӯиҳову тасвирҳои шоирона ба назар мерасанд:

Эй дил, ту бикӯш дар вафои дигарон,
Аз хеш бурун баро барои дигарон.
Дасти дигарон бигир, к-охир биравӣ
То бар лаби гӯри худ ба пои дигарон [112, с. 11].

Рубоии дигареро низ ин муаллиф зикр менамояд, ки шоир дар он ба масъалаҳои баҳсноку мубрами рӯз бо ҷасорат дахл намудааст, аз ин рӯ, он аҳаммияти замонавӣ низ дорад:.

Ҳикмат, ки ба дил мукарраму комил шуд,
Бо хуни дилу гавҳари ҷон ҳосил шуд.

Мулло на барои хонақоҳ асту мазор,

Қуръон на барои мурдагон нозил шуд [112, с. 11].

Дар рубоии зерин сухан аз ғурбату аз дурии ватан меравад, ки дар замони эҷоди шеър дарди ҳамагонӣ буд. Халқи тоҷик, бахусус худи шоир ҳам бо амри тақдир дарди ғарибиро аз сар гузаронидааст, бинобар ин, шоир ғурбатро бо як эҳсосу ҷазобияти ба худ хос баён намудааст:

Аз ғурбати хеш дар ватан бигристам.

Аз танҳоӣ дар анҷуман бигристам.

То ки ба мақоми хеш қоим бошам,

Чун шамъ ба пои хештан бигристам [48, с. 198].

Шоир дар рубоии дигаре аз маҳалгароӣ дурӣ ҷустану ба чанд пораву қисмат: ба Вахшу Хуҷанд, Хатлону Рашт ва Ҳисору Бадахшон тақсим накардани хоки Тоҷикистон сухан ба миён оварда, ба ин восита ҳифзи якпорчагии Ватанро шарти зарурӣ дониста, чунин ибрози ақида намудааст:

На Вахшу на Хуҷанду на Хатлон гӯям,

На Рашту Ҳисору на Бадахшон гӯям.

Бо ин ҳама мухтасар саломе дорам,

Бе рӯву риё чу Тоҷикистон гӯям [48, с. 199].

Рустам Ваҳҳобзода аз таърихи пурғановату сарчашмашиносии адабиёти гузаштаи худ ба хубӣ огоҳ аст, аз ин рӯ, панду ҳикмат ва ривоятҳои шифоҳию хаттии осори гузаштагонро мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Масалан, шоир дар рубоие такя ба ривояти халқӣ намуда, ки «гӯё шахсе барои аз гуруснагӣ раҳоӣ ёфтан китоби муқаддаси Қуръонро зери по ниҳода, аз тоқи баланде нонро гирифтааст...» чунин мегӯяд:

Он кас, ки ба зери по ниҳад Қуръонро,

Аз тоқи баланд то бигирад нонро,

Қаддаш наю, балки ақли ӯ кӯтоҳ аст,

В-арна, биниҳад ба зери по кайҳонро [48, с. 213 ].

Ин ҷо шоир аз қади кӯтоҳ нею аз беақлию бесаводӣ ва бефаросатию кӯрдилии баъзе касон дар шигифт аст, вагарна чунин китоби осмониро зери по намениҳоданд.

Устод Рустам Ваҳҳобзода дар қолаби рубоӣ ҳам андешаҳои ватандӯстонаи хешро моҳирона матраҳ кардааст. Чунончи, дар рубоии зерин мазмунҳои ватандӯстонаро мушоҳида кардан мумкин аст:

Меҳан, нафасе агар туро гум кардам,
Парҳез зи обу хоки мардум кардам.
Дар роҳи ту бигзашта зи дарёи Муҳит,
Чун кабк ба хоки ту таяммум кардам [48, с. 210].

Шеърҳои дар васфи Ватан – Тоҷикистон сурудаи Рустам Ваҳҳобзодаро нафароне, ки ба шеъри шоир ба дидаи тақриз нигаристаанд, аз нигоҳи тарзи баён ва тафаккуру тахайюли шоирона махсуси худи ӯ дарёфтаанд. Масалан, Низом Қосим, ки худ шеършиноси моҳир аст, шеъри зеринро «беҳтар аз садҳо шеъри тӯлониву муҷарради зиндабодӣ дар васфи ватан» донистааст:

Ин ба ҳақиқат бинависам, на маҷоз,
Ғурбат буду шаб буду ману шамъу гудоз,
Ашке, ки ба пои шамъ резон мешуд,
Чун нақшаи хоки Тоҷикистон мешуд [90, с. 14].

Таҳлили васеи чунин рубоиҳои ватандӯстонаи шоир мавзуи ҷудогонаест, ки доманаи васеъ дорад. Аммо дар мисоли рубоиҳои мазкур, бахусус, рубоии охир метавон гуфт, ки тасвирҳои шоир бесобиқа ва маҳсули диду биниши шоиронаи махсуси Рустам Ваҳҳобзода ҳастанд. Таносуби калимаҳои «ғурбат», «шаб», «ман», «шамъ», «гудоз», «ашк», «пойи шамъ», резон шудан», ташбеҳ ва тасвири миёни ду мисраи охир дар назми муосири тоҷик бесобиқа ҳастанд..

Рубоии мустазоди зерин ҳам аз назари сохтор ва тарҳи мавзуъ ҷолибу нотакрор аст:

Эй дӯст, ду чашми ту чароғи Ватан аст,
Бедор бидор.
Ақлу хирадат марҳами доғи Ватан аст,

Ҳушёр бидор.

В-ин қомати ту сутун ба сақфи Ватан аст,

Аз по манишин.

Чун шоҳчанор зеби боғи Ватан аст,

Солор бидор! [48, с. 215].

Аз рӯи мушоҳидаҳо ва баррасии якчанд рубоиёти шоир, ки дар ин ҷо зикр намудем, маълум мегардад, ки кулли онҳо ба талаботи жанрии рубоӣ мувофиқати том доранд. Ҳудуди ин рубоиҳо аз назари ҳиҷобандӣ аз 10 то 13 ҳиҷоиро ташкил менамоянд.

Устод Рустам Ваҳҳобзода, ки худ шоири сухансанҷу суханвару суханшинос аст, аз жанри рубоӣ, ки яке аз жанрҳои қадимиву суннатии адабиёти бадеию шифоҳии халқи тоҷик аст, ба таври васеъ истифода карда, дар мавзуъҳои мубрами рӯз, ки фарогири маъниҳои фалсафию иҷтимоианд, бо тасвирҳои шоирона ва баёни шево ибрози ақида намудааст.

Дар маҷмуъ, дар китоби «Калимаҳо» 40 адад, «Шаҳри Хуршед» 52 адад ва дар китоби «Салом» 156 адад рубоии шоир гирдоварӣ шудаанд, ки баъзеашон аз маҷмуа ба маҷмуа такрор шудаанд. Рубоиёти шоир аксар мавзуъҳои ватандорию ватандӯстӣ, васфи инсони худогоҳ, васфи ёру диёр, гуфтугӯ бо қаҳрамони лирикӣ, ифтихор аз гузаштагони номдор ва дигар мавзуъҳои гуногуни ҳаётиро дар бар гирифта ва дорои мазмунҳои баланди ахлоқию тарбиявӣ буда, бо шеваю лаҳни ба худ хоси шоир эҷод гардидаанд.

### 1.3.3.4. Дубайтӣ

Яке аз қадимтарин навъҳои шеърии дар байни халқ паҳншуда ва дӯстдоштанию умумиистеъмолӣ жанри дубайтӣ мебошад. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо, дубайтӣ пеш аз жанри рубоӣ маълуму машҳур будааст.

Мусулмониён дубайтиро чунин таъриф намудааст: «Дубайтӣ чунон жанри лирикие мебошад, ки барои ифодаи эҳсосоти қалбию андешаи қаҳрамони лирикӣ эҷод мешавад ва ҳамагӣ як вазни анъанавӣ дорад» [105, с. 160]. Мувофиқи ақидаи

аксари пажуҳишгарону муҳаққиқон дубайтӣ дар вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсур (ё маҳзуф) навишта мешавад, ки аркони он аз мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун

( V – – – / V – – – / V – –) ду бор дар ҳар байт иборат аст. Дубайтӣ аз чаҳор мисраъ иборат буда, шакли қофиябандиаш асосан ааба буда, баъзан бо сохтори аааа, аабб, ва абвб низ эҷод мешавад [85, с. 18; 103, с. 160; 165, с. 175; 105, с. 65].

Аксари достонҳои қадимаи ишқӣ ба ҳамин вазни дубайтӣ навишта шудаанд, ки ин нуктаро Н. Кароматуллоева ва А. Абдусаттор низ қайд намудаанд, аз ҷумла «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ, «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ ва ғайраҳо [85, с. 18; 4, с. 4].

Фолклоршиноси тоҷик Раҷаб Амонов, ки дар бораи жанрҳои лирикии халқии тоҷик ҷустуҷӯйҳои зиёде намуда, рисолаҳо навиштааст, оид ба дубайтию рубоиҳои шифоҳии тоҷикӣ чунин назар дорад: «Порчаҳои шеърии иборат аз чор мисраъ, ки мо онҳоро шартан шеъри чормисраӣ номидем, ба ҷуз дар бар кардани мавзуъҳои мансуби ишқу оила, ғарибӣ ва азобу бебақоии зиндагӣ ба масъалаҳое дахл мекунанд, ки ҳикмату таҷрибаи ҳаётӣ, хулосаҳои аз зиндагӣ ҳосилкардаи халқро ифода менамоянд» [10, с. 362].

Мавзуъу мундариҷаи дубайтиҳо асосан аз мазомини ишқию ирфонӣ, шикоятию ғарибӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва тавсифӣ иборат аст. Аз ҳама бештару пештар машҳур будани дубайтиҳои эҷодкардаи Бобо Тоҳири Урён [146]. дар адабиётшиносӣ таъкид мешавад, ки теъдоди онҳоро 350-то шуморидаанд [85, с. 27; 103, с. 160; 165, с. 175].

Дигар хусусияти боризи дубайтиҳо аз он иборат аст, ки онҳо хусусияти эҳсосотӣ дошта, аксаран вақт бадоҳатан гуфта шуда, ҳиссиёту ҳаяҷони касро нишон медиҳанд.

Воҳид Асрорӣ низ бар он аст, ки: «Дар таърихи адабиёти тоҷику форс устодони дубайтигӯй кам нестанд, лекин Абулқосим Лоҳутӣ дар боби дубайтиҳо аз ҳама пеш гузаштааст» [14, с. 55-65].

Албатта, манзури муҳаққиқ дар қавли боло дубайтӣ дар адабиёти муосир аст. Аввалин гӯяндаи дубайтии пайвастаро ҳам ба Абулқосим Лоҳутӣ нисбат

медиҳанд. Дар ин хусус Н. Кароматуллоева чунин эзоҳ додааст: «Аввалин дубайтии пайвастаро Абулқосим Лоҳутӣ эҷод кардааст:

Ба ҷон ҷо карда осори дуторат,
Ба ҳайрат мондам аз кори дуторат.
Биҷунбад дил чу бар тораш занӣ чанг,
Магар баста ба дил тори дуторат?

Ин шакли дубайтӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Аминҷон Шукуҳӣ, Лоиқ Шералӣ ва дигарон низ ба назар мерасад» [84, с. 424-425].

Дубайтиҳои Рустам Ваҳҳобзода, ки асосан мавриди назари мо мавқеи ин жанри лирикӣ дар коргоҳи эҷодии ӯст, ба мисли эҷодиёти дигараш бо дарки маъниофаринӣ ва тасвиру муқоисаҳои ҷолиб мавқеи муайяне доранд. Дар китоби «Калимаҳо»-и шоир дубайтиҳои сурудаи ӯ ҷой дода шудаанд, ки дар фасли ҷудогонае бо номи «Нома ба дил» фароҳам оварда шудаанд. Ин фасл 25 дубайтиро дарбар мегирад. Дар китоби «Шаҳри Хуршед» жанри дубайтӣ нест. Дар китоби «Салом» ҳамагӣ 27 дубайтӣ оварда шудааст, ки аз он теъдод 5 дубайтӣ аз маҷмуаи «Калимаҳо» такрор омадааст. Дубайтиҳои шоир дар мавзуъҳои ситоишу бузургдошти Зан-Модар, тасвири ишқ ва накӯдошти меҳан суруда шуда, бо фарогирии мазомини дилрас, ғояи тарбиявию ахлоқӣ метавонад, дар таълиму тарбияи хонанда нақши созгору мондагореро дошта бошанд. Ҳаҷми дубайтиҳои дар маҷмуаҳои чопии номбаркардашудаи шоир, ғайр аз такроран чопи онҳо, дар ҷамъбаст, аз 47 дубайтӣ ва 94 байт иборат аст.

Дубайтиҳои Рустам Ваҳҳобзода бо як қатор хусусиятҳо аз дигар дубайтиҳо фарқ доранд. Масалан, агар дар дубайтиҳои пешин аз мавзуи ишқу ошиқӣ, бевафоӣ, ғарибӣ, шикоят аз ҷаври замону ситами фалк сухан равад, баръакси он, мо дар дубайтиҳои шоир як ақидаҳои тамоман наву тозаро мебинем, ки сухан аз инсондӯстию инсонпарварӣ, ҳурмату эҳтироми Зан-Модар барин муқаддосот меравад. Ин вазъ дар дигар шудани сохтори мухтавоии жанри дубайтӣ дар адабиёти даврони Истиқлол гувоҳӣ медиҳад. Шоир аз қаҳрамонии Модар – ин фариштаи замин сухан мекунад, ки ӯ қаҳрамононро ба дунё овардааст. Чунонки

дар дубайтии зерин шоир аз ҷойгоҳи баланди Зан-Модар ситоиш намуда, ақлу идрок, донишу таҷрибаи онро васф намудааст. Ишора ба он намудааст, ки гарчанде ки аз ҷинси зан пайғамбаре ба дунё наомада бошад ҳам, вале ҳамаи пайғамбарони рӯи оламро ин олиҳаи пок ба дунё оварда, дар домони поки худ парвариш намуда, машҳури ду олам намудааст:

Занонро гар зи дониш зеваре ҳаст,

Умеди рӯзгори беҳтаре ҳаст.

Агарчи аз занон пайғамбаре нест,

Ҳама пайғамбаронро модаре ҳаст [48, с. 222].

Шоир дар ин ҷо як фикри тозаю бикреро баён намудааст, ки дар назари аввал умумӣ менамояд, вале дар асл муҳим аст. Ба ин маънӣ, ки маҳз дониши занон сабаби пешрафти ҷомеа мегардад. Мазмуни ин дубайтӣ зеҳни моро ба сӯйи масъалаҳои гендерӣ роҳнамоӣ мекунад, ки дар ҷомеаи муосир аз ҷумлаи масоили мубрам ҳисобида мешавад. Таъкиди дигар хислати офаринандагии модарон аст, ки ҳодиёни роҳи ростро маҳз ӯ ба дунё овардааст ва меоварад.

Ё дар дубайтии дигаре мехонем:

Зани тоҷик момии Бӯалӣ буд

Ва ё чун Робиъа поку валӣ буд.

Нахуст аз мактаби модар гузашта

Ба ҳар ҷо тоҷики соҳибдиле буд [48, с. 222].

Дар ин дубайтӣ шоир мушаххасан аз бузургии зани тоҷик ҳарф мезанад, ки Абӯалӣ ибни Сино барин родмарди бузурге ба дунё овард, ки бо шоирию донишмандӣ ва ҳакимию табибии оламгири худ дунёро тасхир кард. Донишу таҷриба ва асарҳои безаволи ӯ асрҳои аср дастуру роҳнамои оламиён аст. Таъкид мешавад, ки ӯ худ чун Робиъа поку олиҳа аст ва ҳар ҷо, ки марди нексиришту боинсоф, раҳмдил ва далеру ҷасур ҳаст, аз таълиму тарбияи модар гузаштааст. Умуман, дар ҳамаи дубайтиҳое, ки шоир дар васфи Зан-Модар сурудааст, ҳурмату эҳтироми ин олиҳаи пок дар мадди аввал меистад ва ин аз родмарди асил будани худи гӯяндаи ин дубайтиҳо гувоҳӣ медиҳад:

Надорам чашм, ки зорат бубинам,

Чу колое ба бозорат бубинам.

Ҷаҳон дар дидаи ман хор гардад,

Зани тоҷик, агар хорат бубинам [48, с. 222].

Дар ин мисраъҳо ҳисси нанги шоир аз он ҷӯш мезанад, ки тааммули бардошти беқадру беқимат, оҷизу бечора, хору забун, залилу паст ва билохира, бадбахт шудан ва ё чун молу матоеъ дар бозор фурӯхта шудани зани тоҷикро надорад. Дар сурати хор дидани зани тоҷик ин дунё ва тамоми халқи рӯйи ин олам дар чашми шоир беқадру беарзиш ва беэътибор мегардад. Суханони мазкури шоир хеле ҳам таъсирбахшу воқеӣ таҷассуми бадеӣ ёфтаанд.

Дар ҳамин жанри лирикии дубайтӣ, ки мавзуи асосии он ишқу муҳаббат ва эҳсоси ботинии инсон аст, шоир одатан боз ба ҳамон мавзуи марказии ашъори худ – ваҳдати миллӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси ватанхоҳию истиқлолхоҳӣ рӯй меорад. Ба монанди намунаҳои зерин:

Ватан, эй будаву нобудаи ман,

Ҳама коҳида, ноафзудаи ман.

Тани тифлони ту бедард бодо,

Ватан, эй ҷони дардолудаи ман [48, с. 225].

Ва:

Даме, ки нақди ҷонат рӯи каф буд,

Камон буд ин ҷаҳон, ҷонат ҳадаф буд.

Ба олам қисматат дар як тараф буд,

Касе, ки бетараф буд, бешараф буд [48, с. 225].

Ҳамин тавр, Рустам Ваҳҳобзода дар ҷодаи дубайтисароӣ низ муваффақ гаштааст, зеро вай ба эҷоди ин жанри суннатӣ бо тасвирҳои тару тоза ва обнашуста пардохтааст. Дар дубайтиҳои шоир ба навъе гардиши тамоман наву тозаро мебинем, ки сухан аз инсондӯстию инсонпарварӣ, ҳурмату эҳтироми Зан – Модар барин муқаддасот меравад, ки ин вазъ дар дигар шудани сохтори муҳтавоии жанри дубайтӣ дар адабиёти давраи Истиқлол гувоҳӣ медиҳад.

Дубайтиҳои чоп намудаи шоир он қадар зиёд нестанд, вале бо мазмуни баланду андарзҳои судманд ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд. Аҳамияти ин навъ шеърҳои шоир, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар онҳо шоир бо тозагӯии сухани худ ва маънии бикри эҷодӣ муваффақ гардидааст. Дубайтиҳои эҷоднамудаи ӯ мисли дигар ашъори пурғановаташ бо дарки маъниофаринӣ, тасвиру ташбеҳ ва муқоисаҳои ҷолиб, бо ифодаи мавзуъ ва мазмунҳои воло як ҷаҳон маъниро дарбар гирифта, дар зеҳни хонанда мондагоранд.

### 1.3.3.5. Фардбайт

Мо дар эҷодиёти аксар шоирони адабиёти классикию муосири тоҷик ҳузури навъи шеърии фардбайтро мушоҳида менамоем. Фардбайтҳо бештар маънии баланд дошта, дар онҳо эҳсосоти нозук ва мушоҳидаҳои ҷолиби шоирон ифода ёфтааст, аз ин ҷост, ки дар бисёр мавридҳо онҳоро шоҳбайтҳо низ меноманд. Фардбайтҳо аксаран бадоҳатан, зимни таъсири ягон далели ҳаяҷонангезе, ки шоирро мутаассир кардааст, гуфта мешаванд ва дар эҷодиёти шоир ҳамчун фард боқӣ мемонанд. Вале баъзан мешавад, ки шоир бо ҳамон тарзи оғоз намудааш онро давом диҳад ва он фардро ба як шеъри пурра ва комил расонад. Вале дар бисёр мавридҳо онҳо ҳамчун фардбайт дар эҷодиёти шоирон боқӣ мемонанд.

Фардбайт якчанд роҳи пайдоиш дорад: якум, фардбайт метавонад, ки аз рӯи гуфтаи Р. Мусулмониён, бадоҳатан гуфта шавад [105, с. 158]. Баъзан шоир дар ҳаёти рӯзмара ё табиати зинда ягон чизи мафтункунандаеро мебинад, ки ӯро мутаассир намуда, диққати ӯро ба худ ҷалб мекунад ё аз хушҳолӣ мешавад, ё баръакс баъзан аз нороҳатию ноадолатӣ мисраъҳои байт дар зеҳни ӯ пайдо мешаванд; дуюм, баъзан мешавад, ки носир ё нозим ҳангоми навиштани асари худ як байти маънодори барҷастаеро, ки ба асари ӯ ҳамоҳанг асту маънои асари ӯро ифода мекунад, дар аввал ё ҷамъбасти асараш меорад; сеюм, баъзан ҳангоми ҷамъомаду маросимҳо ва конфронсҳои илмӣ-бадеӣ барои таъсиргузор кардани нутқи худ ё диққати шунавандаро ба худ ҷалб кардан гӯянда аз забони вай як фарде садо медиҳад ва онро аз ҷониби сомеони ҳушманд дар мавридҳои дигар истифода бурда мешавад; фардҳое ҳастанд, ки аксаран дар аввал ё дар охири нутқ

ё асари гӯяндаву нависанда меоянд, дар ин сурат онҳо бояд, ки мазмунан дар худ ҳаҷми як асари мукаммалро ифода карда тавонанд ва ҳунармандонаю дилчасп гуфта шуда бошанд, дар акси ҳол чунин фардбайтҳо мондагор буда наметавонанд. Баъзан шоирон ду мисраи пурмазмун ё ҳаяҷонгезе мегӯянд, ки дигар ӯро давом дода наметавонад ва ин дар эҷодиёти онҳо ҳамчун як қисмати алоҳидае бо номи фардбайт боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки муҳимтарин хусусияти фардбайт ба таври барҷаста ифода гардидани фикр, маънии нозукеро ифода карда тавонистан ва муҳташаму ҳунармандона суруда шуданаш мебошад. Ба мисли фардбайти зерин Рустам Ваҳҳобзода, ки такрорнашаванда ва мунҳасир ба тарзи баёни худи шоир аст:

Шарқ дар хуни хештан ғарқ аст,
Зодани офтоб осон нест [48, с. 184].

Ин фардбайт илова бар мухтассоти зикршуда ҳомили бори иҷтимоӣ ҳам мебошад. Боз перомуни ин шеър баъдтар сухан хоҳем гуфт.

Худоӣ Шарифов дар ин хусус ба сурати возеҳтар чунин ибрози назар намудааст: «Байт воҳиди асосии маъноию шаклии шеър ва навъи хурдтарини асари манзум аст. Маҷмуи байтҳоро муфрадот мегӯянд... Муфрадот ҷамъи байти фард ё байти муфрадот мегӯянд ва ба маънои байти танҳост. Байт ҳамчун навъи мустақили шеъри халқӣ низ маълум аст, ки онро фардбайт ҳам мегӯянд» [165, с. 272-273].

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки фард ё фардбайт ба навъе бо мафҳуми байт, ки санги асосии бинои адабиёти манзуми мост, ҳамоҳангӣ дорад. Дар ҳамаи давраҳои адабиёти мо муфрадот, фард, байт ҷой доштааст, дар давраҳои гуногун хеле ривоҷ ҳам доштааст, аммо дар солҳои охир, дар солҳои шӯравӣ нисбат ба солҳои пешин камтар шудааст. Шоирони машҳур бо як байт ё бо як чанд байташон муаррифӣ шудаанд, ки ин байтҳо ё аз дохили осорашон ҳастанд ё асосан фард ҳастанд, ба сурати муфрад, яъне тавоноии шоир дар гуфтани байт, фард, муфрадот яке аз меъёрҳои асосии қудрати шоирӣ шинохта мешудааст.

Умуман, дар адабиёти ҷаҳон гароиш ба жанрҳои хурд дар асри охир хеле зиёд мушоҳида мешавад. Чаро? Ба назари Рустам Ваҳҳобзода, чунки ин замони мо асри суръат аст, асри машғулият аст, машғулии инсон, асрест, замонест, ки инсонҳо хеле камтар фурсат меёбанд барои хондани як асари муфассал ва шоиру нависанда ҳам камтар фурсат меёбад барои офаридани як асари муфассал.

Дар адабиёт ана ҳамин як байт намунаи барҷастаи як асари хурди тамомиёре ҳаст, ки дар он як фикри баҷаста баён шудааст. Ин як байтро, ки мо дар корамон бо истилоҳҳои «фард» ва ё «фардбайт» истифода кардаем, дар эҷодиёти шоир Рустам Ваҳҳобзода зиёд дучор мешавем. Яке аз қисматҳои пурарзиши эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода фардбайтҳои ӯ мебошанд, ки дар охири китоби «Салом» бо номи «Ҳазор бадеҳа» қисмате аз онҳо ҷой дода шуда, 331 якбайт аст, ки бо унвони «Ҳазор бадеҳа» интишор ёфтааст.

Сар то сари фардбайтҳои шоир аз мазмуну маъноҳои асотирӣ, зарбулмасалу мақолҳо, панду ривоят, Офаридагор, стоиши меҳану васфи табиат барин мавзуҳо иборат аст. Чуноне ки дар ин фард мушоҳида мекунем, мазмуни панд, ҳазл ва бори иҷтимоӣ ба ҳам омадаанд:

Чӣ сон панде диҳӣ дигар ба тифлон,
Ки тифлон баста гӯши худ ба тилфон [48, с. 235].

Ин ҷо мо ҳолатеро шоҳидем, ки онро дар рӯзгори ҳаррӯзаи хеш ҳар лаҳза мо вомехӯрему мушоҳида мекунем, воқеият ва мушкили иҷтимоӣ хеле воқеиву равшан нишон дод шудааст. Кӯдакони даврони мо дигар он кӯдакони пешини пандшунаве нестанд, ки ҳар чӣ бузургон насиҳат кунанд, ба гӯш гиранд, дигар онҳо гӯш ба тилфонанду ҳуш ба шабакаҳои иҷтимоӣ.

Дар фардбайтҳои шоир ташбеҳҳои ҳадафманд ҳам хеле бисёранд:

Ало Хуршеди ҷонафзо, касеро дӯст медорӣ?
Ки шом аз ҳаҷр дилхунӣ, саҳар гулгун зи дидорӣ. [48, с. 236]

Дар ин байт ошиқи дилдодаеро, ки аз ҳаҷри ёр ғамгину дилхун аст ва бо дидани ёри ғамгусор дарҳол хушҳол асту чун гул мешукуфад, ба ғурубу тулӯъи офтоб монанд кардани шоир хеле созгор омадааст.

Ё ин ки дар байти зерин мазмуни панд тарзе баён шудааст, ки тарзи гуфтори суннати шоирони гузаштаро ба ёд меорад:

Беҳин васфи Биҳишт ин аст дар Қуръон ки фармуда:

«Биҳишт он ҷо бувад, ки нашнавӣ гуфтори беҳуда». [48, с. 246]

Ҷое, ки гуфтори беҳуда, яъне суханҳои пучу бемаъно ва нодаркор гуфта нашавад, худи ҳамон ҷо биҳишт аст гуфтани шоир маънии баланди тарбиявӣ дорад.

Фардиёти Рустам Ваҳҳобзода хеле машҳур ҳастанд, онҳо солҳо қабл, пеш аз оғози таваҷҷуҳи бештари шоир ба якбайтҳо ва дигар навиштаҳояш писанди аҳли адаб гардида буданд. Баъзе байтҳои шоир дар байни хонандагони бурунмарзии шеъри тоҷик ҳам шуҳрат ёфтаанд. Хусусан, хонандагон ва муҳаққиқони хориҷӣ – Эрону Афғонистон ба чунин шеърҳои шоир таваҷҷуҳ кардаанд, ки яке аз онҳо шоири нозукхаёл ва адабиётшиноси маъруфи Эрон Алиризо Қазва аст. Ӯ мақолае дар бораи ашъори шоир навишт ва номи он мақоларо «Шоири такбайтиҳои дурахшон» ном гузошт. Сабаби шоири такбайтиҳои дурахшон гуфтанаш дар он аст, ки ҳамин навъ шеърро дар Эрон бо номи такбайтҳо ном мебаранд. Агар «такбайт»-ро бо тоҷикӣ гардонем, «якбайт» мешавад. Масалан, байтҳоеро, ки дар поён меорем, намунаи якбайтҳои шоир ҳастанд, ки хеле ҳам шуҳрат пайдо кардаанд:

Шарқ дар хуни хештан ғарқ аст,

Зодани офтоб осон нест [48, с. 184].

Доир ба муҳтавои ин шеъри кӯтоҳи шоир чандин арзёбӣ мавҷуд аст: яке аз он Худойназар Асозода аст, ки чунин арза доштааст: «Аз мақолаҳо, тазминҳо ва ашъори васфӣ дар бораи устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Иқбол, Турсунзода маълум аст, ки шоир мавзуи истиқлолро дар матни таърихии муқовимати Шарқи мазлум дар баробари таҳоҷуми Ғарб барасӣ намудааст, ки дар як фардбайти дар солҳои аввали эҷодиёт навиштаи ӯ хулосаашро метавон дид...» [13, с. 631]. Дувуми Камол Насрулло аст, ки чунин ибрози ақида намудааст: «Баъзан шоир дар як байт мазмуни достонро бо як тасвири шоирона баён мекунад. Ҳамин як байтро метавон яке аз дастовардҳои арзандаи Рустам Ваҳҳобзода дар эҷодиёти ӯ ва аслан шеъри

навини мо донист [112, с. 11]. Савум, доварии Гулрухсор аст, ки дар сарсухани китоби «Шаҳри хуршед» ифодаи ин шеърро бо ду маънӣ шарҳ додааст: «Мо Рудобаи дар хун оғуштаро ба ёд меорем, ки паҳлӯи ӯро бурида, Рустами Дастонро аз батнаш берун кашиданд. Ин тасвир тулӯъи офтоб аз миёни шафақи хунинро ба ёд меорад. Ва дар айни ҳол ин рамзи сарнавишт ва саргузашти Шарқи ранҷида ҳам ҳаст, ки ҳамеша дар хуни худ тапида, вале рӯшноӣ, нуру зиё ва озодагиро ба оламиён ҳадя кардааст. Ва ин ҳама маъно – дар ду мисраи зоҳиран сода ва номи шеър, ки ҳамчунин бори маънӣ мекашад [36, с. 9]. Чаҳорум, андешаи Ҳафиз Раҳмон аст, ки ӯ низ дар китоби «Сарводаи Ватан» ин шеърро ба ду маъно шарҳ додааст: «Ва дар ин шеъри муртакиби ҳамагӣ ду мисраъ иқтидори маънавии як достонро дорад... Дар ин байт, агарчи дар зоҳир таърихи таввалуди Рустами Таҳамтан дар мадди назар бошад, аз сӯи дигар, ҷиҳати фарогирифти маъно ончунон пурғунҷоиш аст, ки кулли муаммоҳои сиёсиву иҷтимоии Шарқ ва сабабу омилҳои вобастагии он ба Ғарб тасаввур мешавад. Шарқи зоишгоҳи хуршед ва нуру зиё дар айни замон мазлуму ғӯтавар дар муаммоҳои хеш, идомаи мазомине марбут ба ноогоҳӣ ва хуфтагии Шарқ, ки дар осори Иқболи Лоҳурӣ хеле муфассал баён шудааст» [136, с. 19].

Дар иртибот ба ин мавзуъ Ҳафиз Раҳмон боз як хотираи замони донишҷӯиашро ба хотир овардааст, ки овардани онро дар ин ҷо бамаврид мешуморем: «Як замоне (соли 2011) дар донишгоҳ мулоқот бо яке аз тарҷумонҳои маъруфи рус Михаил Синелников баргузор шуда буд. Ин шоири москавӣ яке аз муаррифони донишманди адабиёти форсу тоҷик дар Русия ва дигар манотиқи русизабонон аст. Дар ин нишаст, ки устод Мӯъмин Қаноат низ ширкат дошт, китоби тарҷумаҳои тозаи ӯ бо унвони «Огненные знаки» рӯнамоӣ мешуд. Дар ин қисмати китоб тарҷумаи чанд шеъри Абулқосим Лоҳутӣ, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Бозор, Лоиқ, Ҳабибулло Файзулло ҷойгир буданд ва ҳамагӣ як байт аз ашъори Рустами Ваҳҳоб:

Шарқ дар хуни хештан ғарқ аст,
Зодани офтоб осон нест.

Вновь Восток весь в крови,

Все вокруг заалело…

Ёдам ҳаст, ки баъди хатми ин нишаст банда аз ҷониби Синелников дар роҳрави ошёнаи якум қадамзанон суол кардам, ки оё як байтро тарҷума кардан магар маънои муаррифии шеъри як шоирро дорад, оё кам нест... Он кас ба табассуми ба худашон хос посухи аҷибе доданд: Ҳатто як байт кофист, ки шукӯҳу шаҳомати рӯҳи шоир нишон дода шавад ё шумо фикри дигар доред?» [129, с. 3].

Ин гуфтаҳо далел аз бузургии шоир ва қобили қабул будани фардбайтҳои Рустам Ваҳҳобзода аст.

Ё ин ки байти дигаре:

Болиши тифлро зи санг кунед,

То бидонад, ки зиндагонӣ чист [48, с. 237].

Ё худ, ин байт:

Ба поям риштаи қисмат гиреҳ аст,

Сари ин ришта дар ангушти деҳ аст [34, с. 127].

Муфрадоти дигари шоир мавзуъҳои куллан гуногунро дар бар мегиранд. Масалан:

Ту қадам бебок бигзору бубин,

Кӯҳи пешорӯи ту вопас равад [48, с. 246].

Дар маънии ин байт чизи бештар метавон гуфт, вале муҳим он аст, ки ба таъкиди аҳамияти талошу кӯшишу шуҷоат рӯ ба рӯ ҳастем. Яъне, қадам бебок мегузорем, пеш меравем, кӯҳ, ки дар рӯ ба рӯи мову шумо ҳаст, мебинем, ки қафо рафта истодааст. Шоир аз як мушоҳидаи табиӣ маънӣ бардошта, маънӣ ҳосил кардааст.

Мисоли дигаре:

Дар дилам чашмаи зар меҷӯшад,

Даст дар судани оҳан дорам [48, с. 246].

Ба ифодаи шоир, дар дилам чӣ қадар маъниҳо, фикрҳо, андешаҳо, орзую ормонҳо аст, вале дастам банди корҳои хурду резаи оддии рӯзмара аст. Бино ба тавзеҳи шифоҳии шоир, чашмаи зар шеър аст, яъне дар дили шоир талотуми

илҳом аз шеър аст. Вале ба сабаби масъулият ва тақозои шуғл маҷбур аст, ки як мақолаи сусту обакию на чандон муҳимро бихонаду таҳрир бикунад, вақташро ба иҷрои ин амал сарф кунад. Аз ҳамин ҷо дармеёбем, ки ин шеър шеъри вазъ аст, ки аз тақозои рӯзгор сухан мегӯяд ва ҳолатро бисёр хуб нишон медиҳад.

Дар байти зерин ишора ба қиссаи Сулаймон аст, ки дар асоси он шеъри зебое халқ шудааст:

> Гар Сулаймонест бар фавқи башар,
> Дев набвад ғайри як деворгар [48, с. 246].

Тибқи ривоят, вақте ки Сулаймон девонро мусаххари амри худаш карда буд, девҳо ободонию ободкорӣ мекарданд, девор мекарданду шаҳрсозӣ мекарданд, корҳои кишоварзӣ мекарданду корашон бунёдкорӣ буд, то ин ки Сулаймон аз ҷаҳон рафт. Мегӯянд, чанд мудате, ки Сулаймон ба асояш такя карда мурда буд, девҳо бехабар аз мурдани ӯ кор мекарданд. Баъд вақте ки асояшро мӯрон хӯрданду ҷасадаш ба замин уфтод, он гоҳ наъразанон онҳо шодӣ карда, аз сари кор гурехтанд ва ба ҳамон зиндагии беназми худашон баргаштанд.

Дар устураҳои адабиёти мо Ҷамшед ҳамин мақомро дорад ва ӯ ҳамин корро мекард. Ҷамшеду Сулаймон баъд дар асотир бо ҳам меомезанд, яъне вақте ки дар сари ҷомеа як шахсияти қавиирода ва комилу дурандеш, ҳаким қарор дорад, дев ҳам деворгарӣ мекунад, на дарандагӣ.

Ба мазмуни байти дигар таваҷҷуҳ мекунем:

> Зикри бад чун бигзарад аз марзу ҳад,
> Гум шавад фарқи миёни неку бад [48, с. 246].

Дар ин ҷо гуфта мешавад, ки мо фақат чизҳои манфиро мегӯем, чизҳои аз доираи қабулу маънавиёт берунро мегӯему дигар тафовути неку бадро фаромӯш мекунем. Бояд некро ҳам намуна карда нишон дод, на танҳо бадро маҳз барои ин ки бад аст.

Камол Насрулло низ дар мақолаи хеш «Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон» аз байтҳои шоир ёдоварӣ намуда, онҳоро «яке аз бобҳои хеле писанду хонданӣ» дар

эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода арзёбӣ намуда, илова бар он «бисёр рехта, шоирона, ҳунармандона, ҳадафнок бо тозагиҳои хоси шоир» гуфта шудани ин байтҳо ва «мақолу зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ садо додани онҳоро, ки ниёзе ба шарҳ надоранд», баён намудааст. Камол Насрулло ҳамчун далел дар мақолааш байтҳои зеринро овардааст:

Лашкар нахоҳад, он ки ба каф теғи ҷон гирифт,
Хуршед як тан аст, вале осмон гирифт [112, с. 11].

Ва:

Бар нигоҳи гарми ин оина кам бовар бикун,
Чун бирафтӣ аз бараш, акси ту берун афканад [112, с. 11].

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои анҷомшуда маълум мешавад, ки фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода мавқеи муҳиммеро ишғол мекунад. Метавон гуфт, аз як тараф, шоир ба ин жанри хурди лирикӣ таваҷҷуҳи хеле зиёд дорад, аз тарафи дигар, фардбайт ба табъи ӯ мувофиқ афтодааст. Чуноне ки худи шоир ҳам дар як мусоҳибае, ки бо ӯ доштем, иброз намуд, ки «Ман борҳо эҳсос кардаам, ки аз як байт ба унвони як жанри мустақил ҳар чӣ бештар метавон истифода кард ва аз тарафи дигар, хоҳише дар дилам пайдо шуд, ки дар ростои устувор кардани мавқеи ҳамин жанр дар адабиёти муосир кӯшише кунам, як хидмате карда бошам...».

Ин ҷо саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки барои чӣ шоир муфрадоти бадеҳа номидааст? Барои он ки ин байтҳоро аксаран шоир бадоҳатан гуфтааст, хусусан, дар фазои маҷозии интернет, дар суҳбатҳо, дар мубоҳисаҳо бадоҳатан эҷод шудаанд. Чуноне ки худи шоир иқрор мешавад, «бидуни он ки нақши пешакӣ дошта бошам ё шишта фикр карда нависам, бадоҳатан гуфта шудааст» ва дар фазои интернет арза кардааст, ки истиқболи беназир дошта, хеле ҳам хуб пазируфта шудаанд.

Ҳоло теъдоди фардбайтҳои Рустам Ваҳҳобзода беш аз ҳазорто шудаанд, қобили таваҷҷуҳи фардиёти шоир ба сурати маҷмуа ва дар шакли китоб бо номи «Ҳазор байт» (муфрадоти бадеҳа) бо ду ҳуруф: ҳуруфи ниёгон ва ҳуруфи имрӯзаи

тоҷикӣ чоп шудааст [70]. Ин байтҳо ҳосили таассурот, хулосаи мушоҳидаҳои шоир аст, ки гуфта шудаанд, ин байтҳоро, чуноне ки худи шоир мегӯяд, «дар фазои интернет арза кардааст ва истиқболи беназир доштаанд, ки ҳеҷ гуна шеърҳои дигар ин гуна истиқбол надоштаанд».

Муҳимтарин хусусияти якбайтҳои шоир он аст, ки онҳоро метавон дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш ҳамчун далел, ҳикмату шиори зиндагӣ, панди рӯз, насиҳат ба фарзандон, ҳурмати калонсолон, хушахлоқӣ, покию некӣ, дӯстию рафоқат, ростию накӯкорӣ, омӯхтани илму дониш, тарбияю ахлоқ ва панди рӯзгор истифода бурд.

БОБИ II

# МАВҚЕИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА ДАР ЛИРИКАИ ИҶТИМОИИ МУОСИР

## 2.1. Андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи Рустам Ваҳҳобзода

Рустам Ваҳҳобзода дар офариниши шеър, умуман, дар ашъори ғиноии хеш, хусусан, ба зебоии ҳаёт ва фалсафаи ҳастӣ диққати махсус зоҳир карда, бо андешаҳои тозаю рангин ва тарҳи мавзуъ ва мазмунҳои дархури замон андешаҳое баён кардааст, ки аз ҳузури андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи иҷтимоии вай гувоҳӣ медиҳад. Ҷустуҷӯи андешаҳои адабию эстетикӣ дар эҷодиёти адибон собиқаи дерина дорад. Дар ин бора, дар мисоли адибони ҷудогона, корҳои таҳқиқӣ ҳам сурат гирифтаанд, ки аз назари бархурди методологӣ муҳим ҳастанд [137]. Дар партави чунин асарҳо масъалаи мазкурро дар эҷодиёти шоири мавриди назари мо ҳам ҷустуҷӯ ва таҳқиқ кардан мумкин аст.

Пайванди шоири соҳибназар бо андеша ва зебоишинохтӣ ҳукмест, ки аз таҷрибаи эҷодии шоирони қадим сарчашма мегирад. Эҷодкорон хусусан, шоирон ҳастанд, ки дар ҳама ҳолат, пеш аз ҳама, бо табъи нозуку хаёлҳои рангини хеш ва ашъори пуробурангашон дунёро мунаққаш месозанд ва онҳо бо табъи худодои худ ва шабзиндадорию бедорхобӣ аз сухан кох месозанд, нур меофаранд ва билохира, ба сухан ҷон мебахшанд. Ба ақидаи Абдурраҳмони Ҷомӣ, «табъи сухангузор ва истеъдоди шеър қудрати илоҳист...», яъне ҳам шеър ва ҳам табъи шоирӣ маншаи улвӣ доранд. Чунонки аз тавзеҳи А. Сатторзода бармеояд, Ҷомӣ «натанҳо сарчашмаи эҷоди бадеӣ ва истеъдоди шеърро ба илоҳӣ нисбат дода, назми шоирро «туҳфаи ғайбӣ» номидааст, балки муроди шеъру шоириро низ аз «мутолиаи ҳусну ҷамоли Ӯ ва «мушоҳидаи ҷоҳу ҷалоли Ӯ», яъне Худованд медонад [139, с. 21].

Чунин ақида ва эҳтиром ба каломи манзумро, ки дар суханони Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар шоирони асримиёнагӣ ба таври фаровон дучор мешавем, адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул низ ба мушоҳида гирифта, оид ба ин нукот чунин андешаронӣ намудааст: «Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсӣ ҳодисаи инкорнопазир буда, дар ин бора аз ҷониби

донишмандони ватаниву хориҷӣ даҳҳо китобу рисолаҳо таълиф гардидаанд, ки ба аҳли басират ошноянд. Аммо дар аксари чунин таълифот, бештар таҷаллии Қуръон ва ҳадис дар каломи шоирон мавриди баррасӣ қарор гирифтаву шеваҳои гуногуни асарпазирӣ ва каломи раббониву аҳодиси набавӣ дар шеър тасдиқ гардидаанд» [108, с. 216].

Дар ҳақиқат, таъсири ин ақидаро мо дар ашъори пурҳикмати Рустам Ваҳҳобзода низ вомехӯрем. Гузашта аз ин, шоири мо асли сухан ва сарчашмаи онро аз қудрати яздонӣ ва каломи илоҳӣ медонад. Барои далел ва тақвияти ин гуфтаҳо ба рубоиёти зерини шоир таваҷҷуҳ мекунем:

Ё Раб, сухане, ки дар тавонам набувад,
Он гуна бикун, ки дар забонам набувад.
Он нӯш мадеҳ, ки бар зиёнам бошад,
Он неш бидеҳ, ки дар зиёнам набувад [48, с. 211].

Дигар:

Қалби ману қалби шабу қалби Қуръон,
Дар панҷа гирифта қалби бемори замон.
Мегӯяму мехӯрушаму мезорам:
Ё Шофию ё Карим, ё Раб, дармон! [48, с. 211].

Маълум мешавад, ки Рустам Ваҳҳобзода низ ба нуқтаи назари Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки «ба шеър қаробат доштани каломи «Қуръон»-ро таъйид карда, онро «возеҳтарин далели мақоми баланди шеъру шоирӣ меҳисобад» [137, с. 22] ҳамақидаю ҳамфикр аст. Далели ин гуфтаҳоро дар шеъри «Гавҳари имон» вомехурем:

Бо манӣ, эй гавҳари поку муназзаҳ, бо манӣ,
Дар шаби андешаҳо чун партави маҳ бо манӣ.
Бо тулӯъи субҳ дар тори навои булбулон,
Дар қиёми шаб ба зикри Аллаҳ-Аллаҳ бо манӣ...[48, с. 100].

Ё худ, дар шеъри «Тилисм» мехонем:

На маҳи шаби Нахшаб, на ситора, на кавкаб,
Кош будамӣ, ё Раб, нуқтае зи Қуръонат [48, с. 102].

Аз ин намунаҳо бармеояд, ки дар шараёни шеърҳои шоир суханҳои пурҳикмату волои китоби муқаддаси «Қуръон» ҷорӣ мегардад.

Масъалаи дигар қаробати мусиқӣ бо шеър мебошад, ки он ҳам дар қиёс ба андешаҳои Ҷомӣ матраҳ мешавад. Як бахши муҳимми ашъори Рустам Ваҳҳобзода аз ҷанбаи қавии мусиқӣ бархурдоранд. Пайванди шеър бо мусиқӣ ҳодисаи маъмули адабӣ буда, ин суннат аз таҷрибаи хунёгарии гусонҳои қадим сарчашма гирифта, дар таҷрибаи эҷодии шоирони аҳди Сомонӣ ба баъд маъмул гардида, то кунун идома дорад.

Аз ҷумла, дар ҷои дигар ин муаллиф овардааст, ки «асоси қаробати шеъру мусиқиро Ҷомӣ арз накардааст, вале маълум, ки ӯ пай бурдааст, ки: «лирика ғолибан баёни ҳиссиёт аст ва аз ин ҷиҳат он ба мусиқӣ, ки аз ҳама санъатҳо дида якбора ва бевосита ба ҳиссиёт таъсир мекунад, қаробат дорад» [22, с. 453].

Ин қаробат ва ин наздикиро мо дар шеърҳои Рустам Ваҳҳобзода низ мебинем. Қаробати наздики шеъри шоир бо оҳанг ва савту мусиқӣ сабаб шудааст, ки овозхонони беҳтарини кишвар бо як ҷазоббияту маҳорати хос ба матни шеърҳои ӯ оҳанг баста, сароидаанд. Он сурудаҳо ба шунаванда рӯҳу ҷони тоза мебахшад. Аз он ҷумла, матни суруди «Чист Ваҳдат», «Ба пойи Бесутун», шеърҳо дар васфи «Наврӯз», «Кабки дарӣ», «Қасам» ва ғайраҳо бо самимияту меҳри беандоза навишта шуда ва аз тарафи овозхонони варзида бо оҳанги ҷаззобу мондагор суруда шудаанд.

Зебоие, ки дар мусиқии шеър дарк мешавад, бештар ба сатҳи зоҳирии калом мутааллиқ аст. Аммо каломи шеърӣ дар зоти худ ҳам дорои мусиқиест, ки он аз дарки маънӣ ва чигунагии таассуроти хонанда бармеояд. Аз ин нигоҳ ҳам зебоии калом ва маънии сухани баланд дар шеърҳои ғиноии Рустам Ваҳҳобзода қобили дарк буда, бо тарзи махсуси худи шоир ифода ёфтаанд. Ақидаи Гоголро дар ин хусус, ки «ба сухан бояд аз рӯи сидқ муносибат кард. Вай тухфаи олии Парвардигор ба одам аст» [75, с. 127], дар андешаҳои шоирона ва тасвиркориҳои беназири шоир дарёфтан ва мушоҳида кардан мумкин аст.

Тарафи дигари масъала андешаҳои адабиёю эстетикӣ дар бораи моҳияти эҷоди бадеӣ, махсусан шеър, мебошад, ки дар ин росто дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ зиёданд.

Маъмулан, тибқи назариёти маълум, ғараз аз гуфтани шеър бақои исми гӯянда ҳам ҳаст. Аммо, аз хилоли гуфторҳои Рустам Ваҳҳобзода бармеояд, ки мақсади асосии вай аз шеър гуфтан ном ва шуҳрат набудааст. Чуноне ки худи шоир мегӯяд, мақсади ӯ аз шеър ному нон ҷустан нест, балки «дард»-у «доғ»-у «зиён» аст, дард аз ноадолатию пастҳимматӣ, дарди носипосию бераҳмӣ, хиёнату зиёнкории фарзандони ноогоҳи беасли ватан аст. Чунончи, дар ғазале бо номи «Шеър», ки дар пайравии шеъри Пайрав «Қалам» нигошта шудааст, мақсад аз шеъру шоирии худро ӯ чунин баён намудааст:

Қаламам килки устухони ман аст,
Дафтарам парниёни ҷони ман аст.
Ному нонам мабод аз дари шеър,
Шеър худ резахори хони ман аст...
Чист ин шеър, то бинозам аз ӯ,
Дарди ман, доғи ман, зиёни ман аст...[48, с. 97-98].

Чунонки аз ин шеъри ноби шоир бармеояд, вай қаламро аз килку найқалами устухони худ ва дафтарашро аз парниёни ҷони худ (мисли коғази нафиси аз ҳарир сохташуда, ки барои навиштани хат аст – М.С) медонад, ному нонашро аз шеър намедонад, балки шеърро аз резахори дастархони худ медонад, пираҳани тани шеър аз бедорхобии шабҳояш, пойафзоли пои шеърро аз рӯҳу равони худ медонад. Пас ба худ савол медиҳад, чист ин шеър, ки бинозам аз ӯ? Ҷавобашро боз худ медиҳад, ки: «Дарди ман, доғи ман, зиёни ман аст». Боз ӯ шеърро ҳамроҳу рафиқи роҳу ғурбат медонад. Билохира, дар баландтарин қуллаи бовари худ, байрақи абадию ҷовидонааш мехонад.

Яке дигар аз ҳадафҳои шеъри Рустам Ваҳҳобзодаро Абдушукури Абдусаттор дар мақолаи «Эҳёи суннати куҳани шеъри Аҷам» чунин иброз доштааст: «Ҳадафи муҳимме, ки Рустам Ваҳҳоб дар «Соқинома» дорад, масъалаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, мубориза барои истиқлол ва ваҳдати давлату

миллати хеш аст. Фаровонии ишораҳо ба Фирдавсӣ ва Шоҳнома»-ву қаҳрамонони он аз ин ҳадаф гувоҳӣ медиҳад. Фирдавсӣ ва «шоҳнома»-и ӯ барои шоир рамзи худогоҳӣ ва худшиносӣ, парчами мубориза барои истиқлол ва ҳифзи ормонҳои миллӣ ва аз ҷумлаи рукнҳои асосии ҳастии миллат аст. Фирдавсӣ барои тоҷикон чун Нӯҳ паёмбар ва «Шоҳнома» киштиест, ки дар сахтиҳо боиси наҷот хоҳад буд. Ба ин маънӣ шоир ба рӯҳи поки Ҳакими Тӯс дуруде мефиристад ва мегӯяд:

Ҷаҳонпаҳлавони ҷаҳони сухан,
Ҷаҳонхусрави ҷовидони сухан.
Ба сад обхези дигар Нуҳи мост,
Ки «Шоҳнома» худ киштии рӯҳи мост» [5, с. 11].

Ҳадафи дигари шоир аз гуфтани шеър эҳёи суннати аҷдодӣ аст, ки мо инро аз шеъри зерини ӯ дармеёбем:

Ба Наврӯзи нав тоза ойин кунем,
Зи нав Рахши фархундаро зин кунем... [48, с. 22-25].

Дар ҷойи дигар шоир рисолати ниҳоии эҷоди шеърро чунин баён намудааст:

Шеър бояд, ки шӯр ангезад,
Мурдагонро зи гӯр ангезад.
Ки раҳи бахти халқ бинмояд,
Гиреҳи бахти халқ бикшояд... [48, с. 32].

Сухану шеър ҳам созанда ҳасту ҳам сӯзанда, аз ин рӯ, онро шоир ба ханҷари тез монанд кардааст:

Шоиро, андар ду роҳи интихоб уфтодаӣ,
Мекунад теғи забон коре, ки ханҷар мекунад?
Ҳар киро дар дил бувад дардею дар хотир ғаме,
Шеъри моро, в-ар на аз бар кард, бовар мекунад [48, с. 103].

Рустам Ваҳҳобзода нисбат ба шеъру шоирӣ талаботи ҷиддӣ дорад. Дар шеъри дигаре, ки бо номи «Сухан» аст, ҳадаф аз шеър гуфтанро шоир баланд бардоштани қадри сухан медонад, чунки сухан аз осмон омадаасту боз сухани волое бояд гуфт, ки то осмон расад. Ҳамон шеъре ҷовид мемонад, ки ба умқи дилҳо мерасад:

Сухан аз осмон фуруд омад,

Боз бояд ба осмонаш бурд.

Бояд ин тирро зи хок кашид,

Боз бар хонаи камонаш бурд.

Мурғи ҷовиди ошёни дил аст,

Боз бояд ба ҷовидонаш бурд [48, с. 174-175].

Мақсади дигари шоир аз шеър гуфтан давом додан ва зинда нигоҳ доштани осори пурғановати шеъри тоҷик аст. Ин ақидаро шоир Низом Қосим низ дар мақолаи хеш « Бозгашти шоир» чунин баён доштааст: «Ҷӣ ҷои зикр аст, ки Рустам Ваҳҳобзода донишманд аст, вале дониш худ аз худ шеър намешавад, хушбахтона, соҳиби «Шаҳри Хуршед» донишманди шоир аст ва донишро бисёр шоирона ифода мекунад. Вусъати тафаккуру хаёл, ки боиси вусъати табии баёну ифода мешавад, ҷиҳати хосси шеъри Рустами Ваҳҳоб аст» [94, с. 14 ].

Мақсаду ният ва ҳадаф аз шеъру шоирии Рустам Ваҳҳобзода аз ашъори атрогинаш ҳувайдо асту мо онро ба хубӣ пайхас мекунем, вале боз шеърҳое дорад, ки роҷеъ ба ин мавзуъ ба таври хосса ишора мекунад. Аз ҷумла, дар рубоиёту дубайтиҳо ва фардбайтҳои ӯ ба чунин мауорид бисёр вомехӯрем.

Ба ҳамин маънии айб донистани сирқат дар шеър дар рубоии дигаре омадааст:

Аз шеър ҳазору анд дафтар дорем,

В-он шеър, ки дорем, ҳама тар дорем.

Айб аст, агар ба хушксоли илҳом

Аз мазраъи ғайр хӯшае бардорем [48, с. 210].

Мисоли дигар:

Мансур бишав, ки дори ту шеър шавад,

Яъқуб, ки интизори ту шеър шавад.

Ин лолаву настаран ҳама шеъри Худост,

Шоир тӯӣ, ар ки хори ту шеър шавад  [48, с. 213].

Дар мисраи охири ин рубоӣ нуктаи басо ҷолиб омадааст: шоири ҳақиқӣ он аст, ки ҷое, ки хори хушк аст, аз он ҳам шеъри тар биофарад.

Дар рубоии зерин ба ҷовидонии шеър ишора шудааст:

Ман шоири солу ҳафтаву моҳ наям,
Аз ҳафтаву моҳу сол огоҳ наям.
Ман шеър ба ёди ҷовидон мегӯям,
Ҳарчанд ки худ гоҳ ҳаям, гоҳ наям [48, с. 214].

Мо дар намунаҳои боло ба даъвии шоирӣ мувоҷеҳ мешавем ва дуруст дар ҳолатҳое чунин суханҳо эҷод шудаанд, ки дар миён «ман»-и шахсии шоир мактум шудаву «ман»-и шоирӣ ҷилва намудааст.

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки дар лирикаи Рустам Ваҳҳобзода андешаҳои адабию эстетикӣ бо роҳҳои гуногун ифода шудаанд. Муносибати шоир ба эҷоди бадеӣ, махсусан шеър, дар ниҳояти шинохти шеъри асил ва шеъри мондагор зоҳир мешавад. Мақсади асосии шоир аз гуфтани шеър баёни «дард» бошад, ин дард фарогир аст: дарди нуҳуфтаи ботини инсон, ки дар симои шахсияти ғиноӣ, яъне худи шоир зоҳир мегардад, дарди замона ва дарде, ки зодаи масъулият аст. Ғарази дигар васфу тараннуми ватани азизу биҳиштосои Тоҷикистон ва истиқлоли миллию ваҳдат аст. Дар умум, шоир бо таъби равону малакутӣ ва бо тахайюли қудсӣ, бо мақсади муайяни эҷодӣ шеър гуфтааст, шеъри Рустам Ваҳҳобзода шеъри андеша, то ҷое ҳакимона ва ҳадафмандона аст.

## 2.2. Масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода

### 2.2.1. Ватан ва ватандорӣ

Мавзуи ватан ва ватандорӣ дар коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода дар ҳама сатҳ ва дар ҳама вазъу ҳол дар ҷойи аввал қарор мегирад. Барои ҳамин, мо баррасиамонро дар масъалаи муайян кардани масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии шоир перомуни ашъори ватандӯстонаи шоир сар мекунем. Дар ин ҷо мулоҳизаҳои худамонро, ки дар натиҷаи баррасии ашъори шоир ҳосил гардидаанд, матраҳ хоҳем кард.

Масъалаи ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода паҳнои васеъ дошта, аз оғози ба шоирӣ пардохтани ӯ то кунун зина ба зина идома дошта, аз шеъре ба шеъре уфуқҳои тоза касб мекунад.

Ватандорию ватандӯстдории ҳар як инсони соҳибдил аз дӯст доштани зодгоҳаш сарчашма мегирад. Устод Рустам Ваҳҳобзода низ дӯст доштани Ватан, эҳтирому садоқат ва арҷгузории Ватанро аз зодгоҳи хеш, ки деҳаи Капалии ноҳияи Тоҷикобод аст, оғоз намудааст. Капалӣ бо номи шоири боистеъдоди тоҷик Рустами Ваҳҳоб решапайванд аст [36, с. 4 ].

Баъд аз Капалӣ (ҳозира Сафедмӯн) мафҳуми муқаддаси дигар, ки ба номи он шоир ифтихор дорад, Тоҷикобод аст:

Не Самарқанду Бухоро аст,
Не ба таърих арзише дорад,
Не варо қасру кохи волост,
Лек номи пурарзише дорад…
Гар ба таърих аз даричаи ҳақ
Бингарӣ, Шарқ Тоҷикобод аст… [36, с. 4].

Барои шоир шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистону тоҷикони ҷаҳон мояи ифтихори бузург аст. Чунонки дар шеъри «Сомонгирд»-и шоир бармеояд, ин шаҳр барои ӯ ҳамчун мавзеи муқаддасест, ки сиришташ бо хамирмояи ахлоқу эҳсон тахмир шуда, дорои чунин авсоф ва вижагиҳо мебошад:

Шаҳри Сомонгирд шаҳри офтоб аст,
Шаҳри сабзи ормонҳост.
Гар раҳовардат ба лаб ошуфта ҳазёнест,
Дар ҳавои ошноипарвари ин шаҳр
Ё дуруде мешавад, ё барги лабханде...
Шаҳри Сомонгирд
Шаҳри симонию сангӣ нест,
Шаҳри имонист…
Рӯдакию Айнию Синову Фирдавсӣ –
Чор рукни кохи фарҳанги барумандаш,

Сарфароз андар миён Сомонӣ Исмоъил –

Хадевандаш,

Дасти девон кӯтаҳ аз девори тадбири баландаш…[48, 74-76].

Аз тасвирҳои гӯёи шеър бармеояд, ки дар ин ҷо сухан оид ба шаҳри Душанбест. Илова бар ин, аз тавзеҳи повараҳии муаллифи шеър ҳам ин маънӣ возеҳ равшан мегардад: «Сомонгирд – манзур Душанбест, дар қиёси номҳое, чун Сиёвушгирд, Боругирд, Савсангирд ва ғайра» [48, с. 74].

Шоир дар ин шеър аз диёри офтобӣ, аз гулу гулгаштҳои ҳамешабаҳори хиёбонҳо ва ҳавои рӯҳнавози ин шаҳри Ориёӣ, аз ҳар дарахти ин шаҳр, ки шоҳиди воқеаҳои таърихии гузашта ва соҳиби истиқлолият гаштани ин диёри кӯҳанбунёданд, аз маркази илму дониш ва макони олимону донишмандон будани он ва аз аҳолии ин шаҳр, ки решаҳояшон аз зиёиёни Хоразму Бухорову Самарқанданд ва аз чор сутуни адабиёти форсу тоҷик – Рӯдакию Айнӣ, Синою Фирдавсӣ, ки аз чор тарафи гулбоғҳои шаҳр муҷассамаи онҳо гузошта шуда ва дар мобайн Шоҳ – Исмоили Сомонӣ боифтихор қомат афрохтааст, сухан гуфта, ба ин восита ба равиши ҷадиде шаҳрро тавсиф менамояд. Шоир бо истифода аз имконоти санъати талмеҳ ба Шоҳи Тирандоз – номи яке аз баландтарин қуллаҳои ҷаҳон, воқеъ дар Бадахшони Тоҷикистон, ки тибқи ривоят Ораш аз он тир андохта марзи Эронзаминро таъйин кардааст, ишора кардааст [48, с. 75]. Шоир макони орифону донишмандон ва хонаи умеди тоҷикони ҷаҳону пойтахти Тоҷикистон будани шаҳри Душанберо донишмандонаю дақиқкорона ва бо диди шоирона хеле барҷаста ва мукаммал нишон додааст.

Мувофиқи гуфтаи Гулрухсор Сафиева дар муқаддимаи маҷмуаи «Шаҳри Хуршед», «шеъри нахустини чопии Рустам соли 1980, замони донишҷӯ буданаш эҷод шудааст [36, с. 5]. Ин шеър бо байтҳои зерин оғоз мешавад:

Маро «дилсанг» гуфтӣ, шаҳрзодо,

Дилам н-озурду озорат наҷӯяд,

Чи бок, ар дил бувад санги куҳистон?

Чу бар санги куҳистон гул бирӯяд.

Аммо Гулрухсор Сафиева оғози эҷодиёти шоири ҷавонро соли 1982 медонад, ки бо шеъри «Меҳрнома» оғоз шудааст [36, с. 6]. Маълум мешавад, ки шеъри нахустини шоир дар мавзуи ватандорӣ суруда шудааст. Шеъри мазкур чунин аст:

Ба ҷуз меҳрат таманное надорам, Тоҷикистонам,
Умедам, орзуям, ифтихорам, Тоҷикистонам.
Агар тақвими умрам сафҳаи таърихи сахтат нест,
Надорад тозагие рӯзгорам, Тоҷикистонам…
Барои ман ту беш аз хонадоне нестӣ ҳаргиз,
Бадахшонам, Зарафшонам, Ҳисорам, Тоҷикистонам...
Ба ту пайванди ман то ҷовидон сарсабз хоҳад буд,
Чу меруяд гиёҳат бар мазорам, Тоҷикистонам… [36, с. 6].

Дар ҳақиқат, агар ба назар бигирем, ки дар вақти гуфтани ин шеър расми маъмул тавсифи ватани ягонаи мардуми шӯравӣ – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии собиқ буду дар он замон дам аз ифтихороти миллӣ задан гуноҳ ҳисобида мешуд, ҷуръати шоири ҷавон дaҳчанд намудор мегардад. Нуктаи муҳимми дигар дар бораи мазкур эъломи маромномаи эҷодии шоир тавъам бо Тоҷикистон мебошад, ки чунин садо медиҳад:

Ба ту пайванди ман то ҷовидон сарсабз хоҳад буд!

Дар бораи муҳтавои шеъри мазкур ду арзёбӣ мавҷуд мебошад, ки аввал ба Гулрухсор Сафӣ, дувум ба Ҳафиз Раҳмон тааллуқ дорад. Гулрухсор зимни муаррифии шеъри мазкур вижагиҳои онро аз назари ватанхоҳӣ чунин муайян кардааст: «Дар чакомаи зикршуда аз назари хонандаи кунунӣ на мавзуъ нав аст, на шакли шеър, на тарзи ифода, аммо бисту шаш сол пештар, дар давроне, ки ҳамаро як ватан буду васфи он сархати кулли эҷодҳо, ба меҳани воқеии худ рӯйи суҷуд овардани шоири навқалам ҷуръат, самимият ва ифтихору ғурури хосаро тақозо мекард» [36, с. 6].

Ҳафиз Раҳмон ин шеърро ин гуна маънидод намудааст: «…Тавъам донистани рӯзгорони шоиру меҳанаш, масъулияти бо ҳама сахтиҳову нармиҳояш

ҳамтақдирии ватанро ба уҳда гирифтан намунаи волои эҳсоси фарзанди ватан будан аст...» [136, с. 27].

Рустам Ваҳҳобзода аз ҷумлаи шоиронест, ки меҳри Ватанро дар ғурбат, дур аз Тоҷикистон, дар кишварҳои бегона ҳам таҷриба кардааст. Аз ин ҷост, ки шеърҳои дар васфи Тоҷикистон сурудаи шоир ба навъе ба сарнвишти худи ӯ ҳам алоқаи мустақим доранд.

Рустам Ваҳҳобзода ба Тоҷикистон ба дараҷае иноятиь махсус дорад, ки диди шоиронааш махсуси худи ӯ ва нотакрор аст. Дар байти зерин вожаҳои тоҷикиро дар ҳар забони дигари дунё ҳамчун шаҳрванди Тоҷикистон медонад:

Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё

Шаҳрванди Тоҷикистонанд.

Камол Насрулло дар заминаи байти боло ба хубӣ мушоҳида кардааст, ки «як сифате, ки ҳамеша дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода ҳузур дорад, эҳсоси самимонаву ватандӯстона, парастиши Тоҷикистон аст:

Ҳар нигоҳи ман бар гулу гиёҳи ин ватан

Панҷаи навозиш аст.

Ва дар ин гуфтор ӯ забони худ, тасвирҳои худро дорад, ки хосси дигарон нест [112, с 10]. Камол Насрулло дар заминаи баррасиҳои ашъори ватандӯстонаи шоир мулоҳизаҳои судманди зиёде баён кардааст. Аз ҷумла, «Рустам Ваҳҳобзода, – мегӯяд Камол Насрулло, – ҳар боре, ки аз ватан сухан мекунад, шеърҳои ӯ маъниҳои амиқу ишораҳои баланди шоирона доранд ва бе заминаҳои табииву иҷтимоӣ нестанд. Аз ҷумла ин байт:

Кони санги сабурӣ ту, махзани обу нурӣ ту,

Осиё аз ту гардон аст дар ҳама Осиё, Меҳан.

Воқеан бебаҳс байти барҷастаест дар тасвиру ситоиши меҳан. Симои кишвар, симои миллат бидуни тавсифҳои қолабӣ таҷассум меёбад, ки бе асоси табиӣ нест, зеро кишвари мо воқеан саргаҳи обҳову сарчашмаҳоест, ки аз онҳо дарёҳо дар поёноб шодоб мешаванд ва дар ин ҷо ин тасвир ишораҳои маънавӣ ҳам дорад:

То нахандад ба ҳоли ту душмани бадсиголи ту ,

Санъати ошиқони туст гиряи бесадо, Меҳан…

Пояе ғайри пойи меҳр бар ситеғи ту поё нест ,

Парчамат офтоби туст, матлаъи Ориё, Меҳан» [112, с. 11].

Рустам Ваҳҳобзода дар баробари шоири боистеъдод будан муҳаққиқи шинохташуда низ мебошад. Ба ин ҷиҳати фаъолияти вай нафарони зиёде ишора карда, аз ин ҷиҳат ба заҳматҳои шоири муҳаққиқ арҷ ҳам гузоштаанд [36, с. 5]. Бо ҳам омадани фаъолияти шоирию муҳаққиқӣ дар пешрафти амалияи эҷодияш низ мусоидат кардааст. Ба мушоҳидаи Гулрухсор Сафиева, таҳқиқ идомаи шоирӣ буда, худи шоир, дар навбати худ, «хонанда ва муҳаққиқи хеш аст» [36, с. 5].

Ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода пажӯҳиши алоҳидаро тақозо мекунад. Хусусан, ҳунари вожасозӣ, корбурди вожаҳои тозаи эҷодкардаи худи муаллиф, истифода аз вожаҳои фаромӯшшудаи классикие, ки имрӯз ба дард мехӯранд, корбурди бамавриди вожаҳои халқӣ ҷолибанд [36, с. 11] .

Сарчашмашиносии шеърҳои дар васфи Ватан – Тоҷикистон сурудаи Рустам Ваҳҳобзода паҳнои хеле васеъ дошта, аз адабиёти классики форсу тоҷик оғоз ёфта, бо фарогирии сурудаҳои ҳамнавъи шоирони ҷаҳон, ба шеъри устодони назми муосири тоҷик алоқаманд мешавад. Сарчашмашиносӣ ва таҳқиқи қиёсии ашъори ҳамнавъи адибони дигар мавзуи баррасии мукаммали ҷудогонаест, ки бояд ба таври фарогир анҷом дода шавад. Аммо ҳамчун гузориши масъала мо ашъори дар васфи Ватан эҷод кардаи шоирро бо шеърҳои ҳамнавъи устод Мирзо Турсунзода ба таври қиёсӣ аз назар мегузаронем.

Нуктаи шоистаи дархури таваҷҷуҳ, қабл аз ҳама, дар он аст, ки мазмун ва дарки волои ҳисси ватандӯстии шоир бо байтҳои шеъри шоири маъруфи қитъаи Осиё – Мирзо Турсунзода ҳамвазн ва ҳамоҳанг аст. Махсусан, ҳамоҳангиро дар ин мисраъҳо дарёфтан мумкин аст:

Рустам Ваҳҳобзода:

Бӯи Ватан агар бирасад аз сухан маро,

Мисли қалам ба пойи сухан саҷда мекунам [48, с. 128].

Мирзо Турсунзода:

Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан

Рангу бӯи беназири дилкашатро, эй Ватан [147, с. 12].

Ё дар ҷои дигар:

Рустам Ваҳҳобзода:

Ватан то оҳаниндил шуд, дил аз оҳанрабо кардам,

Ба ҳар ҷойе, ки рафтам, қутби рӯҳам Тоҷикистон аст [48, с. 133].

Мирзо Турсунзода:

Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,

Агарчи нисфи умри беҳтаринам, дар сафар бигзашт.

[147, с. 5].

Шоири ватансаро, ки аз таърихи халқу ватани худ ба хубӣ огоҳ аст, дар ашъораш аз воситаҳои тасвири бадеии гуногун, аз ҷумла санъати талмеҳ, фаровон истифода бурдааст.

Тибқи мушоҳидаи мо, дар маҷмуаи «Салом» 753 байт ва дар маҷмуаи «Шахри Хуршед» 630 байти ватанпарастонаи шоир гирд оварда шудааст. Ин шеърҳо бо номҳои «Ойинаи якрӯӣ», «Тоҷикистон», «Бухоро», «Ошёни меҳр», «Меҳани Наврӯз», «Сомонгирд», «Ихлос», «Ватан», «Меҳан», «Ба пойи Бесутун», «Намози дил», «Тасбеҳи ашк», «Ё соқӣ», «Меҳрнома», «Як ҳарф», «Пайғом» ва ғайраҳо чоп шудаанд. Маҷмуаи «Сарводаи Ватан», ки дар он шеърҳои меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзодаро адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон гирд овардааст, моро бо дунёи шеърҳои пурғановати шоир ошно месозад ва аз он гулистони шеър накҳати атрогини Ватан ба машом мерасад. Дар маҷмуъ, маҷмуаи мазкур фарогири 46 шеър – 478 байт ва 6-то шеъри нав ва сапеди ашъори ватанхоҳона мебошад. Аз ин теъдод маснавию қасидаю мусаммат 7 адад (309 байт), ғазал 15 адад (135 байт), шеъри кӯтоҳ ва фардбайт 4 адад (6 байт), рубоӣ 11 адад (22 байт), дубайтӣ 3 адад (6 байт) мебошад.

### 2.2.2. Ҳофизаи таърихӣ

Каломи бадеъ воситаи асосии таҷассумгари ҳаёти иҷтимоии ҳар давру замон буда, ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ҳар он чи дар ҳаёт рӯй медиҳанд, ба воситаи каломи бадеъ дар адабиёти бадеӣ инъикос меёбанд.

Адибони ҳар қавму миллат дар ҳар давру замон инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ ва вазъи сиёсии мардуми худ мебошанд. Мо ба воситаи ашъори ғиноии онҳо ба ҳодисаю воқеаҳо ва рӯйдодҳои фарҳангию адабӣ, сиёсию таърихии даврони пешин ва замонаашон огоҳӣ пайдо мекунем. Махсусан, аз эҷодиёти устодони назму насри тоҷик нишонаҳои олии қаҳрамонӣ ва ватандӯстии мардуми тоҷикро, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи хеш инъикос намудаанд, пайдо мекунем. Хонанда тавассути асарҳои онҳо аз ҳуҷуми ғосибони бегона, ба мисли Искандари Мақдунӣ, арабҳо, Чингиз ва дигар душманони мардуми тоҷик воқиф гашта, аз қаҳрамониҳои абрамардоне, ба монанди Шерак, Спитамен, Абӯмуслим, Темурмалик ва ғайра огаҳӣ пайдо менамояд. Инчунин, дар назму насри муосири тоҷик васфи Инқилоби Октябр, барқароршавии ҳукумати собиқ Шӯравӣ, душвориҳои давраи сахту сангини Ҷанги Бузурги Ватанӣ, хунхорию бераҳмии фашизми гитлерӣ, қаҳрамонии фарзандони содиқи Ватан, воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, гардишҳои азими таърихӣ инъикос шудаанд. Дар баъзе давраҳо ва лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсоз намояндагони адабиёт ва илму фарҳанг низ иштирокчӣ буданд. Онҳо, ба қавле, қаламро ба шамшер табдил дода, дар сафи пеши мубориизон қарор гирифта, дар кори пуршарафи озодии ватан аз сайфу қалам баробар истифода бурданд. Ба ин маънӣ Абдухолиқи Набавӣ дар мақолаи хеш «Вақти он аст, эй қалам, буррандатар гардӣ зи теғ!» чунин баён доштааст:» Аз ҷумла, дар номаи аҳли адаби тоҷик ба номи «Овози нависандагони Тоҷикистон» (рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» аз 24-уми июли соли 1941-ум), ки ба он устодон Лоҳутӣ, Айнӣ, Деҳотӣ, Турсунзода, Раҳимӣ, Юсуфӣ, Миршакар, Бобо Юнус, Ҷалол Икромӣ, Суҳайлӣ, Шанбезода, Обидӣ, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Аминзода имзо гузоштаанд, чунин омадааст:

«Мо – нависандагони Тоҷикистони социалистӣ, Тоҷикистони офтобрӯя, худамонро бо камоли садоқат ба ихтиёри Ватан ва Партияи Коммунистӣ, аз ҳамин сония сафарбар намудем, агар ҳукумати Советӣ ва Партия барои мудофиа кардани Ватани муқаддаси социалистиамон ба мо фармон бидиҳад, тайёрем, ки қалами худро ба яроқ иваз намуда, собитқадамона ба майдони ҷанг равем. Мо, нависандагони советӣ, аз пештара ҳам устуворонатар бо қаламу шамшер кор

мекунем, шуҳрати Ватани азиз ва Армияи Сурхи онро дар достонҳо ва сурудҳои худ тараннум менамоем...» [106, с. 3].

Эҷодиёти адибон оинаеро мемонад, ки мо дар он таърихи гузаштаи халқу миллати хешро мебинем ва дар сатр-сатри он мехонем, ки бо вуҷуди ғасбу шиканҷаи душманон, халқи тоҷик рӯҳи шикастанопазире доштааст. Дастовардҳои миллат ҳам дар ин радиф қобили мулоҳиза буда, дар умум, ба масъалаи ҳофизаи таърихӣ гиреҳ мехурад.

Ғараз аз ин муқаддима таъкиди пайванди мантиқии эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода бо адибони дигаре мебошад, ки дар эҷодиёти онҳо низ ба масъалаи ҳофизаи таърихӣ таваҷҷуҳ шудааст. Масъалаи мавриди назар паҳнои васеъ дошта, дар эҷодиёи Рустам Ваҳҳобзода бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла таъкиди ҳувияти таърихии миллати тоҷик, инъикос ёфтааст. Дар хусуси ҳувияти фарҳангии миллати тоҷик Рустам Ваҳҳобзода дар мақолаи «Адабиёт ва омӯзиш» чунин баён доштааст: «Миллати мо дар як давраи дуру дарози таърих, бо вуҷуди маҳрум гардидан аз қудрати сиёсӣ, ба воситаи маънавият ва хусусан адабиёти олидараҷа, салтанати маънавӣ ва фарҳангии худро натанҳо барои худ ҳифз намуд, балки дигар қавмиятҳоро дар доираи он салтанат ворид кард ва ҷузъи он гардид» [47, с. 9].

Ҳамин маъниро дар шеърҳои шоир ҳам пайдо карда метавонем. Шеърҳои дар ин мавзуъ эҷодкардаи Рустам Ваҳҳобзода, хусусан дар аксари манзумаҳои шоир, мавзуъҳое матраҳ шудаанд, ки решаҳои амиқи таърихӣ доранд, бо таваҷҷуҳ ба сафҳаҳои муҳимтарини таърихи халқу Ватан иншо шудаанд. Масалан, дар манзумаи «Ойинаи якрӯӣ» аз ифтихороти миллӣ чунин ёд шудааст:

...Ободии Меҳанро имрӯз ҳамебояд,
Бозуи Каюмарсӣ, тадбири Сулаймонӣ.
То чанд кунӣ такрор дар сояи ин пиндор:
Девори Бухоро буд Исмоили Сомонӣ...
Гар хоки Самарқандӣ ё хори Бухороӣ,
Нури басари моӣ, лаъле зи Бадахшонӣ.
Бар зарраи хоки мо сад чашми тамаъ боз аст,

Дар тангии ин чашмон мову ту чу зиндонӣ.

З-ин танг ба парвоз ой, эй ақли ҷаҳонтахсир,

Симурғи ту аввал буд дар вусъати кайҳонӣ [48, с. 15-16].

Шоир дар ин шеър аз давраи пайдоиши Одам ва мувофиқи ривоятҳо, аз нахустподшоҳи он замон – Каюмарс ёдовар шудааст, аз шоҳи давраи салтанати Сомониён – Исмоили Сомонӣ, ки дар давраи ҳукмронии хеш аз давлати тоҷикон пуштибонӣ карда, нуфузи забони тоҷикӣ ва мақоми давлатдории онро ба авҷи камолот расонида буд. Инчунин, аз чашми тамаъи душманон, ки ба хоки мо назар доранд, аз қобилияти дарки волои халқи тоҷик, ки бо ақли ҷаҳонгири худ оламро тасхир намудааст ва ғайраҳо сухан намудааст.

Дар давоми шеъри боло шоир савганд мехӯрад, ки дигар аз дард сухан намегӯяд:

Савганд ҳамехӯрдам, к-аз дард нахоҳам гуфт,

Ҷуз дард чиро гӯям, ту дидаӣ дармоне.

Эй дӯст, ту дидастӣ як лахти ҷигар обод,

Як мушти дили эмин аз санги фалахмоне?!... [48, с. 18].

Шоир дар ин ҷо савганд хӯрдааст, ки дигар аз дард наменолад, зеро надидааст, ки касе аз дарду озор эмин бошад ва танҳо роҳе, ки моро ба роҳи дуруст мебарад ва ба мақсаду бовари худ мерасонаду холӣ аз дуздону иғвои қувваҳои бадист, ин ҳамон роҳест, ки Симурғи Аттор тай кардааст ва он роҳе, ки ҳудҳудро Сулаймон кардааст, ин аст он роҳе, ки моро ба роҳи рости омӯхтаи қуръон, роҳи ростӣ мебарад ва агар он роҳро дидӣ, бар ман ҳам нишон деҳ, ки маро ба роҳи дуруст ва қуллаи мурод мерасонад.

Дар шеъри «Соқинома» сухан аз ёдоварии ифтихороти собиқа аст, ки ба таърихи Аҷам мепайвандад:

Ало, соқӣ, Ҷоми Ҷамам орзуст,

Ҳам он Рахшу он Рустамам орзуст...

Аҷамро аз он тира шуд рӯзгор,

Ки бар Ҷам гузин кард Заҳҳоки мор...[48, с. 19-21].

Дар ин шеър аз қаҳрамонони мусбату манфӣ, ривоятҳои таърихӣ, асотир, шахсиятҳои таърихию мифологӣ, ба мисли Доро, Искандар, Ҷоми Ҷам, Аҷам, Озар, Нӯҳ ва дигар қаҳрамонҳои «Шоҳнома» ёдовар шудааст. Ҳамин манзумаи «Соқинома», чи тавре ки қаблан зикр намуда будем, илҳом аз «Шоҳнома» буда, дар пайравии ҳамин асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ навишта шудааст. Аз ин рӯ, аз оғоз то анҷом бо таваҷҷуҳ ба устура ва ривоятҳо аз таърихи халқи тоҷик қисса мекунад.

Баъзе шеърҳои шоир бар асоси ҳодисаҳои маълуми ҷанги шаҳрвандӣ суруда шудаанд. Масалан, шеъри таърихие, ки шоир дар давраи ноороми кишвар, ҳангоми ошӯбҳои дохилӣ, дар соли 1997 навиштааст, шеъри «Тоҷикистон» аст. Ин шеър барои шоир «пурдардтарин шеър» маҳсуб меёбад, зеро ки дар он, аз як тараф, ҳаҷри Ватан, аз тарафи дигар, вазъи ҳамонвақтаи Тоҷикистони аз дасти фарзандони нохалафаш сӯхтаю валангор тасвир шудааст:

...Тоҷикистон модари бемори мо,
Дар дили шаб гиряҳои зори мо
Тоҷикистон, арсаи шатранги қарн,
Озмоишгоҳи сад найранги қарн...
Байни шерон тоҷу тахти Яздгурд,
Интизори ҳиммати Баҳроми гурд...[48, с. 27].

Аз тарафи дигар, метавонад ин шеър пайғоми шодӣ, як рамзи ваҳдат бошад, зеро 27 июни соли 1977 барои аҳли ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун санаи бузурги таърихӣ ва сарнавиштсози халқу миллат зоҳир гардид. Дар ин рӯз миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодии мухолифини тоҷик дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Дар ин бора шоир чунин мегӯяд:

...Тоҷикистон, эй раҳини иттиҳод,
Эй шуда даъват ба дини иттиҳод.
Ҳурмати ашки ятимон, иттиҳод,
Ҳурмати аҷзои Қуръон, иттиҳод.
Ашки тифлонат ширеши маҳкам аст,

Захмҳои душманиро марҳам аст...[48, с. 29].

Ин шеъри моҳияти таърихидоштаи шоир боз аз он ҷиҳат хотирмон аст, ки ҳангоми сафари комиссияи оштии миллӣ ба ноҳияи Рашт дар рӯзномаи ноҳиявӣ ба хотири ҳамин сафар чоп шуда буд.

Шеъри дигаре, ки ҳофизаи таърихии миллати тоҷикро оинадорӣ мекунад, шеъри «Бухоро» мебошад. Мавзуи асосии ин шеър гузаштаи таърихии миллати тоҷик буда, бинобар марказият ва қудсият ба шаҳри Бухоро мепайвандад. Ёду хаёли Бухоро ҳамчун шаҳри қадимаи тоҷикон дар хотираи мо ҳамеша боқӣ хоҳад монд. Ҳамин аст, ки шоир бо як таассуроти хеле ҳам хотирмону меҳри беандозае аз Бухорошаҳр сухан мегӯяд. Ин шеър дар пайравӣ ва бо илҳом аз байти зерини Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ навишта шудааст:

Гарчи дил чун санги хоро мекунад,
Ҷони мо азми Бухоро мекунад [19, с. 191].

Таваҷҷуҳи Рустам Ваҳҳобзода ба васфи ҳукмронии шоҳ Исмоили Сомонӣ аз он аст, ки аз рӯзгори салтанати ӯ зиёда аз ҳазор сол гузашта бошад ҳам, дар ҳаққи тоҷике зулм ё ноинсофӣ шавад, номаи шикояти ба забони дарӣ навишта, ба назди хоки гӯри нурбори ӯ мебаранду аз ӯ имдод мехоҳанд, чунки забонии дарӣ атои ҷовидонаи ӯ ҳаст; дар ҳар куҷое, ки тоҷик бошад, бешаку шубҳа, решаи аслии гузаштагонаш аз Бухорост, дар хоки Бухоро Сино ва ду Исмоил (Исмоили Сомонӣ ва Исмоили Бухорӣ) хуфтаанд. Худои сухан ишора ба устод Рӯдакӣ дорад, ки беҳтарин суханҳоро дар ҳаққи Бухоро гуфтааст; ҳатто фариштагони осмон ҳам нури ин шаҳри азимро чун ситора дар замин назора доранд; шоир таъкид мекунад, ки чун нур дурахшон ҳастию мемонӣ, ҳатто аз поймолии золимон низ ба осонӣ халос хӯрдию чун тоҷ ба болои сарашон нишастӣ. Бухоро, ки маркази илму дониш буд, бо дониш додан ҷаҳолату бесаводӣ ва қаҳру ғазаби онҳоро шикаст, гарчи аз ёдгориҳои кӯҳи Бесутун ҳаяҷону фарёд дорему тавсиф мекунем ва ёди тешаи Фарҳоди кӯҳкан мекунем ё аз Бағдоди замони Сосониён ёд кардан беҳтар аст, ки бо ёди Бухоро худро шод кунем.

Дигар шеъри таърихие, ки ҳангоми даргириҳои дохили Тоҷикистон, соли 1992 навишта шудааст, шеъри «Гуфтугӯ бо пайкараи пардапӯши Ҳаким

Фирдавсӣ»[1] мебошад. Шоир аз достонҳои қаҳрамонии «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ёдовар шуда, хаёлан бо ӯ дар гуфтугӯ мешавад ва аз забони Фирдавсӣ сухан гуфта, аз зулми замони ҳукмронии шоҳ Маҳмуди турк сухан гуфта ва ба муҷассамаи Абулқосим Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе шодбошӣ мегӯяд:

– Бузург устодо! Итобат зи чист?
Ниҳон рӯйи чун офтобат зи чист?
Чаро чодари ғам ба сар кардаӣ,
Магар ёди марги писар кардаӣ?
Ҳамон «ҳамраҳони ҷавон ёфта»
Ки аз ту «чунон зуд биштофта»...
Биболад Душанбе ба дидори ту
Чу фарзанди пазмони ғамхори ту,
Вуҷуди ту чун парчами Ковиён
Ба фарқи Душанбе бувад ҷовидон [48, с. 47-49].

Дар повароқи саҳифаи шеър чунин оварда шудааст: «1. Ин шеър сентябри 1992 дар матбуот чоп шуда буд. Шеър дар эътироз нисбат ба бархӯрди мақомоти вақт ба пайкари Фирдавсӣ навишта шудааст, ки дар он сол сохта, ибтидо дар майдони марказии Душанбе ба ҷои ҳайкали Ленин насб ва пас аз муддате кӯтоҳ аз он ҷо бардошта, дар зеризаминӣ пушти панҷарае гузошта (гӯё зиндон) шуд. Боз баъд аз чанд муддат дар майдони марказӣ ба ҳамон пояи пайкараи собиқи Ленин баргардонида шуд ва чанд рӯз қабл аз ифтитоҳи расмӣ зери парда буд. Муроҷиат ба пайкара дар ҳамин вазъи зери парда қарор доштани он сурат гирифтааст. Чунин бархурдҳо бо ин пайкара рӯшанфикрони тоҷикро хеле ба ҳаяҷон оварда буд. Барои пайдо кардани ин шеър аз Валӣ Самад сипосгузорам. 2. Абулқосим Фирдавсӣ дар сӯги писари ҷавонмаргаш гуфта:

Магар ҳамраҳони ҷавон ёфтӣ?
Ки аз ман чунин зуд биштофтӣ.

3. Аз достонҳои Заҳҳок (манзур иқтибос аст – М. С.). 4. Ишора ба ривояти машҳур, ки Маҳмуди Ғазнавӣ дар баҳои «Шоҳнома» ба Ҳаким Фирдавсӣ чанд

тангаи мис дод ва пайкараи мазкури Фирдавсӣ низ аз мис сохта шудааст» [48, с. 47-48].

Шоир дар сурудани ин шеър аз санъати талмеҳ, ки огоҳкунандаи воқеаҳои таърихӣ, асотирию динӣ, қиссаву афсонаҳо, ояту ҳадисҳо ва зикри фардҳои машҳур мебошад, ба хубӣ истифода кардааст. Рустам Ваҳҳобзода, чунонки ба таври алоҳида дар фасли охири кор баррасӣ хоҳад шуд, дар дигар шеърҳояш низ аз имконоти ин санъат ба хубӣ баҳраёб гашта, бо маҳорати махсус, ба сурати фавқулодаю табиӣ ва нозукона онро дар эҷодиёти худ истифода бурдааст.

Ғайр аз шеърҳои дар боло номбаршуда, тарҳи масъалаи ҳофизаи таърихии миллатро дар як қатор шеърҳои дигар низ дарёфтан мумкин аст. Чунончи, дар шеъри «Паймон», ки дар бораи қаҳрамони халқи Афғонистон, сипаҳсолор Аҳмадшоҳи Масъуд қисса мекунад, шеъри «Қонуни забон», ки соли 2009 ба хотири қабул шудани Қонун дар бораи забон навишта шудааст, шеъри «Меҳани Наврӯз» ва умуман, дигар шеърҳои дар васфи Наврӯз бахшида, ки дар бораи расму оин ва таърихи ҷашнҳои суннатии мардумии тоҷик навишта шудааст, шеъри «Соли нав» дар бораи ҷашни мавлуди Исои Масеҳ ва Соли Имоми Аъзам Абӯҳанифа (алайҳирраҳма), ки соли 2009 эълон шуда буд, иншо шудааст ва ғайра. Шеъри «Қадр» ба ифтихори яке аз шабҳои беҳтарини моҳи рамазон суруда шудааст, ки дар оини мусулмонӣ барои дуову мунноҷот муҳим мебошад. Мавзуи шеъри «Халқ механдаду ман мегирям» ҳаҷру ҷудоӣ аз Ватан буда, дар муҳоҷират гуфта шудааст. Инчунин, шеърҳои дар муҳоҷират дар васфи Тоҷикистон - Ватан ва Ваҳдат сурудаи шоир низ аз ҷумлаи шеърҳои таърихӣ мебошанд. Ҳамчунин, шеърҳои дар васфи родмардони Ватан навиштаи шоир низ шеърҳои таърихӣ мебошанд, ки дар ин хусус мо дар фасли «Васфи инсони худогоҳ» таваққуф хоҳем кард. Намунаи ин навъи шеърҳо «Меҳвари замин (Ба ёдбуди шаҳиди Ҷанги Бузурги Ватанӣ амакам Файёзи Ваҳҳоб ва ҳама шаҳидони ин ҷанг)» мебошад [66, с. 32].

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки масъалаи ҳофизаи таърихии миллат бештар дар шеърҳои алоқаманд ба мавзуи таърихӣ эҷод кардаи Рустам Ваҳҳобзода матраҳ шудааст. Ин вазъ бесабаб нест, чунки таърихи

пурифтихори Ватану Миллат яке аз мавзуъҳои асосӣ ва меҳварии эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода буда, шоир дар чунин шеърҳо натанҳо сухан аз васфу ифтихорот мекунад, балки дар ҳар кадом аз шеърҳои мавриди назар ҳадафи дигаре ҳам пайгирӣ мешавад. Ҳадафи аслии шоир аз тарҳи мавзуъҳои таърихӣ даъват ба худшиносию меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳию озодии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ, иттиҳоду ҳамдастӣ, тараннуми сулҳу дӯстӣ, гиромидошти оину расми ниёгон, ободии кишвару сарҷаъмии халқи тамаддунофари тоҷикон мебошад. Дар навбати худ, ҳар як мақулаи мазкур ҳамчун мазмуни умда паёми ҳамешагии эҷодиёти шоир қарор гирифтаанд. Шеърҳои таърихии шоир боз аз он сабаб ҷолибу хотирмон ҳастанд, ки дар охири онҳо таърихи рӯзи иншо намудани шеърҳо сабт шудааст.

### 2.2.3. Ҳувият ва худшиносӣ

Афкору андеша ва диду нигоҳи хештаншиносию худогоҳӣ ва дарки ҳувияту армонҳои миллиро мо дар ашъори пурғановати шоирону адибон ва ҳукамову бузургони гузаштаи халқи тоҷик зиёд мушоҳида мекунем. Таваҷҷуҳ ба ҷузъиёти алоқаманд ба ҳувияту худшиносӣ дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни тоҷик дар имтидоди солиёни дароз, аз қадимтарин даврон то замони муосир, дар шаклҳои гуногун зуҳур карда, зина ба зина такмил ёфтааст. Ба назари Рустам Ваҳобзода, «ҳувият дар адабиёт арзиши танҳо иҷтимоӣ, маънавӣ ё сиёсӣ нест, балки арзиш ва унсури ҳунарӣ ва эстетикӣ низ мебошад. Ба таъбири дигар, ҳувият дар адабиёт шохиси ҳунарӣ ҳам ҳаст. Шохиси ҳунарии ҳувияти адабӣ фарохтар ва ҷомеъатар аз сабк, санъати адабӣ барои ҳамаи халқҳо аҳамияти дараҷаи аввал дорад. Аммо барои тоҷикҳо боз бештар. Зеро дар таъйини ҷаҳонбинӣ ва истиқлоли андешаи тоҷикон адабиёт беш аз ҳар бахши дигари фарҳанг саҳм дорад. Ҳувияти миллии адабии тоҷикон муҳимтарин унсури Истиқлоли миллист» [60, с. 5].

Дар ҳақиқат, чунонки Муҳтарам Ҳотам ишора кардааст, «ҳамдиливу ҳамбастагӣ ва сулҳу ваҳдат сифату сириштi азалии мардуми куҳанбунёди тоҷик ба шумор меравад. Ин хусусият дар навиштаҳои ёдгориҳои фарҳангии аҳди бостони мардуми ориёинажод, аз ҷумла тоҷикон – «Авасто», «Шоҳнома» ва дигар

осори аҷдодӣ мавриди тавсифу ситоиш ва бузургдошту ниёиш қарор гирифтааст... Омили асосии муҳим ва шаклгирии ҳувияти миллӣ бошад, ваҳдат, ягонагӣ, ҳамбастагӣ ва сулҳу салоҳи миллат маҳсуб мешавад, зеро бидуни чунин омил ва заминаи муҳимми сарнавиштсоз ҳар миллатеро оқибат завол дар пай аст...»[157,с. 1].

Доктор Алиасғари Додбеҳ дар мақолаи худ «Фирдавсӣ ва ҳувияти миллӣ» чунин арза доштааст: « Ҳувият се зилъ дорад, нахустин ва муҳимтарин зилъи он забон ва адаби миллӣ аст. Зилъи дувум таърих ва асотири миллӣ ва зилъи севум ҳикмат ва фалсафаи миллӣ аст... Фирдавсӣ бузург аст. Чун Фирдавсӣ ҳар се зилъро эҳё мекунад ва гузориши ӯ ба забони миллӣ аст» [78, с. 5].

Дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода, бешак, ин се зилъ ҳувайдост. Шоир ин ҳар се паҳлуҳои мубрами ҳувиятро, ки ба дунёи инсони худогоҳ ва миллат иртибот мегирад, омӯхта, дар зимни ашъори ҷудогонаи хеш ба навъе ҳунарӣ гузориш додааст. Зилъи якум забон ва адаби миллӣ аст, ки шоир барои арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ ва адабиёти миллӣ хизматҳои шоёне намудааст. Ба ин паҳлу, пеш аз ҳама, шеъри «Қонуни забон» ва силсиламақолаҳо ё китоби «Дуруст бинависем»-и шоир Рустам Ваҳҳобзода мисол шуда метавонанд. Инчунин, шеърҳои нав ва пажӯҳандагии шоир низ дар ин бахш қобили қайд аст. Дувум, таърих ва асотири миллӣ аст, ки ба ин қисм манзумаҳо ва шеъри нав (арӯзи нав, сапед)-и шоир мисоли барҷастаест. Ба ин бахш метавон шеърҳои «Ойинаи якрӯӣ», «Тоҷикистон» ва «Соқинома»-и шоирро ба ёд овард. Севум, ҳикмат ва фалсафаи миллӣ аст. Ба ин бахш шеърҳои ҳакимонаи шоирро дар фасли «Қитъаҳо», «Фардбайтҳо» ва силсилағазалҳои «Шаҳри Хуршед» метавон пеши рӯ овард. Ин гуна шеърҳои кӯтоҳи шоир маъноҳои бузургеро дар худ ғунҷонидаанд, ки метавонад ба кас як ҷаҳон ғизои маънавӣ бахшад ва инсонро дар роҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ҳидоят намояд. Инчунин, шеърҳои дар бахши ҷашнҳои суннатӣ эҷоднамудаи Рустам Ваҳҳобзода, аз он ҷумла «Наврӯз», «Наврӯзгоҳ», «Меҳргон» гувоҳӣ аз ин гуфтаҳои болоянд.

Дар эҷодиёти ӯ шеърҳои ҳакимонаву ҳикматомез, ашъори фарогири саргузашту хотираҳои таърихии мондагори халки тоҷику форс, волоияти мақоми

забони ноби тоҷикӣ дар радифи аввал меистад. Мо ин гуфтаи худро дар дилхоҳ шеъре аз эҷодиёти шоир дармеёбем. Яке аз онҳо шеъри «Қонуни забон» аст, ки порае аз онро меорем:

... Рост гуфтан.
Рост парвардан.
Ростиро аввалин меъёр кардан.
Вожаро аз банду зиндони дурӯғу ҳарзагӯӣ
ворахонидан.
Ҳурмати гуфторро
Пайкор кардан
Кор кардан...
Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё
Қосиди фарҳангу дониш,
Пайки эъморанду ободӣ
Бо фурӯғи ҳуши Синоӣ,
Бо сиришти поки Фарҳодӣ... [48, с. 54-56].

Худшиносӣ дар асл шинохтани худи инсон худашро, шинохтани қадру қимати худ, кашфи худи инсон буда, дар ин раванд истиқлолхоҳӣ ва ваҳдат низ ҳамроҳ аст. Тавре ки академик М. С. Имомзода нигоштааст: «Мавзуи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ки дар даврони Шӯравӣ мавриди назорати сахт қарор гирифта буд ва нависандагон имкон надоштанд, ки аз ҳадди эътидол фарохтар по бигзоранд, дар навиштаҳои Айнӣ аз ибтидои фаъолият нақши босазо касб кардааст» [80, с. 3]. Ё худ, ҳамин муҳаққиқ дар ҷои дигар чунин зикр намудааст: «Дар замони Истиқлолият рӯ овардан ба таъриху тамаддуни миллати хеш ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию хотираи неки таърихии ниёгон яке аз рукнҳои асосии сиёсати созандаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мансуб мешавад [80, с. 4].

Солҳои навадуми асри XX, ки мавҷи истиқлолхоҳӣ кишвари мо ва сар то сари кишварҳои собиқ Шӯравиро фаро гирифта буд, ин мавзуъ дар адабиёт низ ба

таври хеле васеъ доман паҳн карда, густарда шуд. Дар ин росто Рустам Ваҳҳобзода низ истисно набуд. Ин шоири ваҳдатсаро, чи хеле ки мо пеш аз ин ҳам гуфта будем, бо як ҷиддияти кулл ва диди тоза ба ин мавзуи хеле муҳимми адабиёт назари амиқ дӯхта, аз оғоз дар сафи пеши истиқлолхоҳон қарор гирифт. Дар эҷодиёташ, дар он замон ва то ба имрӯз, шеърҳои ба ин мавзуъ бахшида шуда ба назар мерасанд, ки ҳангоми мутолиа ва омӯзиши онҳо накҳати истиқлолхоҳӣ ва ваҳдат ба машом мерасад.

Мафҳуми ҳувият ва худшиносиро худи шоир Рустам Ваҳҳобзода чунин шарҳ додааст: «Барои ҳар миллате дар ҷаҳон мафҳуме пурарзиш бо номи «ваҳдат» ҳамсанг ва ҳампояи ҳувият, истиқлол, озодӣ, худшиносӣ ва ҳар арзиши дигаре мебошад... Шинохтан ва шиносондани моҳияти ваҳдат, ҷамъбасти бадеӣ ва фалсафии ин падидаи маънавӣ ва таърихӣ дар матни фарҳанги решадори миллӣ, дар сатҳ ва пояи нави фикрӣ, эътиқодӣ ва ҷаҳоншиносӣ аз муҳимтарин вазифаҳои суханварони муосири мо мебошад... Агар мавзуъро ба сурати куллӣ матраҳ кунем, ин мавзуъ яке аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёт аст... Адабиёт худ барои ваҳдат ва иттиҳоди инсонҳо хидмат мекунад. Бузургтарин ҳамосаи милли мо, бузургтарин шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳон – «Шоҳнома»-и Фирдавсиро пеши назар орем. Муҳаққиқони «Шоҳнома» бар он назаранд, ки Фирдавсӣ ваҳдати миллатҳои эронинажод ва мардуми ориёиро сохт. Тавре худи ӯ гуфтааст: «Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ...» [43, с. 3].

Шабеҳ ва эзоҳи гуфтаҳои болоро дар шеъре бо ном «Ваҳдат»-и худи шоир пайдо мекунем:

Чист миллат?
– Ваҳдати дунёи мост,
Дӯши мо, имрӯзи мо, фардои мост.
Аз саводаш дидаи мо равшан аст,
Дар ҳисораш ҳастии мо эман аст...
Ваҳдати миллат бақои миллат аст,
Устувор аз муддаои миллат аст... [43, с. 3].

Шоир дар ин шеър бақои миллату давлатро аз ваҳдату якдилӣ ва иттиҳоди халқ медонад ва агар ин иттиҳод бошад, дигар ҳеҷ бадхоҳи замон ва фитнаҳои айём наметавонад зарару зиёне расонад. Ба ҳамин монанд дар нахусткитоби худ «Калимаҳо» шоир шеъре дорад бо номи «Исён», ки дар китобҳои баъдӣ бо номи «Истиқлол» чоп гардид. Шоир дар ин шеър, пеш аз ҳама, дар вуҷуди худ, дар андешаю афкор ва эътиқоди худ як истиқлол мехоҳад ва раҳоӣ аз банди занҷирҳои тиллои нодаркори дурӯғин мехоҳад, ки мафҳуми «истиқлол» ва дар он вақту замон ва дар он шароиту муҳит бо ин тарзи ошкоро андешаронӣ намудан, як инқилобе буд дар вуҷуди худ, дар афкору андешаи худ ва дар шеъри муосир. Мо тақрибан муҳтавои пурраи ин шеърро дар қисмати «шеъри нав» гуфта гузаштаем, дар ин ҷо аз такрор худдорӣ мекунем.

Дарки ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ дар эҷодиёти шоирони замони истиқлол ба таври бесобиқа боло рафт, ки мо инро аз таъсири мутақобилаи ҳар ду ҷониб ба таври бемайлон эҳсосшаванда вомехӯрем. Аз як тараф, ашъори истиқлолхоҳии боризи адибон, ки заминаи истиқлолро ба вуҷуд овардаанд ва аз тарафи дигар, майдони васеъи истиқлол, ки дар эҷодиёти адибону шоирон ба таври куллӣ мазмуну мундариҷаи наву тоза пайдо намуд.

Баргузории ҷашнҳои суннатию таърихӣ ва солгарди абармардони бузурги миллат низ гувоҳии арҷгузорӣ ба ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ аст. Академик Муҳаммад Осимӣ дар ин маврид чунин қайд намудааст: «Худшиносии имрӯза, албатта, самараи даврони бозсозист. Аммо ин худшиносӣ яку якбора муҳайё нашудааст. Он дар тӯли даҳсолаҳо, бо мушкилӣ бошад ҳам, тадриҷан омода мешуд. Дар қаъри он сукуту карахтиҳо баъзеҳо бо шӯру валвала эътироз баён карда, мавриди таъқиб қарор мегирифтанд, гурӯҳи дигар дар ҳар мавриди мувофиқ дар доираи имкон амреро анҷом медоданд, ки ба манфиати миллат буд ва пеши роҳи таъқиби озодфикриро мегирифтанд... Бе муболиға, гуфтан мумкин аст, ки ҷашни 550-солагии зодрӯзи Ҷомӣ нафақат яке аз зинаҳои худшиносии миллии тоҷикон, бедор кардани завқи онҳо ба фарҳанги ғанӣ ва забони модарии худ буд, балки ваҳдати забони форсии дарии тоҷикиро низ намоиш дод» [119, с. 14].

Таҷлили чунин ҷашнвораҳои илмию адабӣ боиси он мегардад, ки мавзуи шеъри шоирон ба самти хештаншиносию худогоҳӣ ва дарку масъулияти меҳандӯстию меҳанпарварӣ бештар равона гардад. Чунин самт гирифтани мавзуи шеър дар ашъори шоирони замон, ба мисли Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Ваҳҳобзода ва монанди инҳо вусъати тоза пайдо намуд.

Шеърҳо ва мақолаҳои дар васфи ҷашнҳои суннатӣ, хусусан Наврӯз, Меҳргон ва ҷашни Садда бахшидаи шоир ҳам гувоҳи он аст, ки ӯ ба арзишҳои суннатии гузаштагони хеш арҷу эҳтироми хосса ва пайвасти ногусастание ба андешаю афкори ниёкони хеш дорад, ҳар як ҷузъи онро намехоҳад ба фаромӯшӣ барад. Махсусан, аз муқаддасоти миллӣ рамз офариданҳои шоир бисёр ҷолиб ҳастанд:

...Наврӯз рамзи давлати Сомонист.
Кори ҷаҳон аз он чу басомон аст.
Рӯзе, ки ҳар куҳан бишавад тоза,
Дар бостон таровати бӯстон аст... [48, с. 34].

Ва:

... Сару сомони Сомонӣ ту дорӣ,
Зиҳӣ давлат, ҷаҳонбонӣ ту дорӣ.
Нишоти ҳикмати Хайём бо туст,
Ҳазор оғози хушфарҷом бо туст... [48, с. 35].

Андешаи Ато Мирхоҷа дар мавриди пайванди адиб бо фарҳанги халқи худ ҷолиб аст: «...Ҳар гуна эҷодкор, аз ҷумла шоиру нависанда, зодаву павардаи фарҳанги халқи хеш, ҳеҷ каси дигар аз ӯ ба диёри худ амиқтар решапайванд нест, ӯ на танҳо набзи инсонҳоро, балки набзи баҳои ин хоку об, гулу гиёҳ, кӯҳу пушта, сангу маъдани ватанашро бо равзанаҳои дигари эҳсос, ки Худованд барои ӯ эъто намудааст, дарк менамояд. Бо ибораи дигар, ватани адиб дар ҷисму ҷони ӯ ҳазму ҳулул гардида, ба ҳастии ӯ табдил меёбад...» [104, с. 3].

Ба ин ақида, пеш аз ҳама, шеърҳои дар васфи Ватан бахшидаи Рустам Ваҳҳобзода, ки аз оғози эҷодиёташ сарманшаъ мегирад ва мо пештар дар фасли

шеърҳои ватандӯстонаи эҷодиёти ӯ ба баррасии онҳо пардохтаем, далел шуда метавонанд. Силсилаи шеърҳои ватанпарваронаи шоир аз эҳсоси махсуси меҳанпарастӣ ва ҳувияти миллӣ доштани Рустам Ваҳҳобзода дарак медиҳанд.

Дар шеъри «Хуршеди истиқлол» ба истиқболи ба кор шурӯъ намудани нерӯгоҳи барқии обии Роғун (НБО Роғун) – нерӯгоҳи барқии обии калонтарин дар дарёи Вахш, яке аз иншооти бузурги АСР – бузургтарин нерӯгоҳи барқии Осиёи Марказӣ чунин нигоштааст:

Зи мавҷи Вахш берун мешавад, хуршеди истиқлол,
Зиҳӣ ҷоми ҷаҳонбин дар кафи Ҷамшеди истиқлол...

Бувад ҳар чархи Роғун ҳарифи чархаи гардун,
Ки бо ҳар гардиши худ мекунад тавлиди истиқлол.

Забони мо, равони мо, нишони мо, бақои мост,
Нигаҳ дорад худо ин давлати ҷовиди истиқлол.

Ба лаб ҳар чашмаат пайғом аз Хуршед меояд,
Муборак бод, эй озода миллат, иди истиқлол [60, с. 6].

Ин иншооти бузург – Роғун натанҳо барои миллати тоҷик нуру зиё, балки баракату фаровонӣ, якдигарфаҳмӣ, ваҳдату иттиҳод, эҳтироми миллат ва аз қишри қарнҳо ҳамбастагӣ ато фармуд.

Ё ин ки дар шеъри «Ман аз умед мегӯям» мафҳумҳои «тавҳид» ва «таҷдид» дар асоси тасвири мутазод, миёни вожаҳои таҳдиду тавҳид, сӯгу ид, тақлиду таҷдид, тавзеҳи хуби шоирона ёфтаанд:

Ту аз аз таҳдид мехонӣ, ман аз тавҳид мегӯям,
Ту ёдам медиҳӣ аз сӯгу ман аз ид мегӯям.
Ҷаҳон ҳар рӯз наврӯзи дигар андар канор ояд,
Марав бар ҷодаи тақлид, аз таҷдид мегӯям... [65, с. 3].

Дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода шеърҳои фарогири мазмунҳои монанд ба андешаҳои мазкур зиёданд, ки намунаи онҳо шеърҳои «Тоҷикистон», «Гуфтугӯ бо пайкари пардапӯши Ҳаким Фирдавсӣ», «Одамийят», «Истиқлол», « Меҳан»,

«Авҷи шаҳомат», «Наврӯз», «Наврӯзгоҳ», «Меҳани Наврӯз», «Девони Наврӯз», «Ватан», «Меҳрнома» ва монанди инҳо мебошанд.

Шоир дар баъзе шеърҳояш дар баробари ҷашнҳои суннатию бостонии миллати хеш ҳарфи ифтихор баён доштаву аз эҳё шудани онҳо бо хушнудӣ истиқбол мекунад. Дар ин бахш, аз ҷумла, шеърҳои «Наврӯз», «Наврӯзгоҳ», «Девони Наврӯз» ва «Меҳани Наврӯз» шоёни таваҷҷуҳ ҳастанд.

Саҳми шоир дар рушду эҳёи фарҳанги забони тоҷикӣ низ боиси таваҷҷуҳ аст. Ӯ муҳимтарин афкору андешаи худро дар китоби «Дуруст бинависем», ки аз маҷмуи мақолаҳо иборат аст, баён дошта, аз корбурди нодурусти вожаҳо, хатоҳои имлоӣ ва нуқсу камбудии забони имрӯз, ки ба забони ноби тоҷикӣ як маънои зишт медиҳанд, сухан ронда, дурустнависии онҳоро ҳам ҳунар медонад. Оид ба ин китоб Сулаймон Анварӣ ақидаи ҷолибе баён намудааст: «Ӯ ба яқин бо пайравӣ аз донишмандони забардасти каломи бадеъ – Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Носирҷон Маъсумӣ ва забоншиносон – Раззоқ Ғаффоров, Шарофиддин Рустамов, Баҳриддин Камолиддинов, Ӯктами Холиқназар ин корро ба даст гирифта ва бо шеваи ба худ хос дар ислоҳи нуқсонҳои маъноӣ ва имлои калимаҳо ҳиммат гузоштааст...» [11, с. 52-63].

Рустам Ваҳҳобзода, ки худ шоири донишманд ва донандаи хуби забони тоҷикист, роҷеъ ба ин мавзуъ аз ислоҳи хатоҳои забон, оид ба калимаҳои ҳамреша, ҳамонанд ва иштибоҳнависии онҳо дар адабиёти бадеӣ ва гуфтугӯӣ дар мақолаҳои алоҳида [46, 3-11; 49, с. 42-44] ҳам андешаҳои муфид баён доштааст. Аз ҷумла, дар хусуси калимаҳои мухаффаф андешаи шоир чунин аст: « ...Калимаҳои мухаффаф дар шеър кам нестанд ва агар берун аз қолаби назм ё ба сурати дархури вазн шакли аслии онҳо оварда шавад, равост...» [46, с. 11].

Ҳамин тавр, пойдорию бақои давлату миллат ин ҳамдилӣ, сулҳу ваҳдат, худшиносӣ, дӯст доштани меҳан, солимфикрӣ ва огоҳию ҳифзи арзишҳои миллию таърихӣ, арҷгузорӣ ба суннатҳои гузаштагону ниёкони хеш аст, вагарна бидуни ин арзишҳои миллӣ дар байни халқу миллатҳои гуногун миллат рӯ ба нестӣ меорад. Васфу тасвир ва эътиқоду эҳтироми ин ҳама арзишҳои миллӣ дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода чун ганҷи бебаҳоеро мемонад.

### 2.2.4. Васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ

Аз мутолиаи ҷамъии эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода маълум мешавад, ки доираи муқаддасот дар шеърҳои ӯ фаротар аз зовияи дидест, ки мо тасаввур мекунем. Аз ин ҷост, ки дар тафаккури эҷодии шоир мафҳумҳо, маъниҳо ва мазмунҳои алоқаманд ба мафҳумҳои Офаридгор ва Қуръон ҷузъи арзишҳои муқаддаси миллӣ ҳастанд.

Аз ҷумлаи муҳиммоти арзишҳои муқаддаси миллӣ баъд аз мақулаҳои мазкур дар ҷаҳони шоирии Рустам Ваҳҳобзода чеҳраи модари тоҷик аст. Чунин мақоми арҷманд ва мартабаи росих дар шеъри шоир, пеш аз ҳама, аз қудрати офаринандагии Модар бармеояд. Агар мавзуи Модарро дар умум ба андеша бигирем, дар адабиёти муосири тоҷик шоире ёфтан муҳол аст, ки дар ин мазӯи поку боарзиш, сачашмаи ҳаёт, сароғози ҳамаи оғозҳо шеъре ё сухани волое нагуфта бошад. Бахусус, дар ин росто «Модарнома»-и Эраҷ Мирзо, «Эй вой модарам»-и Шаҳриёр ва шеърҳои силсилаи «Модарнома»-и Лоиқ намунаҳои гӯё ҳастанд, ки шоирон суханҳои беҳтаринро баҳри ин гавҳари покдоману фариштахисол сурудаанд.

Рустам Ваҳҳобзода низ васфи Модар, ин мавҷуди олии ҳаётро бо тарзи ифодаи вижаи махсус ба шахсияти фардӣ ва арзишдоварии воқеӣ ифода намудааст. Ба ин матн таваҷҷуҳ мекунем:

Барфи боми пирият бар сар ҷавониҳои моро,
Меҳрубоно, бахши ин номеҳрубониҳои моро.
Қомататро карда бори ғуссаҳои мо замингир,
Мекашӣ бар дӯш нози осмониҳои моро.
Мисли як барги хазонӣ, даст сӯи осмонӣ,
Хоҳӣ аз ҳафт осмон як бехазониҳои моро...
Рӯи ту чун сафҳаи Мусҳаф шудасту метавон хонд,
Аз хати рӯйи биҳиштият нишониҳои моро...[48, с. 105].

Шоир дар ин шеър натанҳо модари худро, балки кулли модарони дунёро тасвир намудааст, ки баҳри амалӣ шудани орзуҳои осмонии фарзандон ранҷ кашидаву қомати хамгашта дар замин доранд, рӯи онҳо чун сафҳаи Қуръон асту

аз хатти биҳиштии он метавон асару нишоне аз заҳматҳои кашидаи баҳри фарзандонро хонд. Маҳз тавассути он забоне, ки модар барои фарзандон омӯхтааст, шоир ҳамду сано, сипосу ситоиши халқу ватанро намудааст.

Дар шеъри «Меҳри модар» ҷазабаи меҳр ва қудрати модар чунин тасвир шудааст:

Агар рӯзе замин аз ҷазбаи худ
Бимонад, мешавад дунё парешон.
Чу коҳе, ки ба чанги бод афтад,
Шавад хурду бузурги мо парешон.

Аё модар, ба ҷазби меҳри покат
Ту ҳамтадбиру ҳамзӯри заминӣ,
Ба гирдат ҷамъ карда баччаҳоят
Зи ҳар кунҷе пайи дидорбинӣ.

Агарчи ҳар кадомеро ҳавоест,
Хаёли дигару маъвои дигар,
Вале сад моҷаро пеши ту яктост,
Ки онон кӯдаконанду ту модар.

Аҷаб давлат, ки ҷазби меҳри покат
Нагардад з-ихтилофу ҷанги мо кам,
Вагарна ҷумла қудратҳои олам
Набитвонанд моро дошт бо ҳам [48, с. 192].

Шоир дар ин шеър қувваи ҷозибаи модар, яъне кашиши сириштиро, ки кашиши қалби модар, меҳру муҳаббати беандозаи модар аст, ба қувваи ҷозибаи Замин, яъне нерӯи кашиши замин қиёс намудааст. Агар замин аз кашиш монад, дунё ҳама паҳну парешон гашта, ба боди фано меравад, агар меҳру муҳаббати беолоиши модар набошад, фарзандон низ ҳар сӯ парешонанд, ҳамин ҷазб аст, ҳамин кашишу ҷаззобияти меҳру муҳаббати модар аст, ки фарзандонро дар

атрофи худ ҷамъ мекунад ва ҳамин меҳру муҳаббати беинтиҳои модар ҳаст, ки фарзандон бо ҳам ихтилоф надоранд, вагарна ягон қудрати тавонои дигари олам онҳоро бо ҳам дошта наметавонад. Дар шеъри ӯ Модар як инсони воқеист ва ин рисолати ҳақиқии модар аст, ки метавонад бо меҳри ногусастании хеш ин риштаи пайвандро бо фарзандон дошта бошад. Дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода Модар инсонест, ки чун замин ягонаву пойдор аст, сабаби сарҷамъии аҳли хонадону фарзандон, ҳама ҳастию бақои инсон аст. Агар мафҳуми Модарро бо Ватан ҳамсон шуморем, пас Ватан ҳам ба монанди Модар қувваи ҷозибае дорад, ки кулли фарзандони худ, яъне тоҷикистониёнро ба ҳам муттаҳид мекунад. Дар ҳамин нукта аст, ки модар дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода ҷузъи арзишҳои миллӣ қарор мегирад.

Дар як порчае аз «Соқинома» низ шоир ҷонфидоии Модарро бо санъати ташбеҳи пӯшида ва санъати талмеҳ омехта намуда, бо як шакли олие тасвир намудааст:

...Зиҳӣ, он ки мехӯрд заҳробро,
Ба заҳроб парвард Суҳробро,
Зиҳӣ, он ки дар чоҳ Бежан бизод,
Чу ашкаш зи мижа Манижа фитод.
Зиҳӣ, он ки дар оташистони Вахш
Сиёвахши нав зод бо сад дурахш.
Чу бугзашт з-ин оташи пуршитоб,
Бияндешам аз макри Афросёб,
Зиҳӣ, он ки Сино бизояд зи дард,
Зи гарди мазораш ниёз аст мард.
Зиҳӣ, модарон – офаринандагон,
Паямбархудоён, Худобандагон [48, с. 21].

Дар ин пораи шеърӣ низ образи Модарро дар радифи Ватан қарор додан мумкин аст. Тасвири бузургии модар, нобиғагону бузургонро бо сад ранҷу мушкилиҳо ба дунё овардану парваридани ӯро шоир бо санъати баланди шоирӣ ва бо истифода аз санъатҳои бадеии талмеҳу ташбеҳи пӯшида дар риштаи тасвир

кашидааст. Дар ин порчаи шеърӣ калимаҳои «Паямбархудоён» ва «Худобандагон» калимаҳои сохтаи худи шоир ҳастанд, ки ба равиши услубии каломи шоирона созгор омада, ба маънии баланд тобиши бузургӣ зам мекунад.

Ҳамин гуна васфу тасвирҳои марбут ба Модар (Модар-Ватан), қувваю ҷазби беинтиҳои меҳру муҳаббати алоқаманд ба меҳри Модару Ватанро шоир дар дубайтиҳои хеш низ ифода намудааст. Ин ҷиҳати масъаларо дар бахши дубайтиҳо гуфта гузаштаем, ин ҷо бо нақли як намуна иктифо мешавад:

То чанд талоши тахту минбар кардан,
То чанд ҳавову ҳаваси зар кардан,
Эй бехаборон, ғанимат аз умр ин аст:
То ҳаст даме, хидмати модар кардан [48, с. 201].

Дар андешаи шоир, аз ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиши ҷоҳу ҷалол, тахти шоҳӣ, ҷойгоҳи баланд ва ҳавову ҳавас, ҳавои чизеро дар нафс доштан, дар иштиёқу орзуи чизе будан, маслан, зар аз ҳаёт беҳудааст. Шоир ба ғофилону бехаборон панд медиҳад, ки аз фурсати ғанимат, яъне фурсати муносибу мусоид, ғанимати дуои падару модар ғофилу бехабар намонед, то дами вопасин дар хизмати онҳо бошед. Ин шеър хусусияти тарбиявӣ низ дорад.

Аз баррасиҳои боло бармеояд, ки шеърҳои дар васфи Модар сурудаи Рустам Ваҳҳобзода аксар бо мафҳуми Ватан муродифу ҳамоҳангӣ пайдо карда, аз ин ҷиҳат ҷузъи ифтихороти миллӣ ба ҳисоб меоянд. Чунин сурудаҳо, бидуни шубҳа, дар қатори шеъри умумибашарӣ ва умумиинсонӣ қарор мегиранд. Инчунин, дар коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода васфу ситоиши Ватан дар алоҳидагӣ низ мавқеи муҳим дорад. Ин мавзуъ аз нахустин қадамҳои шоирӣ то имрӯз аз ҷониби шоир пайгирӣ ёфта, бо тарзу ифодаҳои гуногун ва аксар рангину тоза инъикос шудааст.

Аз ҷумлаи дигар арзишҳои муқаддасе, ки дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода ҷойгоҳи махсус дорад, мавзуи васфу ситоиши Меҳан ва эътиқоду эътимод ба Ватани маҳбуб аст. Дар саросари эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода мавзуи Ватану миллат мавзуи рақами якум маҳсуб мешавад, шоир дар ин мавзуъ шеърҳои мондагору ҷовидонае навиштааст, ки дар ин хусус мо пештар баҳси алоҳидае

кардаем [95, с. 199-207]. Шояд яке аз сабабҳои асосии ҳамчун баҳси меҳварӣ қарор додани ин мавзуъ дар эҷодиёти шоир ва пайгирии ҳамешагии ин мавзуи ҷовидона он бошад, ки Рустам Ваҳҳобзода дар афкору андешаи худ ҳиссу дарки ватандӯстию меҳанпарастиро бо таври амиқу воқеӣ дар ҳаёт таҷриба намуда, дар дохил ва хориҷ аз Ватан ба дидаи таҳқиқ омӯхтааст. Солҳои ба ҳама маълуми ошӯбҳои дохилӣ шоир дур аз ватан дар муҳоҷират буд, вале ҳама вақт, ҳар лаҳза бо ёди Ватан, бо ҷазби Ватан, меҳру ишқи Ватан, хумору майли Ватан зиндагӣ мекард. Ин дурию ҳаҷр буд, ки ӯро боз ҳам ба Ватан наздиктар мекард, меҳри Ватан дар рагҳояш чун хун ҷорӣ мешуд ва дар қалбаш эҳсоси ватандорӣ бештар метапиду дар рӯҳи хеш ҳисаш менамуд. Ин аст, ки дар шеъри «Тасбеҳи ашк» аз эҳсосе, ки дар дили шоир нисбат ба Ватан ғалаён дорад, сухан меравад:

Ҳар субҳу шом сӯйи Ватан саҷда мекунам,
Дар дил ҳазор захми куҳан саҷда мекунам.
Тасбеҳи ашк бар сари ангушти мижгон,
Ҷон бар лабу ба рӯи кафан саҷда мекунам.
Рӯям ба қибла, ки ватанам сӯйи қибла аст,
Сӯйи ватан ба ваҷҳи ҳасан саҷда мекунам.
Гарчи тиҳӣ шудам зи навоҳои булбулбӣ,
Чун ҳудҳуди Сабо ба чаман саҷда мекунам.
Ҳар шом то ба субҳ чу як шамъи поксӯз
Танҳо на як ҷабин, ҳама тан саҷда мекунам.
Бӯйи Ватан агар бирасад аз сухан маро,
Мисли қалам ба пойи сухан саҷда мекунам [48, с. 128].

Дар ин шеър аз меҳру муҳаббати самимию бепоёни нисбат ба Ватан доштаи шоир, ки онро дар ҳиҷрат таҷриба намудааст, рӯи дафтар омадааст. Дар ин шеър таркиби «тасбеҳи ашк бар сари ангушти мижгон» як ташбеҳи нав аст, ки шоир тавонистааст, ҳар қатраи ашкро ба тасбеҳ ва тори мижгонро ба ангушт монанд карда, як тахайюли шоиронае иншо намояд.

Дар байти зерин низ бозёфти шоирона бармалост:

Рӯям ба қибла, ки ватанам сӯйи қибла аст,

Суйи ватан ба ваҷҳи ҳасан саҷда мекунам [48, с. 128].

Ба сӯйи ватан саҷда кардан, ки қиблаи шоир низ ҳамон тараф аст, дар айни бозёфте ҷадид будан, моҳиятан ибратангезу таъсирбахш аст. Ифодаи «танҳо на як ҷабин, ҳама тан саҷда мекунам»-ро ҳам хеле ба маврид овардааст, ки на танҳо ба пешонӣ, балки бо тамоми тану вуҷуд суйи ватан таъзиму ибодат мекунам, гуфтани шоир эҳтироми хоссу меҳру муҳаббати воқеӣ доштани шоирро нисбат ба Ватан далолат мекунад.

Ё ин ки:

Буйи Ватан гар бирасад аз сухан маро,

Мисли қалам ба пойи сухан саҷда мекунам [48, с. 128].

Ин ҷо шохисаи муҳимми андешаи шоир аз он аст, ки агар сухане дар бораи Ватан бошад, мисли қалам, ки дар пои ҳарфҳо меистад, ман низ назди ҳамон сухан сари таъзим фуруд меорам. Дар чунин қолабҳои баёнист, ки шоир ба мафҳуми ватандӯстӣ мазмуну мундараҷаи баланд қоил шуда, ба маънӣ қабои тозаю бикр пӯшонидааст. Таркиби «саҷда кардан» дар шеър нав нест, вале шоир дар ҳамбастагӣ бо ибораву таркибҳои «захми куҳан», «тасбеҳи ашк», «сари ангушти мижгон», «рӯи кафан», «ваҷҳи ҳасан», «навоҳои булбулӣ», «ҳудҳуди сабо»,»шамъи поксӯз», «ҳама тан», «пойи сухан» шеърро пурқуввату пурҷозиба намудааст.

Дар баробари дигар арзишҳои муқаддаси миллӣ Ваҳдат ва Озодию Истиқлоли миллӣ низ дар эҷодиёти шоири ваҳдатсаро Рустам Ваҳҳобзода ҷою мавқеи хоссу арзишманде дорад. Шеъри ӯ ягонагии миллӣ ва арзиши умумиинсониро дар ҷараёни гирудорҳои сиёсию иҷтимоии давру замон ифода мекунад. Ӯ шоири ваҳдатсаро ва ваҳдатгарост. Аз ин ҷост, ки дар зеҳну тафаккур ва андешаи ӯ ваҳдат ва тамоюл ба сӯи ягонагӣ арҷи тамом дарёфтааст. Мавзуи халқу миллат, ваҳдат, истиқлолият, хусусан истиқлолияти миллӣ, дар он солҳои карахтии Шӯравӣ аз шоир ҷуръату ҷасорати хосси адабиро талаб менамуд, ки мо сари ин мавзуъ баҳси алоҳидае кардаем.

Чун намуна шеъри «Тоҷикистон» нақл мешавад, ки дар он ҷасорати адабии шоир ифода шудааст:

То набошад қавми моро иттиҳод,

Ин ватандорист ҳамчун абру бод.

Боди ваҳдат аз Ватан пӯё шавад,

Куштаи ғурбат зи нав эҳё шавад...

Бартариҳояш ҳам аз худогаҳист,

Огаҳӣ – шерозаи девони Зист.

Дастҳо пайванди ин ҳаблулматин,

Асли ҳикмат, асли ойин, асли дин...

Ҳурмати хуни шаҳидон, иттиҳод,

Бар сипоси оли Сомон иттиҳод.

Кӯр бодо чашми шайтон иттиҳод,

Эй муваҳҳид, баҳри Яздон, иттиҳод [48, с. 28-30].

Яке аз муқаддасоти дигари миллӣ – Парчами давлатии Тоҷикистон аст, ки барои ҳар як шахси хештаншинос рамзи ифтихори миллӣ мебошад. Дар ин раванд шеъри ба истиқболи 24 ноябр – Рӯзи Парчами давлатии Тоҷикистон навиштаи Рустам Ваҳҳобзода «Суруди парчам» намунаи гӯёст:

Сабзу сурху сапед, парчами тоҷикон,

Зиндагию умед парчами тоҷикон.

Поя дар бостон, тоҷ дар осмон,

Ҳампари моҳу шед парчами тоҷикон... [7, с. 1].

Дар шеъри дигаре бо номи «Марзи озодагон» шоир аз «Боми Дунё» будани сарзамини сулҳпарвари тоҷикон, аз ҳамдарди инсоният будан, «дарди башар» ва вориси барҳақи одамизод будани тоҷикон ифтихор дорад:

...Боми ту Боми Дунё бувад,

Бонии амни ин оламем.

Дар дили мост дарди башар,

Вориси барҳақи Одамем...[50, с. 6].

Инчунин, шеърҳои «Табарро», «Ошёни меҳр», «Дарди воло», «Ихлос», «Истиқлол», «Меҳан», «Ватан», «Меҳрнома», «Ба пои Бесутун», «Сафо», «Намози дил», «Суруди марзбон», «Тасбеҳи ашк», «Ёд», «Оҳани дил», «Ҳанӯз», «Ё соқӣ»,

«Андешаи мардум», «Хатти фардо», «Ба мо», «Ҳама кишвар», «Пайғом» ва ғайраҳо дар васфи сулҳу дӯстӣ, якпорчагии миллат ва ваҳдату истиқлол суруда шудаанд.

Ваҳдат дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода «ҳосили пирӯзии миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон бар ноогоҳӣ, фитна ва дахолати нохайрхоҳони дохилию хориҷӣ, пирӯзӣ бар хостаҳои норавои худ, бар нодонӣ, такаббур, худхоҳӣ» таҷассум ёфта, истиқлолхоҳӣ, ваҳдат, муттаҳидӣ ва сулҳу дӯстӣ дар эҷодиёти шоир чун гулзореро мемонад, ки ба машом накҳати ҷонфизои гулҳои баҳорро мерасонад.

## 2.3. Лирикаи медитативӣ-тасвирӣ

Таҳти мафҳуми «лирикаи медитативӣ-тасвирӣ» мо ашъори ғиноиеро дар назар дорем, ки дар онҳо андеша ва тасвир ба ҳам омадаанд. Дар чунин шеърҳо маъмулан тасвир барои андеша хизмат мекунад. Доираи чунин лирика дар коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода васеъ мебошад. Мо онҳоро моҳиятан дар ду бахш: а) васф ва тасвири табиат ва б) васфи инсони худогоҳ баррасӣ мекунем.

### 2.3.1. Васф ва тасвири табиат

Васфи табиат дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз оғози пайдоиши шеър ба забони порсии дарӣ то рӯзгори мо яке аз мавзуъҳои меҳварӣ маҳсуб мешавад. Аз ин ҷост, ки тасвири табиатро бо ҷилваҳои гуногуни он дар эҷодиёти шоирону нависандагони гузаштаву муосир ва дар таркиби ҳамаи жанрҳои адабӣ дучор омадан мумкин аст. Хусусан, шоирони асримиёнагии адабиёти форсу тоҷик ба тасвири табиати нотакрор таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, иртиботи миёни инсон ва табиатро ба тарзу усулҳои гуногун тасвир кардаанд. Ашъори шоирони табиатгароро, аз як тараф, васфи зебоии фасли баҳор, нағмаи гулу булбул, шукуфтану рангорангии гулҳо, боридани борон ва монанди инҳо таровиш дода, дар умум, накҳати бӯйи баҳорро ба машом нишонад, аз тарафи дигар, манзараҳои дигар фаслҳои сол зебоӣ ва махсусиятҳои хоссеро пешорӯи хонанда ба намоиш мегузорад.

Аз ашъори шоирони асримиёнагии тоҷик ашъори зиёдеро нақл намудан мумкин аст, ки намунаи комили шеърҳои тавсифӣ ҳастанд. Аммо ин кор аз доираи вазифаи мо берун аст. Бинобар ин, танҳо бо зикри порчаи зерин аз ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қаноат мешавад:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор зиннату ороишу аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб [134, с. 61].

Дар эҷодиёти баъзе адибони муосир, аз он ҷумла дар ашъори Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Низом Қосим ва дигарон тасвири табиат бо шаклҳои дигар, аз роҳи муқоисакунию тахайюлҳои воқеибунёд таҷассум ёфтааст. Рустам Ваҳҳобзода низ дар эҷодиёташ ин мавзуъро ба таври васеъ ва фарогир, бо таваҷҷуҳ ба тамоми ҷузъҳои табиат зиндаю воқеӣ ва фароху табиӣ ба шакли латифу мондагор офаридааст. Таваҷҷуҳ ва эҳтирому дилбастагии Рустам Ваҳҳобзода ба табиат ва манзараҳои он хеле ҳам зиёд ва амиқу таъсиргузор ҳаст. Ин хусусиятҳоро мо дар эҷодиёти ӯ дар ҳамаи жанрҳо вомехурем. Дар заминаи тасвири табиат шоир ба баъзе ибтикороте даст задааст, ки махсуси худи ӯ мебошад. Масалан, шоир баъзе унсурҳои на он қадар намоёни табиатро мавзуъи шеър намуда, ба ин васила андешаҳои тасвиркорона ва амиқи моҳиятан муҳимро пешниҳод карда, ки мазмуни иҷтимоию сиёсӣ ва умумиҷаҳонӣ доранд. Дар чунин ҳолат дарунмояи аслии шеърҳои манзаранигории шоир натанҳо васфи табиат, балки тасвирҳои баргирифта аз заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ доранд. Вижагии дигар ин аст, ки васфи унсурҳои табиат дар шеърҳои шоир ҷанбаи хосси табиӣ дорад. Дигар ҷиҳати фарқкунандаи ашъори дар васфи табиат эҷоднамудаи Рустам Ваҳҳобзода ин аст, ки он натанҳо васфи гулу булбул ва баҳори дилфиребро дорад, балки фасли зимистони барфпӯш ва яху барф ҳам ба шоир манбаи илҳоми эҷодӣ мебахшад. Масалан, яке аз ҳамин гуна тасвиркориҳои маънодорро мо дар манзумаи «Лозуркӯҳ» бармало мушоҳида менамоем:

Истода ту дар муқобили тӯфон
Як деҳаи муштипар дар оғӯшат.

Эй Пири муроди банда, Лозуркӯҳ,
Ҳошо, ки даме кунам фаромӯшат.

Селоб ба рӯи синаат канда
Аз қарн ба қарн дарраҳои жарф.
Гаҳ ҷомаи сабзи хусравон дорӣ.
Гаҳ хирқаи сӯфи сӯфиён аз барф.

Саҷҷодаи туст осмони шаб,
Тасбеҳи ситораҳо дар ангуштат.
Дарёи шароби нур мерезад
Дар косаи сангҳо зи чархуштат... [48, с. 5- 6].

Дар ин шеър мавзуи асосӣ лозур, яъне пиряххо ҳастанд ва сухан дар бораи ҳифзу арҷгузории гавҳари ҳастӣ - об ва ҳамзамон неъматҳои маънавии миллӣ мебошад. Манзумаи «Лозуркӯҳ» аз назари мухтаво чандбуъдӣ буда, фарогири мазмунҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, инсонию табиӣ мебошад. Аммо манзури шоир такя ба яке аз ҷиддитарин ва замонатарин мавзуи асри мо мебошад, ки ба дигаргуншавии иқлим иртибот дорад. Шоир ба воситаи ин манзума сайёраро аз хатари дигаргуншавии табиату иқлим огоҳ мекунад. Шоири тавоною ҳунарманд тавонистааст, чунин огаҳиро саривақт бо тасвирҳои шоиронаву табиӣ ба риштаи назм кашад.

Вақте ки соли 2008 ин манзума чоп шуд, баъзеҳо чунин истиқбол намуданд, ки «наход одам дар бораи ях достон нависад?». Мавзуи адабиёт кардани онро баъзеҳо тасаввур намекарданд. Аз ин худи шоир ҳам хеле мутассиф ҳаст, ки: «Дар адабиёти мо, вақте ки нигоҳ мекунед, умуман ин хеле эҳсос мешавад, масалан, вақте ки мо мехоҳем дар бораи барф, ях, зимистон, ки инҳо як навъ неъматҳои муҳимтарини табиӣ ҳастанд, агар шеъре ё асаре пайдо кунем, дасти мо дар ҳаво мемонад. Аммо ба адабиёти рус ё адабиёти аврупо муроҷиат кунем, пур-пур аст шеърҳо дар васфи зимистон, барф, зебоиҳои табиати зимистон, ки онҳо хеле зиёданд». Ин як тарафи масъала, тарафи дигари масъала шинохтани воқеиятҳои

табиӣ дар ҳамсозӣ ва пайвастагӣ ба воқеиятҳои иҷтимоӣ, яъне пайванди равандҳои табиат, таҳаввули табиат бо равандҳои таҳаввули иҷтимоӣ аст.

Берун рафтани инсон аз меъёрҳои арзишманд дар назар аст, ки аз ҷумлаи онҳо ҳифзи табиат, ҳифзи сармояҳои табиӣ, эҳтироми онҳо, покиза нигоҳ доштани онҳо, даст кашидан аз исроф ва таҷовузи табиат мебошад. Бо берун рафтан аз ҳамин хатти сурх, ин таносуби замину осмонро халалдор мекунад. Дар ҳақиқат, имрӯз башарият ба чунин фоҷиае, аз қабили гудохта шудан ва нобуд шудани захираҳои об рӯ ба рӯст, ки ҳатто таъсир ва натиҷааш ба Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ мерасад.

Дар айни ҳол чӣ чиз ҳаст, ки инсонро ба ин варта андохтааст, ки натиҷаи фаъолиятҳои ӯ ба ин чиз, ба ин фоҷиа анҷомад. Ҳамин хароб кардани эътиқод, хароб гаштани арзишҳои ахлоқӣ, фаромӯш шудани рисолати инсонҳо, ки онҳо масъули ҳифзу нигоҳ доштани тамоми олами мавҷуд мебошанд, на ин ки масрафкунандаи он ҳар қадар, ки ба даст меоянд ва метавонанд, масраф кунанд. Балки онро ҳифз кунанд, барои он ки эҳсоси масъулият кунанд. Инсон, вақте ки аз ин арзишҳои маънавӣ дур шуд, ба ин ҳол натиҷааш ҳамин мешавад ва натиҷааш дар табиат ҳам ногузир мешавад.

Аз ин ҷост, ки шоир дар образи Лозур тамоми яххои дерсоли куҳистонӣ ва дар баробари онҳо, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии инсониро гузоштааст. Вақте ки ин арзишҳо, ин эътиқодҳо, ин анъанаҳо, ин суннатҳо мисли ях гудохта об мешаванд, аз байн мераванд, ин яххои табиӣ ҳам гудохта ва об мешаванд. Шоир дар ин ҷо гуфтанӣ ҳаст, ки инҳо бо ҳам ҳастанд, инҳоро бо ҳам ҳифз бояд кард, инҳоро аз исроф бояд нигоҳ дошт. Ҳамин мазмун манзумаи «Лозуркӯҳ» дар якҷоягӣ омадааст, шоир ба кӯҳҳо ба ин маҳзари устуворӣ ва побарҷой ҳамчун ба як мавҷуди зинда, дорои эҳсоси тафаккур муроҷиат карда, андешаҳои худро гуфтааст.

Рустам Ваҳҳобзода дар бораи ашёи табиат назару нигоҳи тоза ва амиқу дақиқ дорад ва дар ин хусус андешаҳои Камол Насруллоро дар боло зикр намудаем.

Шоир ба ҳар гиёҳу дарахт, ҳар санги табиати кӯҳистони диёр шукӯҳу шаҳомат мебахшад, онҳоро мансуб на фақат ба ин диёр, балки ба тамоми сайёра медонад ва дар баробари ин ба мо эҳсоси сарбаландиву ифтихор аз Ватан медиҳад:

Дар марзи Ватан ситодаам настӯҳ,
Бебим зи турктози ҳар анбӯҳ.
Оҳехта теғҳои Лозуркӯҳ,
Ойинаи зулфиқори ман ин ҷост.

Мисли он ки шоир тамоми тобишу дурахши табиат, инсон ва одобу суннати кӯҳистонро гулчин намуда, чун машъала дар ин манзума ба рӯи каф бардоштааст» [112, с. 10].

Муҳақиқи дигар Олими Бухорӣ оид ба тасвиркориҳои табиат дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода чунин ақидаронӣ намудааст: «Шеър боғу баҳор ва мояи шодмонии ӯст. Боғи шоир ҷоест, ки дар он идроку эҳсосу отифаҳояшро маҷоли рӯидан медиҳад. Андешаҳо дар иқлими сухан гӯшту пӯсту ҷон мегирад ва по ба арзагоҳи зуҳур мениҳанд [27, с. 4].

Ин гуна андешаҳои тасвиркорона аз ашё ва манзараҳои табиат дар шеърҳои дигари Рустам Ваҳҳобзода низ бо тамоми ҷузъиёташ ба мушоҳида мерасад.

Дар шеърҳои дар васфи табиат иншо намудаи шоир натанҳо мо васфи табиатро яктарафа мебинем, балки як пайванди ногусастание байни шоир ва табиат мебинем, ки онҳо бо ҳам дар гуфтугӯ ҳастанд ва он ашёҳоро мо гӯёву зинда мебинем. Дар чунин шеърҳо эҳсосу андешаи шоир амиқ ҳастанд, нуҳуфтагии асрори табиат ва дили қаҳрамони лирикии шоирро баръало эҳсос мекунем. Масалан, тасвирҳои мавҷуд дар шеърҳои дар васфи «Наврӯз», «Наврӯзгоҳ», «Меҳани Наврӯз», «Барф», «Охирин барф», «Ойини гургон», «Себи охирин», «Зимистон», «Булбул», «Девони Наврӯз», «Эй дарё», «Дар остонаи зимистон», «Ҳарфи барф», «Оҳуи барф», «Кабки дарӣ» намунаи гуфтаҳои болоанд.

Васфи унсурҳои табиат дар шеърҳои кӯтоҳ ва қитъаҳои шоир, дубайтӣ ва рубоиҳо низ дида мешавад, ки ҷанбаи ғинои доранд. Дар шеърҳои кӯтоҳ, ба

монанди «Хазон», «Новбон», «Субҳи зорун», «Хор ва булбул», «Шерози зимистон», «Гулҳои тирамоҳӣ», «Паранда», «Қонуни табиат», «Домони кӯҳистон» ва ғайраҳо шоир тавонистааст, мазмуни мухтасаре аз ҳар як ашёву ҳодисаи дар табиат мушоҳида намудааш иншо намояд, ки хеле ҳам мутаассиркунандаву ҷазобанд.

Барои мисол тасвири «Кӯҳ»-ро мегирем, ки дар эҷодиёти ӯ ин мафҳум хеле зиёд истифода шудааст. Ин манзара шояд дар назари як шахси оддӣ як теппаи сангӣ ё хокӣ бошад, аммо тасвири он дар шеърҳои Рустам Ваҳҳобзода ранг мегирад, маъно медиҳад ва билохира, рӯҳу ҷон мегирад. На ҳар кас метавонад ин манзараро бо рангиние, ки шоир дар назар дорад, дарк намояд, аммо тавре ки шоир бо андешаю тахайюли хос ҳам дар назм ва ҳам дар наср ва суҳбатҳо ба навъе сухан мегӯяду тасвир мекунад, ки пеши назари шунаванда ва ҳатто бинанда на як кӯҳи оддӣ ё як теппаи сангӣ, балки як дунёи афсонавӣ, як олами рӯъёҳо, як манзараи зебою дилкаш, хушбоду ҳаво, нурпош, қавӣ ва манфиатовару зархез, пурсарвату судбахш ва мафтункунанда пайдо гардида, ҷилвагарӣ менамояд. Шоир дар манзумаи «Лозуркӯҳ» ин андешаи худро чунин баён доштааст:

...Эй Пир, дуруд, ҷовидон бошӣ,
Бо ёди ту як нафас намегирам.
Сад шукр, ки боз дидамат барҷой,
Бе ту камтар зи нақши тасвирам...[48, с. 10].

Васфи табиат, алалхусус васфи табиати зебои кӯҳистон, васфи баҳори дилрабою мафтункунандаи он, ки шоир ба ҳар сангу хор ва оби рӯду ҳавои мусаффои он дар гуфтугӯ ва ҳамроз аст, хеле ҳам табиӣ омадаст. Дар ин шеър таассурот, таҷриба ва эҳсосу андешаи шоир фикри хонандаро ба баҳори нотакрори кӯҳистон мебарад. Дар рубоиёт ҳам чунин тасвиркориҳои олӣ дида мешавад. Масалан, дар рубоии зерин:

Эй кӯҳ, ғурури ту писанд аст маро,
Тамкину сабурии ту панд аст маро.
Як пораи хораи ту будам шояд,
Баҳри чӣ иморате? Кӣ кандаст маро? [48, с. 195].

Дар ин рубоӣ шоир аз мақбулии ғуруру тамкину сабурии кӯҳ сухан ронда ва чунин сифатҳоро аз кӯҳ омӯхтанашро низ ноаён ифшо намудааст, ки мо инро дар ашъори ӯ мебинем ва бармало мушоҳида мекунем. Ин мавзуъ дар адабиёт мавзуи нав нест, аммо як пораи хораи санги кӯҳ будан ва суоли шоир: кӣ? ва баҳри чӣ чизе? кандааст варо наву тоза аст. Чунин тарзи гуфтори шеърофарии Рустам Ваҳҳобзода дар ин самт фарқ дорад. Шоир фарзанди кӯҳистон аст, аз ин рӯ, ҳар як ваҷаб қадамҷои онро хуб медонаду бо диду дарки шоирона эҳсос ва бо фикру андешаи фозилонаю орифона баён медорад.

Дар фардбайтҳои шоир низ тасвири табиат хеле гӯёву ҳакимона ба қалам дода шудааст. Намунаи чунин тасвиркориҳоро мо дар фардбайтҳои зерин мушоҳида мекунем:

Чу лола порсое дар чаман нест,
Бисоти лола ҷуз як пираҳан нест.

Хурӯсе дертар аз хоб барҷаст,
Бизад бонг: «Офтобе рафт аз даст!»

Пири девони Зимистон гуфт: Мамнӯъ аст тақлид,
Ҳар касе бояд раҳи худро ба пои худ нависад [48, с. 226].

Дар ду мисраи боло шоир андешаи пурҳикмате аз забони пири Зимистон иброз доштааст, ки хеле табиӣ ва бамаврид омадааст. Дар ин ҷо шоир коргоҳи эҷодиро ба як саҳнаи сафеди барфпӯш нисбат дода ва аз забони он мегӯяд, ки тақлид набояд кард ва ҳар як шахс бояд роҳи эҷоди худашро дошта бошад.

Ҳамин тавр, васфи табиати нотакрори меҳан, хусусан табиати кӯҳистон, ки ватани аслии шоир Рустам Ваҳҳобзода аст, ҳеҷ гоҳ аз назари шоир зудуда намегардад ва дур намемонад. Ин мавзуъ ҳама вақт дафтари эҷоди шоирро бо тамоми рангорангии фаслҳои сол зебу оро мебахшад ва ҳамеша дар дафтари эҷоди шоир ҳар замон як саҳифаи наве боз хоҳад кард. Чунин шеърҳо ҳамчун намунае аз ашъори пурғановати шоир боқӣ хоҳанд монд, ки хонандагони ашъораш аз накҳати тару тозаи баҳори ашъори шоир баҳравар хоҳанд шуд.

### 2.3.2. Васфи инсони худогоҳ

Офаридгор инсонро аз ҳама мавҷуди дар ин олами ҳастӣ, дар ин дунёи воқеӣ офаридааш боарзишу воло офаридааст. Албатта, худи инсон дар меҳвари офариниш қарор дорад, инсон худаш як мавҷудест, дуҷавҳарӣ, дубуъдӣ, дуҷанбаӣ, як ҷанбаи маънавӣ ва як ҷанбаи моддӣ. Он чи ки маънавӣ ҳаст, ба андешаи ӯ, эҳсосоти ӯ, афкори ӯ ва маънавият тааллуқ мегирад. Он чи ки моддӣ ҳаст ба ҷисми ӯ ва тавонмандии ҷисмонӣ тааллуқ мегирад. Агар ҳар ду буъд ба ҳам оянд, чунин маънӣ дорад, ки замину осмон дар инсон ба ҳам омадааст, як муҷассама шудааст, пайванд шудааст. Барои ҳамин инсон ҳама чизро ҳал мекунад, ҳам масъалаҳои заминию осмонӣ ва ҳам дар маҳак қарор додани ҳоли инсон, вазъияти инсон ва натиҷаи ин падидаҳои табиӣ, заминию осмонӣ ба инсон арзёбӣ мешавад. Яъне, онҳо барои инсон чӣ натиҷа медиҳанд? Дар айни ҳол муносибати миёни инсонҳо пеш меояд ва масъалаи асосӣ ин аст, ки инсон дар инсон чӣ таъсир дорад?

Аз китобҳои осмонӣ ва садҳо китобҳои нигоштаи дасти худи инсон мо аз исботи ин гуфтаҳо бархурдор мегардем, далелҳои муътамад ба даст меорем. Дар китоби муқаддаси Қуръони карим оид ба офариниши инсон чунин оварда шудааст: «Парвардигор ба фариштагон мегӯяд: «Ман офаринандаам дар рӯйи замин ҷойнишинеро», гуфтанд: «Оё меофаринӣ дар замин касеро, ки фасоду табоҳӣ кунад дар он ва хунрезӣ кунад ва мо тасбиҳ мегӯем ба ҳамди Ту ва ба покӣ иқрор мекунем Туро»...(сураи Бақара, ояти 30) Ва чунин гуфт ба фариштагон: «Саҷда кунед Одамро, пас саҷда карданд, магар Шайтон (Иблис) қабул накард, ибо, саркашӣ намуд ва аз зумраи кофирон шуд»( сураи Бақара, ояти 34) [88, с. 15].

Дар китоби муқаддаси масеҳиён – Библия дар ҳадди офариниши Одам (а) омадааст: «Ва Худо одамро ба сурати худ офарид» [ 25, 16].

Аз ин нукот бармеояд, ки Одам дар масъалаи хилқат эътибори бештареро сазовор аст. Аз ин ҷост, ки вай аз ҳама мавҷудоти олам ба тарзи тафаккур ва нерӯи ақлонии хеш ва ҳатто дар сурату симо тафовут дорад...

Нуктаи дигари марбут ба эътибори инсон ба туфайли ӯ офарида шудани ҳастӣ мебошад, ки ин масъала бо тобишҳои гуногун дар адабиёт инъикос ёфтааст.

Адибони тавоно дар осори худ бештар ба чеҳраи инсони худогоҳ таваҷҷуҳ кардаанд ва ин мартаба бештар дар адабиёти тасаввуфӣ таҷаллии шоиста пайдо кардааст. Масалан, одам аз назари Мавлоно «махлуқи баландмартаба буда, дар тариқати худсозӣ ба камол ҷаҳд менамояд ва дар ин роҳ ба чунин маърифат комгор мегардад ва дар амре, ки «олами сағир»-ро дорад, бо дарёфти маротиби камол, дар тараққати тааққул ба «олами кабир» ҳулул меёбад [150, с. 110].

Ғараз аз муқаддимаи мазкур таъкиди чунин андеша аст: инсони худогоҳе, ки дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода мавриди васф ва ситоиш қарор мегирад, дорои ҳамон ду буъдест, ки сарчашмааш адабиёти тасаввуфӣ ва адабиёти ахлоқӣ мебошад. Диди зебоишинохтии шоир, ки аз муҳити адабии ду давраи таърихӣ: аҳди Шӯравӣ ва даврони Истиқлол ва равзанаи хосси ҷаҳонбинии шоир сарчашма мегирад, ба ду омили мазкур илова мегардад.

То замоне ки Рустам Ваҳҳобзода ба кори шоирӣ оғоз карда, ба образи инсон таваҷҷуҳ зоҳир карда буд, тасвири чеҳраи инсон дар адабиёти муосир зиёд матраҳ будааст. Дар эҷодиёти баъзе адибон тоҷик ба таври махсус ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Чунонки аз таҳқиқи А. Ҳакимов маълум мешавад, ҳар як шоир ба образи инсон бо диди ба худ хос нигаристаанд. «Образи инсон дар шеърҳои Мирсаид Миршакар, – мегӯяд муҳаққиқи мазкур, – бештар хусусияти фалсафию рамзӣ дошта, образи ҷомеъ мебошад. Ин тарзи тасвири инсон, яъне ӯро бештар заминӣ ва табиӣ нишон додан, қудрати эҷодкории ӯро боз ҳам барҷастатар нишон медиҳад. Агар дар эҷодиёти шоирони дигари ҳамнасли М. Миршакар, аз ҷумла Мирзо Турсунзода, Б. Раҳимзода ва шоирони нисбатан ҷавон А. Шукуҳӣ, М. Қаноат, Лоиқ, Қутби Кирom, Бозор Собир ва дигарон тасвири инсон ба воситаи маҷозу истиораҳо амалӣ мешуда бошад, яъне хусусияти маҷозӣ дошта бошад, нигориши инсон дар шеърҳои М. Миршакар як андоза бемаҷоз буда, бештар хусусияти назми «беобраз»-ро дорад» [154 , с. 45].

Мафҳуми Инсон ва образу ҳастии ӯ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода низ мавқеи хос дорад. Масалан, дар манзумаи «Шаҳри Хуршед» гарчанде ки номе аз Инсон набурда бошад ҳам, шоир дар рӯ ба рӯи инсон қарор дораду бо ӯ дар гуфтугӯ аст:

Эй азизон, зи сари ғуссаи ҷон бархезед,

Ба яқин аз паси зонуи гумон бархезед...[48, с. 41].

Ва:

Кист ғамхори Ватан – гар на ту бошию на ман?

Чашми бедори Ватан – гар на ту бошию на ман?

Кист то бигзарад аз пайкари худ, то бидамад

Ҷон ба пайкори Ватан – гар на ту бошию на ман?...[48, с. 42].

Шоир, ки худ як фарди соҳибватану ватандӯст аст ва қисми зиёди эҷодиёташ ҳам ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст, дар ин шеър кӯшиш ба харҷ додааст, бо муроҷиат ба одамон онҳоро ба муҳофизати Ватану содиқ будан ба он даъват намуда, бо ин роҳ ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ташвиқу тарғиб намояд.

Тамоми бандҳои ғазале, ки шоир дар манзумаи «Шаҳри Хуршед» нигоштаю ҷой додааст, гуфтугӯ бо инсон аст ва инсонро бо роҳи хираду дониш, маърифатнокӣ, меҳнату осоиш ва накӯгуфторию некандешӣ, худшиносию худогоҳӣ бедор ва роҳнамоӣ мекунад.

Дар шеъри зерин тавоноии инсон чунин тасвир шудаст:

...Ба ҳамон мӯри заифе, ки ба ваҳйи азалӣ

Меканад лонаи худ дар тани хоро, савганд.

Ба ҳамон мушти паре, ки наҳаросад зи наҳанг,

Мекашад рӯзии худ аз дили дарё савганд...

Шаҳкалиди дари бахти ту ҷуз ангушти ту нест,

Ҳунаре нест, ки дар бозуву дар мушти ту нест [48, с. 43].

Шоир дар ин ҷо ишора ба ҳамон мӯрчаякони донакаше дорад, ки ба тани нимҷони худ барои ризқу рӯзии хеш аз тани санги хоро ё аз даруни дарё аз наҳанг барин бузургҷуссае наҳаросидаю донакашӣ менамоянд. Ба иродаю қувваи инсон ҳам боварӣ дорад, савганд ба ҳама он муқаддасот дорад, ки инсон низ дар натиҷаи меҳнат кардан бо ҳамон дастони хеш ва ҳамон зӯру бозуе, ки дорад, метавонад ба ҳама мақсадҳои волои худ ноил гардад. Шоир бо ин тарзи тавсифи инсон ва баёни

бикру ташбеҳоти тоза, мурочиат ба одамон, онҳоро ба меҳнатдӯстӣ ва наҳаросидан аз мушкилот ташвиқ менамояд.

Дар шеъри «Кабки дарӣ» ишора ё зикри номи инсон дар он дарч нашуда бошад ҳам, мо бегумон, мебинем, ки лаҳни хониши зебои кабкро шоир ба забони дарӣ монанд кардааст. Яъне, забону гуфтугӯи инсон ҳам дар тасаввури шоир поку беолоиш ва хушнавою хушсадо ифода ёфтааст:

Агарчи порсову гӯшагирӣ.
Агарчи содаву равшанзамирӣ.
Забони ту забони ошноист,
Навои ту ба лаҳни ориёист...[48, с. 52].

Беҳтарин шеъри ҳакимонаю инсонпарварона ва пайвандгаронаи фарзанди одамро устод Саъдии Шерозӣ гуфта, он чо, ки фармудааст:

Банӣ - Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор
Дигар узвҳоро намонад қарор...[168, с. 5].

Оиди тағйир додани байтҳои ин шеъри Саъдӣ Юсуф Акбарзод дар мақолаи «Дурахши фарҳанги миллӣ»[9, с. 135] ақидаронӣ намудааст, ки ин аз мавзуи кори мо хорич аст. Ин шеъри човидонаи Шайх Саъдӣ ба рӯҳу қалби Рустам Ваҳҳобзода таъсири амиқе гузоштааст, ки мо инро, бешак, дар шеъри «Одамийят»-и шоир мушоҳида мекунем. Дар шеъри «Одамийят» шоир аз даргириҳои бемаънию беохири фарзанди одам, ки дар рӯи чаҳон роҳ андохтаю ба як ваҳшии хунхор мубадал гаштааст, сухан меронад ва ин бераҳмии банӣ одам, ки рисолати азалии он нест, ба шоир бетаъсир намондааст. Ин аст, ки ӯ аз инсон будан ва хислатҳои неку шоистаи одаму одамгариро доро будани инсон андешаҳои хешро чунин баён доштааст:

... Бағдод дод чӯяд дар хун тапад Фаластин,
Хезад зи хоки Афғон афғони одамийят.
Ҳарфе зи одамийят ифрот мешуморанд,
Гӯё ба сар расида даврони одамийят...

Ҳарчанд ҳадди ман нест, ин аҷз садди ман нест,
То хешро бисозам қурбони одамийят...[48, с. 96-97].

Дар ин шеър шоир ба як мавзуи ҳаётан хеле муҳимми давру замон даст задааст, ки қадри инсон дар ҷаҳони муосир мебошад. Баъзе одамон то ба дараҷаи хунхорию ваҳшигӣ расидаанд, хусусан, дар хоки Афғонистону Фаластин ва Бағдод оҳу шеван ва нолаю фиғони одамон солҳост, ки дар осмон бархостаю дар хун оғуштаанд. Шоир дар шигифт мондааст: ҳарчанд ки ин дар салоҳияти ман нест ва ин оҷизию нотавонӣ деворе бар ман шуда наметавонад, то битавонам ҷони хешро нисори одамийят бикунам. Ҳар як инсони бедордилу некандеш ва бовиҷдону баномус дар чунин лаҳзаҳо худро дар канор гирифта наметавонад, хусусан инсонҳои эҷодкор, ки шахсони ҳассосеанд ва ҳар як амали зишту неке, ки дар ҳаёт ба вуҷуд меояд, нахуст ба рӯҳи онҳо таъсири худро мегузорад.

Ба ҳамин монанд дар шеъри «Андешаи мардум»-и Рустам Ваҳҳобзода низ ба чунин андешарониҳо вомехӯрем:

... Сад қаҳт нахушконида як қатраи ашкам,
Дар дидаи мо сабз бувад решаи мардум.
Чун реша фаротар зи гили хеш набурдем,
Дар решаи мо нест пайи тешаи мардум [48, с. 134].

Дар шеъри «Тавалло» рисолати азалии инсон – Одам буданро шоир чунин баён доштааст:

Аз адам моро фаро хонданд, то Одам шавем,
Аз биҳишти адн ҳам ронданд, то Одам шавем.
Базри ин нуҳ осмон биншонда андар мушти хок
Боз рӯйи хок биншонданд, то Одам шавем...[48, с. 142].

Дар ин шеър қасди шоир аз «Одам шавем» гуфтан он аст, ки: гарчанде моро, яъне Бобои Одамро аз нестӣ ҳаст намуданд ва аз боғи биҳишту ҷаннат ронданд, тухми инсонро аз нуҳ осмон ба рӯи хок шинонданд, ба сари мо осмони пурахтарон офариданд, сад пайғамбару сад валию ёварони пайғамбарро таҳрик андохтанд, сад ҷилд китоби осмониро аз осмон хонданд, модарон бар хоки сокит гиряҳо карда, бо зорию илтиҷо моро зинда гардониданд, то Одам шавем. Ғарази

дигар, аз «Одам шавем», таъкид бар заҳмату талош ва танбеҳу муҷозотест, ки Офаридгор барои инсон раво дида, то ин ки инсони комилан солимақл, бохираду боҳуш ва бомаърифату росткор ва некандешу некрою некӯкор бошем.

Инчунин, шоир Рустам Ваҳҳобзода силсилаи шеърҳое дорад, ки дар васфи инсонҳои худшиносу худогоҳ, муътабар ва ба фардҳои мушаххас бахшида шудаанд. Аз он ҷумла, шеъри «Ба падарам» [30, с. 4], «Барои устод Зафари Нозим» [36, с. 92-93], «Даврони офтоб» [48, с. 31-32] барои устод Мирзо Турсунзода, шеъри «Пайкартарош», ки ба устод Забеҳи Сафо бахшида шудааст [48, с. 61-62], «Ангорае бар девори ҳисори Ной» ба Масъуди Саъди Салмон [48, с. 64-65], ки дар он ҳисор маҳбус буд, «Боғи Эшон» (дар сӯги як ҳамдарси ҷавонмаргам) [48, с. 71-74], «Ту на туӣ, на ту туӣ» дар посухи як олим, ки ба Фирдавсӣ ва Мавлоно тавҳин кардааст [48, с. 101], «Сухане гӯй, ки... (Дар посух ба мақолаи як нафар муддаъии донишмандӣ, ки Шайх Камолро ба бадбинӣ ва ҳасодат нисбат ба Хоҷа Ҳофиз тухмат кардааст) [48, с. 151], «Рӯшноӣ» барои Ҷонибеки Акобир [48, с. 161], «Шукуфаҳои хунар» (Зикри хайри устод Шоҳмузаффар Ёдгорӣ) [48, с. 161], «Дар сӯги дӯстам Пуриё», ки ба Пуриё бахшида шудааст [48, с. 191].

Дар ҳар кадом аз шеърҳои мазкур чеҳраи инсонии онҳое тасвир шудааст, ки шоир ба онҳо эҳтиром доштааст. Дар бахше аз чунин шеърҳо чеҳраи шоир ба сифати пуштибони фарҳангу адаб ва тамаддуни қадима намоён мегардад. Барои мисол, дар шеъри «Даврони офтоб» оид ба чеҳраи устод Мирзо Турсунзода чунин овардааст:

Шеъри размандааш дигаргун аст,
Он агар шир бошад, ин хун аст.
Ному номусу ору нанг дар ӯст,
Даъвии Шарқ бар Фаранг дар ӯст.
Шеър бояд, ки шӯр ангезад,
Мурдагонро зи гӯр ангезад,
Ки раҳи бахти халқ бинмояд,
Гираҳи бахти халқ бикшояд...[48, с. 31-32].

Дар рубоиёт низ ғайр аз аксари шеърҳое, ки муроҷиат ба таври умум ба Инсон аст, боз рубоиҳое дигаре ҳам дорад, ки дар онҳо мафҳуми Инсон – Одамро ба таври мушаххас номбар кардааст:

Аввалгуҳари ҷаҳон гили Инсон аст,
Ин маърака баҳри ҳосили Инсон аст.
Оташкадаву Каъбаву бутхонаву дайр,
Ҳар нусха иморати дили Инсон аст.

[48, с. 205].

Дар дубайтиҳои шоир низ чунин мисолҳо ба чашм мерасанд:

Чӣ дил бошад диле, ки ғам надорад?
Куҷо чашм аст, чашме нам надорад?
Вуҷуди беғамон касрест заррин,
Чӣ бошад қаср, агар Одам надорад?

[48, с. 223]

Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоир ҳамқадами замон аст. Ин маъниро мо дар ашъори ӯ, ба таври куллӣ, дар хилоли каломаш, ба сурати ҷузъӣ, дармеёбем. Вобаста ба падидаҳои замон шоир сухани тоза ва дархури завқ ва дарди ҷомеаро баён мекунад. Масалан, дар шароити имрӯзаи ҷаҳон, ки хатари «вабои аср» дар асри ХХ1, ки бо номи «Ковид- 19» ном бурда мешавад, инсонҳоро таҳдид намуда, ба нестӣ мебарад, шоир нисбат ба он бетарафӣ зоҳир намекунад. Далели ин гуфтаҳо шеъри рӯзмараи «Табибон» мебошад, ки дар он набзи қалби ҳассоси шоирро мушоҳида мекунем:

Табибон,табибон,
Азизон, ҳабибон,
Ниҳода ба каф ҷон,
Раҳонед ҷонҳо...
Дар ин ҷабҳаи нав,
Ки душман ниҳон аст
Зи чашми дигарҳо
Шуморо аён аст,

Шумо афсаронед,

Табибон, табибон,

Ки тири шумо бехато

Бар нишон аст.

Зи хоки Ватан ин

Ваборо биронед.

Нишон аз балои

Замона намонед... [67, с. 3].

Дар ин шеър шоир васфи инсони некӯкор, табибон – пайравони табиби Шарқ Абӯалӣ ибни Сино мекунад, ки ба онҳо рӯҳу илҳом ва нерӯю тавоноӣ мебахшад. Шоир табибонро «афсарон» ном мебарад, ки, дар ҳақиқат, дар ин лаҳзаҳои басо нозуку хатарзо табибон афсаронеро мемонанд, ки дар ин ҷабҳаи мубориза ба «душмани инсон» – вируси тоҷдор, вабои асри ҷадид, ки ба ҷони инсонҳо таҳдид мекунад, даст ба гиребонанд.

Хулоса, тасвиру образи инсон, мавқеъ ва ҷойгоҳи он  дар ашъори шоир ба таври баргузида ва эҳтироми хос ба қалам дода шудааст.

# БОБИ III
# ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВИЮ БАДЕИИ ЛИРИКАИ ИҶТИМОИИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

## 3.1. Махсусиятҳои ғоявӣ

Адабиёти муосири тоҷикро аз рӯйи махсусиятҳои ғоявӣ ва чигунагии таваҷҷуҳи шоирон ба масъалаҳои миллӣ метавон ба ду давраи муҳимми таърихӣ ҷудо намуд, ки дар умум, махсусиятҳои ҳар ду давра аз раванди пайгирии доираи муайяни мавзуъҳои умумие мушаххас мешавад, ки аз ниёзҳои ҷомеаи давр ва талаботи иҷтимоию таърихӣ иборатанд. Давраи аввал марҳалаи адабиёти даврони Шӯравӣ ва давраи дуюм замони Истиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Ғояи миллӣ ва миллатгароӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар марҳалаи аввал оғоз гардида бошад ҳам, дорои вижагиҳои махсусест, ки доираи пайванди он бо суннати миллӣ аз раванди иҷтимоию сиёсии ҷомеаи шӯравӣ бармеояд. Дар ин хусус таҳқиқ ҳам сурат гирифта ва баъзе махсусиятҳои ҷараёни адабии он даврон натиҷагирӣ ҳам шудааст. Аз ҷумла, аз таҳқиқоти дастрас бармеояд, ки дар адабиёти муосири тоҷик лирикаи иҷтимоӣ бо мавзуъҳои рӯзмараи хеш нақши созгору мондагоре доштааст. Дар даврони Шӯравӣ ҳам сарсупурдатарин ватандӯстони тоҷик, ки ба масъалаи ғояи миллӣ бетараф набудаанд, адибон маҳсуб мешаванд. Дар ин хусус Аскар Ҳаким дар китоби «Шеър ва замон» нақши мондагори адибонро чунин муайян кардааст: «Танҳо адибон бо принсипҳои миллӣ содиқ монданд ва барои бо ҷойгоҳи аслии хеш баргардонидани забону фарҳанги пайваста мубориза мебурданд, шохаҳои дигари фарҳангиамон – мусиқӣ, театр, рассомӣ, меъморӣ ва ғайраҳо рангу бӯи миллии худро батадриҷ гум карданд ва ба русишавии соҳаи худ муқовимат карда натавонистанд. Аммо адабиёти тоҷик, баръакси дигар соҳаҳо, алайҳи ҳама гуна фишору тазйиқ диловарона ба ҳифзи забону фарҳанги миллӣ даст зад ва аз уҳдаи чунин як миссияи таърихӣ бо сарбаландӣ баромад...» [154, с. 54].

Дар сафи пеши давраи аввали таърихӣ аз шумори адибон, чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Сотим Улуғзода,

Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Ғаффор Мирзо, Гулрухсор ва дигарон қарор доштанд, ки бо эҷодиёти баландмазмуни худ дар баробари инъикоси дастовардҳои ҷомеаи он даврон мазмунҳои алоқаманд ба ғояи миллиро низ ба хубӣ васфу тасвир намудаанд. Мавзуи меҳварии эҷодиёти шоирони аҳди Шӯравӣ коммунист, коммунизм, ташаккули одами советӣ, васфи дастовардҳои ҷомеа, синфи коргар ва монанди инҳо буд. Мазмунҳои миллӣ аксар дар дараҷаи дуюм қарор доштанд.

Мутаассифона, оғози марҳалаи дуюми таърихиеро, ки дар назар дорем, аз назари таърихӣ ба бенизомиҳои маълуми охири асри гузашта рост омад. Хушбахтона, фазои адабии кишвари мо баъд аз истиқрори сулҳ ва раванди рӯ ба рушд пайдо кардани ҷоме барои эҷод мусоид омад. Дар саршавии ин марҳала, дар сафи пеши мубориза барои истиқрори сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон адибони барҷастаи мо Ғаффор Мирзо, Ашӯр Сафар, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Абдулҳамид Самадов, Кароматуллоҳ Мирзоев, Раҳмат Назрӣ, Муҳаммад Ғоиб, Мирзо Файзалӣ, Меҳмон Бахтӣ, Низом Қосим ва дигарон қарор доштанд. Мавзуъи асосии эҷодиёти адибон дар ин давра пеш аз ҳама сулҳу ваҳдат ва бунёдкорию бунёдсозии давлати тозабунёди соҳибистиқлоли Тоҷикистон буд. Дар ин миён яке аз мазмунҳои асосӣ Ваҳдат ва Иттиҳоди саросарии ҷомеа буд, ки самараи онро имрӯз мо шоҳид ҳастем. Мафҳуми ваҳдат ва иттиҳод агарчи аз адабиёти деринсоли мо сар карда, то ба имрӯз яке аз мавзуъҳои меҳварии ашъори адибон будааст, хусусан, баъд аз беназмиҳои дохилию ҷанги таҳмилии Тоҷикистон нақши даъваткунанда ба сулҳу дустӣ, иттиҳод ва якпорчагии кишвар маънии тоза касб кард.

Роҷеъ ба мавзуъҳои мазкур, ки дар меҳвари ғояи миллӣ ба ҳам меоянд, адибони зиёд таваҷҷуҳ карда, асарҳои мондагор офаридаанд. Аз ҷумла, ба мавзуъҳои ваҳдат, истиқлоли миллӣ ва умуман, ватанпарастию ватанхоҳӣ Рустам Ваҳҳобзода низ дар эҷодиёти хеш диққати махсус додааст. Ҳар як шеъри Рустам Ваҳҳобзода бори ғоявии муайянеро ба дӯш дорад, аммо дар умум, фазои мушаххасе дар коргоҳи эҷодии шоир тасаллут дорад, ки аз паёмҳои ҷовидонае, амсоли Ватан, миллат, ифтихори миллӣ, Ваҳдат, Истиқлол, бузургдошти инсон,

арҷи инсоният ва монанди инҳо фароҳам омадааст. Аз оғоз то имрӯз эҷодиёти шоир моломоли чунин мавзуъҳо ва ғояҳо аст. Аз ҷиҳати дигар, шеъри Рустам Ваҳҳобзода шеъри доғи рӯз аст, дард аст, дарди дирӯзу имрӯзи мардум аст.

Мо барои тасдиқи гуфтаҳои боло мисол намеорем, чунки дар масъалаҳои асосии боби дуюм намунаҳои зиёдеро овардаем, ки гуфтаҳои моро таъйид мекунанд. Ба ҷиҳати дигари масъала мепардозем, ки ғояи суннати миллии эҷоди бадеӣ буда, дар пайгирии шоир аз суннати эҷодии маъмул дар миёни шоирони бузурги адабиёти асримиёнагии тоҷик мушаххас мегардад.

Рустам Ваҳҳобзода ҳам ба шеваи суннатӣ ва ҳам ба шеваи имрӯз шеър эҷод мекунад, ки дар ҳар ду сабк сухани шоир ба дарди ҷомеа созгор буда, ҳомили ғояҳои муайян мебошад. Чун ба дарунмояи шеъри ӯ назар меафканем, мебинем, ки дар ибрози ҳиссиёти ботинӣ чӣ ҳиссу дарде дар баробари зиндагӣ дорад ва шоҳиди навгониҳою тозагӯиҳои ӯ мегардем.

Рустам Ваҳҳобзода дар эҳёи шеърҳои суннатӣ бо равиши имрӯз хизматҳои шоёне намудааст. Сарчашмаи фаъолияти ӯ аз баҳри беканори адабиёти ниёкон об мехӯраду аз ҳамон манбаи файёз сарчашма мегирад. Ба ин маънӣ, шоири мо пул ё нардбонест байни адабиёти классикӣ ва шеъри имрӯзи тоҷик. Аз мундариҷаи шеърҳои баландмазмуну пурҳикматаш ӯро пайрави суннати шеърии Ҳаким Фирдавсию Хоҷа Ҳофиз ва Мавлоною Бедил дармеёбем. Аз ашъори адибони гузаштаи хеш сарчашма гирифтани илҳоми шоирро боз аз ҷойгузинии байтҳои онҳо дар оғози баъзе шеърҳояш дармеёбем, ки дар пайравии онҳо бо сабку услуби хос ва бо андешаю дид ва нигоҳи наву тозаи шоирона эҷод карда, инчунин, аз баргузидаи шеърҳои онҳо дар эҷодиёти худ ба таври хеле латифу созгор тазмин мекунад. Монанди байти охири шеъри «Авҷи шаҳомат», ки чунин аст:

... «Субҳи давлат медамад...» чун офтобе рух намояд,

Ҳар гаҳ аз девони Ҳофиз мекушоям фоли тоҷик [48, с. 95 ].

Мувофиқи тавзеҳи шоир дар поварақии маҷмуа, мисраи якум ишора ба байти зерини Хоҷа Ҳофиз аст, ки «борҳо ба фол омада»:

Субҳи давлат медамад, ку ҷоми ҳамчун офтоб?

Фурсате беҳ з-ин куҷо ёбам, бидеҳ ҷоми шароб! [48, с. 95 ].

Намунаи дигари аз роҳи тазмин суд ҷустани шоир аз ашъори шоирони гузашта дар байти зерин мушоҳида мешавад:

«Чун даври фалак гардон, дар кори ҷаҳон ҳайрон»,

Ду чашми Хуросонанд он ду шаҳи раббонӣ...[48, с. 17].

Мисраи аввал, ки бо нишонаи нохунак ҳам мушаххас шудааст, аз Ҳоқонии Шарвонӣ мебошад.

Рустам Ваҳҳобзода барои ифодаи ғояҳои мавриди назари худ аз роҳу воситаҳои гуногун истифода мекунад, ки яке аз онҳо таваҷҷуҳ ба таърихи устураии миллат мебошад. Бо истифода аз ин приёми адабӣ ба шоир имкон даст додааст, ки дар ҳошияи боварҳои устураӣ, ба чандин масъалаҳои дигар, ба мисли панду андарз, суханҳои ҳакимона, нақлу ривоятҳои мардумӣ, зарбулмасалу ҳикматҳои халқӣ таваҷҷуҳ карда, дар эҷодиёти худ чунин омӯзаҳоро фаровон матраҳ кардааст. Шоҳиди гӯё дар ин маврид манзумаи «Ойинаи якрӯӣ» мебошад, ки дар боби дуюм зикр шудааст.

Яке дигар аз ҷанбаҳои ғоявии шеъри Рустам Ваҳҳобзода андешапарварии шоирона мебошад, ки дар раванди эҷоди бадеӣ хосияти умумӣ ҳам мебошад. Ин ҷиҳатро Камол Насрулло ҳам ба мушоҳида гирифта, ки дар силсиламақолаи «Андар шинохти шеър ва шоир» шеъру шоириро чунин арзёбӣ намудааст: «Шеърро андешаи шигифту шигарф шеър мекунад, на унсурҳои шеърӣ, – гуфтааст Нодири Нодирпур»... Дар мавриди шеъри андеша низ ҳаминро бояд гуфт, ки танҳо ҳузури унсури андеша кофӣ нест, то шеър шеър бошад. Боз ҳам шарти нахустин дар пеърояи тасвири бадеъ ва андешаҳои шоирона баён кардани мақсад аст...» [113, с. 13].

Ҳузураи ана ҳамин шеъри андеша дар тамоми ашъори Рустам Ваҳҳобзода комилан эҳсос карда мешавад. Махсусан дар байтҳои зерини ӯ:

Агар сухан зи дили дард метавон гуфтан,

Дусад рисола ба як фард метавон гуфтан [48, с. 226].

Ва:

Аз қалам хостам, ки рост бирав,

Гуфт: ин ҳарф дар алифбо нест [48, с. 239].

Ва ё:

Шеър пайдо, шоираш пайдо набошад ҳайф нест,

Ҳайф бошад шоире пайдову нопайдош шеър [48, с. 247].

Ё:

Пой гар лағзад, тавонӣ боз қомат рост кард,

Бишканад сад қомат аз як лағзиши пойи қалам [48, с. 249].

Дар ин байтҳо талаботи шоир нисбат ба шеър ва масъулияти шоирӣ ҳам матраҳ аст, ки дар ин бора дар фасли якуми боби дуюм сухан рафта буд.

Баъзе дубайтиҳо ва шеърҳои ҷудогонаи шоир ба шеъри «шиор» табдил ёфтаанд, ки ин ҳам аз табъи баланди худододи шоирии ӯ дарак медиҳад, ки ба умқи дили хонандагон мерасаду баёнкунандаи ҳолати ботинӣ ва воқеияти замон аст. Шеъри шиор дорои мазмуни воло буда, аз шоир маҳорату истеъдоди баландро тақозо мекунад. Чуноне ки Камол Насрулло мегӯяд: «...Ҳар сатр ва қитъаи шеъре, ки ангезиш ба инсону ҷомеа медиҳад ва ӯро ҳидоят ба инсонигарӣ ва ватандорӣ менамояд, метавонад шеъри шиор бошад» [113, с. 13]. Чунончи дар гӯшае аз озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст...» байти зерини Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоҳбайт бо ҳарфҳои хоно сабт ёфта буд:

Фурӯғи коинот аз офтоб аст,

Фурӯғи одамият аз китоб аст.

Намунаҳои зерин аз ҷумлаи шеърҳои ба шиор табдилёфтаи шоир, ба маънии мусбати мафҳуми «шиор» мебошанд:

Қалам хомӯш бар коғаз биронад,

Садои пои ӯ ҷовид монад.

Ва:

Донӣ, ки чаро ба байти фардам ҳавас аст?

«Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст».

Ё худ:

Гумон дорӣ, ки ин гул аз канори роҳ мечинам?

Ту дар хобӣ, ман аз боми баланди моҳ мечинам.

Дигар:

Ба ҳар ҷое равӣ, то бо забони худ сухан дорӣ.
Най дур аз Ватан, андар вуҷуди худ Ватан дорӣ.
[111, с. 8]

Ба андешаи Рустам Ваҳҳобзода барҷастатарин, муассиртарин, нерӯмандтарин ва пурмаънотарин сухан метавонад, «шиор» бошад [54, с. 7].

## 3.2. Санъат ва ҳунари шоирӣ

Рустам Ваҳҳобзода шоири мушоҳидакор аст, он чи ки дар олами ҳастӣ бо чашми сар мебинад, бо нерӯи тахайюл ва бо ҳисси маънавии хеш дарку эҳсос мекунад, бо фасоҳату равонӣ ва завқу салиқаи хос ҷолибу ҷаззоб ба қалам дода, мушоҳидаҳояшро бо коркарди бадеӣ ба риштаи назм мекашад. Шеъри вай дар асоси коркарди ҳунарӣ ва ороиши санъатҳои бадеӣ гуфта шуда, афзун бар он ки ғояҳои мондагорро ифода менамояд, сохтмони ҳунарии мустаҳкамеро дорост. Аксари муҳаққиқон ва суханшиносоне, ки перомуни ашъори Рустам Ваҳҳобзода таҳқиқ анҷом додаанд, пеш аз ҳама, ба ҳамин ду буъди эҷодиёти шоир таъкид варзидаанд.

Муҳаққиқ Олими Бухорӣ перомуни сохтмони ҳунарии эҷодиёти шоир таҳқиқ анҷом дода, оид ба ҳунари шоирии ӯ чунин ибрози назар намудааст: «Шоир (Рустам Ваҳҳобзода – М.С.) мехоҳад ашё, ҳодиса ва воқеаҳоро на он гуна, ки бо вазъи замон созгор бошад, балки он гуна ки ҳаст (на дур аз моҳияти аслии ашё ва рӯйдодҳо) дар қолаби шеър ҷой бидиҳад. Асолати ҳунар низ дар он аст, ки воқеиятро ба як баёни софу ба фаҳми ҷомеа ошно ба зеҳнҳо интиқол бидиҳад ва оини каҷбинӣ ва каҷандеширо аз синаи идроки башар бишӯяд... Шоири «Шаҳри Хуршед», ки дар ҷаҳони зарандудаи адаб аз ихлосмандону пайравони Пири Аҷам (Фирдавсӣ) аст ва ҳар замоне аз вуҷудаш нидои «Аналҷам» сар мекашад (Бидеҳ, соқӣ, он май, ки чун дам кашам. / Зи дил наъраҳои «Аналҷам» кашам), зинда нигоҳ доштани арзишҳои фарҳанги ниёгонро аз масъулиятҳои аслии ҳунари худ медонад... Шеър дар ниҳояти кор як паёми огаҳист, ки аз сарчашмаи шуури шоир

сар мекашад. Рустам Ваҳҳоб барҳақ ШОИР аст ва маҷмуаи ашъори ӯ «Шаҳри Хуршед»... инро бори дигар равшан собит месозад» [27, с. 4].

Камол Насрулло ба ҳунармандии Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоири тавоно қоил асту аз ин ҷиҳат баҳои арзишманде додааст: «Шеъри ӯро (манзур Рустам Ваҳҳобзода – М.С.), ки симои зоҳириву ботинии худро дорад, дарунмояи он намояндагӣ мекунад... Тобиши сухан дар шеър тобиши ҷон аст ва ин танҳо ба шоире муяссар мешавад, ки воқеан, мисли Рустам Ваҳҳобзода бо дили пур ва бидуни лоф гуфта тавонад: «Ки ҳар ҳарфе ба лаб меоядам, як пораи ҷон аст». Ва мо ба ин бовар мекунем, зеро тобиши хунарии муаллиф, ки тобиши ҷони ӯст, дар ойинаҳои идроки мо ҳангоми мутолиаи ашъораш ҷилвагар мешавад...» [112, с. 10-11].

Шоирӣ барои шоири мо, пеш аз ҳама, ҳунар аст. Пас саволе ба миён меояд, ки ҳунар чист ва ҳунарманд кист? Дар ҷавоби ин савол андешаҳои худи Рустам Ваҳҳобзодаро ба ҷавоби мактуби яке аз навқаламони маҳфили адабӣ, ки Толиби Луқмон дар мақолаи хеш «Кӯҳест, ки чашмасор дар дил дорад» пайгирӣ намудааст, метавон овард: «...Ҳама ҳунарҳо шарифанд, хусусан, агар дар хидмати инсон қарор доранд ва ба ифтихору шарофат расидан дар ҳар ҳунаре ба василаи ба ҳадди камол фаро гирифтани он ва ба кор бастан мебошад. Шоирӣ ҳам ҳунарест бо ҳазорон рамзу румуз ва барои хуб омӯхтани он машаққати зиёд мебояд, ба ҷуз он ки нишонаҳои аввали сиришти он, ки завқу табъ ва эҳсоси вазну оҳанг аст, боястӣ дар вуҷуди сароянда ба сурати табиӣ вуҷуд дошта бошад...» [94, с. 7].

Дар ҷойи дигари ин мақола муаллиф назари хешро оид ба истеъдоди фитрии Рустам Ваҳҳобзода чунин баён намудааст: «Бо тааммуқ перомуни шахсият ва осори гаронсанги Рустам Ваҳҳобзода истилоҳҳои маъмули суннат ва навовариро ҳатман бояд зикр кард. Устод бисёр борикбинона ин ду риштаи нозукро дар ашъори хеш гиреҳ задааст, ба тавре ки намешавд онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҳам гусаст. Ӯ мисли баъзе шефтагони гузарои шеъри ба истилоҳ «мудерн», ки аз суннатҳои дерина ва писандидаи адабиёти классикӣ иҷтиноб меварзанд, навовариро танҳо баста ба беназмӣ ва корбасти вожаҳо, таъбирҳо ва образҳои

навбаромад намедонад, балки дар баробари суд ҷустан аз вижагиву ҷилваҳои шеъри нав бо ихлосу эҳтиром ба анъанаву суннатҳои шоирони бузурги пешин ба дарёи пургавҳари осори онҳо низ ғӯта мезанад. Ба таъбири дигар, ҳини ба пеш ҳаракат кардан ба қафо низ назар меандозад. Роҳу шеваи амали шоирони бузургу асил ҳамеша чунин будааст. Ба қавли Нодири Нодирпур, инсон барои он ки аз ҷӯе ҷаҳида гузарад, аввал ночор барои суръат гирифтан ба қафо меравад. Роҳи дигаре нест. Ман чунин пайванди зебои суннат ва навовариро ҳатто дар пиндору гуфтор ва рафтори Рустам Ваҳҳобзода низ бармало мебинам. Шинохт ва дарёфти эътидол дар ҳама масъалаҳо тарзи асосии кори ӯст. Дарахти андеша ва маърифати ӯ аз рӯдборони фарҳанги деринаи гузаштагон обишхӯр дорад ва ҳам аз чашмасорони софу шаффофи муосирон об мехурад. Ин пайванди мустаҳкам дар вуҷуди нуронии устод таҷассуми зебо ёфтааст»[94, с. 7].

Барои ба каломи ҳунарибунёд будани шеър эътиқоду эътимод доштани Рустам Ваҳҳобзода далели назарӣ ҳам метавон овард. Якум, худи Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун муҳаққиқ ба шеъру шоирӣ, пеш аз ҳама, аз зовияи нақди назарӣ, коркардҳои суннатии нақди амалӣ ва таҷрибиёти шоирии муосир муносибат мекунад. Дуюм, ин буъди сеҷонибаи нигариш дар тарҷумаҳо ва ёддоштҳои назарии худи ӯ, ки дар қолаби насри илмӣ баён шудаанд, ба таври васеъ инъикос шудаанд. Масалан, ба навиштаҳои зерини нависандаи ҳакими рус Лев Николаевич Толстой, ки дар асари «Ҳунар чист?» («Что такое искусство?») баён шудаву онро аз забони русӣ Рустам Ваҳҳобзода тарҷума намудааст, таваҷҷуҳ мекунем: «То он ки асари ҳунарӣ комил бошад, боястӣ он чи муаллиф мегӯяд, комилан нав ва барои ҳамагон муҳим бошад, бояд ба зебоии тамом адо шуда бошад ва муаллиф ба хости ботин сухан гуфта бошад ва ба ин хотир комилан содиқона... Асари комили ҳунарӣ танҳо он тавонад буд, ки мундариҷа (муҳтаво) муҳим ва нав бошад, ба камоли зебоӣ баён шуда бошад, муносибати суханвар ба шайъ (мавзуъ) комилан самимона ва ба ҳамин хотир комилан воқеъӣ бошад. Ин навъ осор ҳамеша нодир буду ҳаст...» [58, с. 15].

Ин андешаҳои Лев Толстой дар эҷодиёти шоир таъсири амиқу пурарзише дорад ва ин аст, ки санъати воло ва ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар эҷоди

ҳамаи жанрҳо бармало мушоҳида мешавад. Вай аз ашъори нотакрори гузаштагон баҳравар гардида, аммо сухану андешаи худро дорад, хусусан, ӯ бо навҷӯию навоварӣ, андешаҳои бикру сара, ташбеҳҳои обнашуста ва шеърҳои тару тозаи ба дархури замон офаридааш дар адабиёти муосир мавқеи хоссе пайдо намудааст.

Яке аз вижагиҳои ҳунарӣ дар коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода, ба назари мо, дар қудрати шоирии ӯ дар эҷоди шеърҳое зоҳир мешавад, ки гуфтани онҳо дар шеъри муосир чандон расм набудааст. Ин хусусиятро дар эҷоди «Манзумаҳо», хусусан дар «Соқинома»-и шоир, шоҳид ҳастем. Рустам Ваҳҳобзода ба ин навъи шеъри суннатӣ, ки бо мурури замон қариб аз байн рафта буд, оғоз бахшида онро ҳамчун қолаби шеърӣ аз нав эҳё намуд. Шоир бо ин ибтикори бесобиқа ва бо ихлосу арҷгузорӣ ба суннати қадимаи шеъри «Аҷам» умри дубора бахшид. Дигаре дар манзумаи «Шаҳри Хуршед» бо силсилағазалҳои иншонамудаи худ бо диди наву сухани тозаи хеш навгоние дар адабиёти муосир намуд. Дар ин қисмат дигаре манзумаи «Лозуркӯҳ» аст, ки дар ин хусус пештар гуфта гузаштем, ки яке аз мавзуъҳои умумиҷаҳонӣ ва умумибашариро, ки хатар ба табиату инсонҳо дорад, рӯи кор овард.

Дар хусуси ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар сурудани манзума Камол Насрулло чунин ибрози назар намудааст: «Таровату тобиши хирад ва ҳунари шоирӣ дар манзумаи «Шаҳри Хуршед» дар бисёр мавридҳо ба назар мерасад ва масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ, ахлоқиву худшиносиро пешорӯи мо мегузорад:

Чанд даври сари шӯридаи худ мегардем,
Ҳаст роҳе паси ин гунбади даввор ҳанӯз...
Рафт Исо ба фалак, лек ба он кини куҳан
Мекашандаш, ки кушандаш ба сари дор ҳанӯз...

Огоҳии хуб аз адабиёти гузаштагон ва ҳунари шоирӣ ба Рустам Ваҳҳобзода имконият медиҳад, ки гоҳе мазмуни як қисса ё ривоятеро дар байте биғунҷонад ва ё бо ишорае дар баёни мазмуни ирфонии шеъри худ истифода кунад». Дар ҷои дигар ин муаллиф чунин қайд намудааст:»Агар ҳунари шоирӣ бо туст аз ҳар манзараи муқаррарӣ, аз ҳар мушоҳида метавон шеър сохт...». [112, с. 10-11].

Аз ин гуфтор маълум мешавад, ки Рустам Ваҳҳобзода дар гуфтани шеъри тӯлонӣ ҳам тарафи ҳунарии каломро ҳамеша дар мадди назар қарор медиҳад.

Рустам Ваҳҳобзода дар навъҳои «шеъри нав» ва «арӯзи нав» ё «сапед» ҳам шеърҳои мондагоре дорад, ки дар онҳо низ сеҳри қалам ё тасвиркориҳои шоир ба хубӣ мушоҳида мешавад. Чунин шеърҳо, дар умум, аз санъати волою дарки ҳунари шоирии махсус башорат медиҳад. Мо метавонем, барои исботи чунин вижагиҳо аз шеърҳои «Қонуни забон», «Меҳани Наврӯз», «Ойини гургон», «Сомонгирд», «Шеъри сапед», «Зимистон», «Биҷилгун», «Шоиро, гиря макун!» ва монанди инҳо ба таври фаровон намунаҳо биёварем. Барои мисол, бахше аз шеъри «Шоиро, гиря макун!» нақл мешавад, дар он рӯҳи шикастнопазири шоир намудор аст:

Шоиро!
Гиря макун,
Шоиро, гиря маёмӯз дигар мардонро.
Ба гиристан ҳама одат кардем.
Нафасе дар шикани рӯҳ,
Нафасе дар ғами тан,
Нафасе баҳри Ватан бигристам...[48, с. 87].

Ҳунармандӣ ва ҳунари шоирии ӯро мо дар маъниофаринии шеърҳои ӯ мебинем:

Нон азиз аст, агар гандуму гар ҷав бошад,
Шеър шеър аст, агар кӯҳна в-агар нав бошад[48, с. 228].

Ё ин ки:

Уммед намемирад, агар чашми таре ҳаст:
«То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст» [48, с. 229].

Дар ин гуна байтҳо шоир аз панду андарз, зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ фаровон ва ба мавриду ҳунармандона истифода намудааст.

Рустам Ваҳҳобзода дар вожасозӣ низ ҳунарманду боистеъдод аст, аз вожаҳои тозаэҷоди худ ва аз вожаҳои фаромӯшшудаи класикон дар ашъораш васеъ ба кор бурдааст: симгард – троллейбус, заҷҷа – садои баланд, фиғон, шикра – боз, шоҳин, турғуза – бо лаҳни шадид ва тунд сухан гуфтан, сарзаниш кардан,

яди хазро – дасти сабз, дар қиёси «яди байзо», муъҷизаи Мӯсо (а), овешан – гиёҳи хушбӯи кӯҳӣ, худрез – самосавал, гузарнома – паспорт ва ғайраҳо. Инчунин, боз метавон чунин вожаҳои зиёдеро номбар кард, ки мо дар эҷодиёти шоир вомехӯрем, ки ҳама сохтаи худи муаллифанд.

Зимнан, ба масъалаи таваҷҷуҳи амиқи шоир ба калимаҳои наву тоза як мисоли дигар ҳам метавон овард, ки аз гуногунрангии коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода гувоҳӣ медиҳад. Манзури мо дар пажӯҳандагӣ ҳам дасти тавоно доштани Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Вай дар ин самт низ кӯшиш ба харҷ додааст, то хизмате дар соҳаи илму адабиёт ва тоза нигоҳ доштани забони тоҷикӣ карда бошад. Ин аст, ки даст баислоҳи хатоҳои имлои забон задааст, ки аз дониши васеъ ва ҳунари волои ин донишманд дарак медиҳад. Ӯ дар мақолаи хеш «Ғалат нанависем» чунин овардааст: «Калимаҳои мухаффаф дар шеър кам нестанд ва агар берун аз қолаби назм ё ба сурати дархури вазн шакли аслии онҳо оварда шавад, равост» [46, с. 11].

Дар ҳунари пажуҳишгарӣ, нақди адабӣ ва тарҷума низ Рустам Ваҳҳобзода роҳу равиши хосеро интихоб намудааст, ки ин аз ҳунари нодир ва беҳамто доштани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Бинобар он ки фаъолиятҳои илмии Рустам Ваҳҳобзода аз доираи баррасиҳои мо хориҷ аст, ба ин ҷиҳат намепардозем.

Масъалаи дигар чигунагии ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар истифодаи санъатҳои бадеӣ мебошад, ки дар идома ҳамин масъаларо таҳқиқ мекунем

Истифодаи санъатҳои бадеии гуногунро, ба мисли ташбеҳ, ташхис, талмеҳ, тазмин, сифатчинӣ, лаффу нашр, таадҷуб, таҷоҳули ориф ва ғайра дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода мушоҳида кардан мумкин аст, аммо дар он миён санъатҳои бадеии ташбеҳ, ташхис, талмеҳ ва тазмин аз назари басомад аз дигар ороядҳои адабӣ бартарӣ доранд.

Рустам Ваҳҳобзода ба ҳар як шаклу сурати ашё менигараду он ҳамаро бо чашми шоирона мебинад ва дар ҳолате, ки тасаввуроту хаёл ва тасвирҳои он дар зеҳни тафаккуру зери нақши килку хомааш ба шеър мубаддал мегардад, аз санъатҳои бадеӣ, хусусан ташбеҳ, истиора, талмеҳу киноя ва ғайра хеле бомавқеъ

ва устокорона истифода мебарад. Масалан, дар шеъри зерин аз санъати ташбеҳ чунин истифода намудааст:

...Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,

Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Бухоро ту ҳамному ҳамнанги мой.

Ту маҳди барӯманди фарҳанги мой,

Сиёвахшгирду Дижи Ганги мой,

Шукӯҳофарин тоҷу авранги мой...[48, с. 36-37].

Дар ин шеър «ёди ту» монандшаванда ё ташбеҳшаванда, «тӯмори меҳр» монандкунанда ё ташбеҳкунанда буда, «чу» ёридиҳандаи монандӣ ё адоти ташбеҳ мебошад, ки то охири шеър бо ташбеҳҳои «Сиёвахшгирду Дижу Ганги мой», «шукӯҳофарин», «дар замин чун ситора», «чун нур ҳастӣ» идома ёфтааст.

Шоир баъзан ташбеҳҳоро моҳирона ба сурати пӯшида меоварад, ки намунаи чунин шеваро дар байтҳои зер аз шеъри «Дилнома»-и шоир вомехурем:

Гузаштам бо ту оташро, буридам бо ту дарёро,

Самандарфитрати ман, ҳам наҳанги хунфишони ман...

Гарам зулмат фурӯ печид, раҳ ҷустам ба домонат,

Зиҳӣ, эй офтоби беғуруби осмони ман...[48, с. 39].

Шоир дар байти аввал калимаи мураккаби «самандарфитрат»-ро ба кор бурдааст, ки навъе аз ташбеҳи пӯшида аст. Тавзеҳи калимаи «самандар» дар луғат ба маънои ҷонвари калтакалосмонанд, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагӣ мекунад ва ҷонвари афсонавие, ки гӯё дар оташ намесӯзад, омадааст. Шоир калимаи «фитрат»-ро ба он илова карда, калимаи «самандарфитрат»-ро сохтааст, ки ба чанд маънӣ далолат карданаш мумкин аст:

1.Офариниш, хилқат; 2. Табиат, сифат ва хислати табии инсон; сиришт; 3. Ақл, заковат; 4. Фосилаи байни ду давр ё чизе.

Мисоли ташбеҳи равшан дар шеъри «Кабки дарӣ» чунин омадааст:

...Чу соқӣ чашми масти маст дорӣ,

Ду абрӯи ба ҳам пайваст дорӣ...[ 48, с. 50].

Дар ин ҷо «масти маст» ба маънои чашми маст, чашми пурхумор, чашми пурнозу дилфиреб омадааст.

Ё ин ки дар шеъри «Сафо» ба чунин ифода дучор мешавем:

Мо мисли кабкони ватан сайди ҳама зоғу заған,
Аммо бо ҳам минқорзан бо ғайрати бемунтаҳо...[48, с. 111].

Дар ин ҷо калимаи «мо» монандшаванда буда, «кабкони ватан» монандкунада ва «мисли» ёридиҳандаи монандӣ мебошад. Калимаи «минқорзан» ба маънои нӯли мурғону парандагон; минқор задан, нӯл задан омадааст.

Дар рубоиёти шоир низ ташбеҳҳои гунонун дида мешавад, чунончи, дар рубоиёти зерин:

Хайём, баҳори ту гулафшон бошад,
Шеъри тари ту шароби риндон бошад.
То чархи фалак ба коми мо мегардад,
Ҷоми ту ба даври даҳр гардон бошад [48, с. 202].

Шоир дар ин ҷо ташбеҳи пӯшидаро ба кор бурдааст: «шеъри тари ту» ташбеҳшаванда, «шароби риндон» ташбеҳкунанда. Дар ин шеър ёридиҳандаи «мисли» иштирок надорад, аз ин рӯ, ин ташбеҳи пӯшида аст.

Санъати шеърии дигар, ки дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода аз басомади чашмгир бархурдор аст, ташхис мебошад.

Дар шеъри «Хор ва Булбул» шоир аз санъати ташхис ба гунае истифода кардааст, ки растанӣ ва ҷонвар байни худ дар гуфтугӯянд:

Хори чаман ба булбули маҳҷур таъна зад:
«Ту з-ин чаман наӣ, чӣ саройӣ санои гул?
Тавсифи гул раво бувадат, гар ки ҳамчу ман
Умре нишаста будӣ ту ҳам пеши пои гул...»
Булбул бад-он нишот сурудан давом дод,
Фармуд: «Эй ба пои гул, аммо ҷафои гул,
Як аз ҳазор ман насурудам, агар ки ту
Як аз ҳазору як бишиносӣ адои гул» [48, с. 178].

Ин шеърро Рустам Ваҳҳобзода дар пайравии шеъри Касоии Марвазӣ «Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт» ва шеъри Шаҳриёр «Симои шармгини ту дорад сафои гул» навиштааст. Дар ин шеър шоир гуфтугӯ ва як баҳси аҷиби хор ва гулро тасвир намудааст, ки хеле ҳам табиию ҷаззоб баромадааст, ки ин ҳам як намунаи санъати ташхис мебошад.

Санъати бадеии дигар, ки дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода басомади зиёд дорад, талмеҳ мебошад. Дар ашъори шоир ин ороящ адабӣ хеле ҳам фаровон истифода шудааст, ки бесабаб нест. Чунонки борҳо таъкид намудем, шоир аз таърихи гузаштаи халқамон ба хубӣ огоҳ аст ва он ҳама ҳаводиси аз сар гузаронидаи ниёгони куҳанбунёди хешро бо сабки ба худаш хос ба риштаи назм кашидааст. Чунончи, дар шеъри «Ойинаи якрӯӣ» чунин овардааст:

...Ин ҳуққаи руммонӣ он дурҷи маъонӣ нест,
Ин қиссаи Ниле нест
В-он Мӯсии Имронӣ...[48, с. 16].

Ва ё:

Ман он мунтазир Мунтасир аз чи дерам,
Ки рӯзе зи домони покат бигирам,
Ҷаҳоне ба сар гар биборанд тирам,
Туро ҷовидон посдорам, намирам [48, с. 38].

Дар повараки ин саҳифа чунин оварда шудааст: Мунтасир – Охирин намояндаи хонадони Сомониён, ки барои барқарории салтанати Сомониён талош мекард.

Ё худ:

Бинеҳ Юсуф баҳои хеш чандон,
Ки натвонанд ёронат фурӯшанд [48, с. 237].

Дар ин ҷо сухан дар бораи Юсуфи Канъон меравад, ки бо макру ҳасодати бародаронаш ба чоҳ андохта шуд. Молики мисрӣ ӯро аз чоҳ ёфта, дар бозори бардафурӯшон мефурӯшад. Шоир қимати баланд доштани Юсуфро, ки ӯ пайғамбар асту нархи бебеҳоою болоарзише дорад, ба тариқи рамз нигоштааст.

Дар умум, ҳар шеъре, ки дар боло оварда шуд, намунаи олии истифодаи санъати талмеҳ мебошанд. Шоир бо истифода аз асотиру афсонаю фолклор, таърихи гузаштаи тоҷикон, шахсиятҳои таърихӣ, мероси бисёр ғании халқи тоҷик сухан ронда, бо фасоҳату балоғат, маънавият ва эстетикаи баланди шеърӣ дар камоли равонию зебоӣ ва густардагии мабдаи тасвир воқеияти бадеиро ба риштаи назм кашидааст.

Дар шеърҳои Рустам Ваҳҳобзода аз имконоти санъати тазмин низ бо латифию нозукӣ ва зарифию созгории хосса истифода шудааст. Чунонки дар шеъри «Ойинаи якрӯӣ» мушоҳида мешавад:

Аз ҳарзаву беҳуда сад хирману сад туда,

То дона ҷудо созад, ку бозуи деҳқоне [48, с. 16].

Аз тавзеҳи поварақии саҳифа маълум мегардад, ки мисраи дуюм баргирифта аз мазмуни байте аз шоири афғонистонӣ Халилуллоҳ Халилӣ аст. Дар он ҷо чунин оварда шудааст:

«То кунад аз ҳама ҷудо, бозуи деҳқон куҷост»( Халилуллоҳ Халилӣ).

Зимнан, ин ҷо ба амонатнигаҳдории шоир рӯ ба рӯ ҳастем, ки ба ҳақиқати шоирии ӯ гувоҳи дигарест.

Дар байти дигари ҳамин шеър бо тазмини ошкор дучор мешавем, ба ин сурат:

«Чун даври фалак гардон, дар кори ҷаҳон ҳайрон»,

Ду чашми Хуросонанд он ду шаҳи раббонӣ...[48, с. 17].

Аз тавзеҳи поварақии мусанниф маълум мешавад, ки мисраи якум аз Хоқонии Шарвонӣ аст.

Дар «Соқинома» мехонем:

Бидеҳ соқӣ, он оби афшурдаро,

Зи нав зинда кун ин дили мурдаро [48, с. 19].

Дар поварақи саҳифа чунин оварда шудааст, ки ба тавзеҳи зиёдатӣ ниёз нест: «Байт бо андаке тағйир матлаъи «Соқинома»-и Хоҷуи Кирмонист».

Сифатчинӣ. Аз ин санъат дар шеъри «Меҳрнома» чунин истифода шудааст:

Ба ҷуз меҳрат таманное надорам, Тоҷикистонам,

Умедам, орзуям, ифтихорам, Тоҷикистонам [48, с. 110].

Ин ҷо мафҳумҳои меҳрат, таманное, умедам, орзуям, ифтихорам тавсифу тасвири Тоҷикистон мебошанд, ки ба тарзи сифатчинӣ ба ҳам омадаанд.

Таззод ва муқобала. Аз ин санъати бадеӣ дар фардбайтҳо бештар истифода шудааст, ба мисли намунаҳои зерин:

Чу кӯҳе бош, агар истода бошӣ,

Чу дарё бош, агар уфтода бошӣ.

Бимон то ман ба ханда зарқ бозам,

Агар гирям, ҷаҳонро ғарқ созам [48, с. 230].

Санъати лаффу нашр. Аз ин орояи адабӣ дар шеъри «Шамшер» чунин истифода шудааст:

Якрӯву якзабону покизаҷавҳарам,

Бебаҳсу бебаҳона басе парда медарам [48, с. 125].

Таҷоҳули ориф. Аз ин санъати бадеӣ дар шеъри «Фидои кӣ бошам?» чунин корбурд ба амал омадааст:

Ман омоҷи тири дуъои кӣ бошам?

Ба чанги бало аз балои кӣ бошам? [48, с. 118].

Тааҷҷуб. Истифодаи ин санъати бадеӣ дар шеъри «Беди сафудмун» қобили ташхис аст:

Беди Сафедмуни ман ҳол ту истодаӣ?

Пир нагаштаӣ ту в-аз пос науфтодаӣ? [48, с. 127].

Дар поварақи саҳифа чунин оварда шудааст: Номи хоси дарахти таърихӣ ва номи мавзеъҳои маълум дар зодгоҳи муаллиф ба кор рафта, ки аслаш Сипандмун будааст.

Албатта, баррасии чигунагии истифодаи санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти шоир доманаи васеъ дошта, таҳқиқи алоҳидаи густардатарро талаб мекунад. Мо дар ин ҷо ҳамчун гузориши масъала бо зикри якчанд намуна кифоят мекунем.

Дар фардбайтҳои шоир бештар бо истифодаи санъати таҷнис вомехӯрем, ки чанде аз онҳоро ба таври намуна меорем:

Дар ғарибӣ бишканад дил, ёди Меҳан мӯмиёст,

Дар Ватан гар бишканад дил, дард дарди бедавост [70, с . 57].

Дар ин байт калимаи «бишканад дил» аввал ҳамчун санъати такрор дар мобайни мисраи аввал ва мобайни мисраи дувум омада, баъд дар охири мисраи дувум «дард» такрори таркибӣ шуда омадааст.

Сохтори ҳунарибунёди санъат ҳам дар абёти ҷудогонаи шоир ба назар мерасад, ба мисли ин байт:

Амонӣ, амонӣ, амонӣ, амонӣ,

Беҳин неъмате, ки ту қадраш надонӣ [70, с. 93].

Дар мисраи якуми ин байт санъати такрори паҳлӯӣ омадааст. Дар ин ҷо амонӣ ба маънои оромию тинҷӣ, сулҳу осоиштагӣ омадааст, ки амонию арзонӣ, серию пурӣ аст.

Дар байтҳои баъдӣ санъати бадеии тазоду муқобила истифода шудааст:
Дар байти зерин калимаи «душманӣ» бо калимаи «дӯстӣ» муқобил гузошта шуда, душманӣ хусумат доштан бо касе, ҳисси бадбинию бадхоҳӣ ва дӯстӣ ба маънои наздикӣ, рафоқати самимию ҷӯрагӣ ва дӯстӣ доштан бо касе омадааст:

Душманӣ хоҳӣ, баҳона бешумор аст,

Дӯстӣ хоҳӣ, раҳи Парвардигор аст [70, с. 88].

Дар байти зерин ҳам санъати бадеии мазкур истифода шудааст:

Туро аз шоирӣ сад фахру ноз аст,

Маро ранҷу ғаму сӯзу гудоз аст [70, с. 91].

Калимаи «туро» бо «маро», «сад фахру ноз» бо «ғаму сӯзу гудоз» муқобила шуда омада, фахру ноз ба маънои ифтихору ғурур ва ғаму сӯзу гудоз ба маънои андӯҳгин, фикру хаёл, маҷозан дарду алам, ғусса ва машаққату азоб аст.

Дар байти зерин шоир «санги кӯҳсор»-ро ба маънои «ойинаи Ҷоми Ҷам», яъне ойинаи ҷаҳоннамо ташбеҳ додааст, ки ин ҷо ҳам санъати ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ ва ҳам истиора ва ҳам санъати муболиға омадааст.

Зи санги кӯҳсор ойинае дорем меҳройин,

Ки дар ин Ҷоми Ҷам аҳли ҷаҳон дидор мебинад [70, с. 88].

Санъати бадеии дигар, ки шоир ба он таваҷҷуҳ кардааст, суолу ҷавоб мебошад, ба мисли намунаи зерин:

Хоҷаё, санги нигинат магар аз гурдаи кист?

Наъли пушти дарат аз сумби хари мурдаи кист? [70, с. 87].

Дар ин байт санъати суолу ҷавоб ва таҷоҳули ориф ба ҳам омадаанд:

Чанд ҷӯйӣ ту маънии тоҷик,

Маъние беҳ зи худ куҷо ёбӣ? [70, с. 89].

Дар байти зерин санъати суолу ҷавоб ва санъати тааҷҷуб якҷоя омадаанд:

Шеъри бе нақд насяро монад,

Насяро кист нақд мехонад? [70, с. 89].

Санъатҳои бадеӣ дар шеър вазифаҳои гуногунро ба уҳда доранд, ки дар раъси онҳо низоми образнокии каломи манзум қарор мегирад. Дигар ин, ки онҳо дар офариниши шеър, пеш аз ҳама, ҳусну зебоӣ ва шеърияти онро таъмин менамоянд. Истифода аз санъатҳои бадеӣ бояд мувофиқи меъёри муайян ва дар ҳадди эътидол сурат бигирад. Масалан, чунонки Абдунабӣ Сатторов оид ба ин масъала овардааст, «Ҷомӣ шеърро ба рӯи маъшуқа ва санъатҳои онро ба холи он ташбеҳ додааст ва қайд мекунад, ки монанди он ки холи зиёдатӣ рӯи маъшуқаро рӯ ба табоҳӣ мекашад, сӯйистеъмол кардани санъатҳои бадеӣ ҳам шеърро паст мекунад...» [139, с. 68].

Аммо дар мисоли эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода бояд гуфт, ки корбурди санъатҳои бадеӣ, офариниши тасвир дар эҷодиёти шоир бамавқеъ ва дар ҳадди эътидол буда, чигунагии он ба ҳунару истеъдоди фитрӣ, фасоҳату маънавиёти бадеӣ, маҳорати фавқулода ва беназир доштани шоир гувоҳӣ медиҳад. Шоир аз санъатҳои бадеӣ хеле нозукона ва мӯшикофона истифода бурдааст. Дар натиҷа ба забони гӯё баён месозад.

Ин шоири нуктасанҷ дар ашъори худ бо фароҳам овардани фалсафаи ахлоқ, услуби баён, алфози хушу равон, возеҳу ошкор бо фикрҳои хос ва волою тоза шоҳкории бузурге дар ҳусни калом намудааст. Ҳар як инсон ё мавҷудоту ашёе, ки дар олами ҳастӣ арзи вуҷуд дораду мавзуи эҷодиёти шоир мегардад, ӯ онҳоро бо нигоҳу диди хосси худ, тафаккури фитрӣ ва хаёлоти рангину нотакрори хеш ба риштаи назм кашидааст.

Мақсад аз тасвиркориҳои нотакрори шоир кушодани умқи маънои аслии ашё ва баёни розу асрори ашёи зери назар гирифтааш мебошад. Ӯ дар кашфи чунин асрор аз ақлу эҳсос ва дарки маънои он истифода мебарад. Ин аст, ки дар шеъри ӯ маъно ва маънавиёт аз ҳама боло меистад ва дар натиҷа, шеърҳои басе баландмазмуну мондагор ба вуҷуд меоянд.

# ХУЛОСА

Шеъри муосири тоҷикро шоирони номдоре муаррифӣ мекунанд, ки бо офаридани ашъори мондагор дар ҳавзаи адабии кишвар ва хориҷ аз он, дар миёни форсизабонони ҷаҳон ҳамчун шоири соҳиби сухан ва андешаи мустақил шинохта шудаанд. Дар миёни чунин шоирон яке аз чеҳраҳои дурахшонтарин Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Рустам Ваҳҳобзода шоирест, ки тақдири хешро бо тақдири таърихии Ватан бахшида, дар ситоиши дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол шеърҳо суруда, оид ба раванди адабии муосири тоҷик ҳам аз роҳи шеър ва ҳам аз тариқи нигоштани наср андешаҳои созандаи худро ироа кардааст. Аз ин рӯ, дар диссертатсия ба таҳқиқи рӯзгору осор ва ҷанбаи иҷтимоии ашъори Рустам Ваҳҳобзода таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ҷараёни омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои мавриди назар ба натиҷагириҳои зайл расидаем:

1. Рустам Ваҳҳобзода дар ҳавзаи адабии муосири тоҷик ҳамчун шоири боистеъдоду андешапарвар, адабиётшинос ва пажӯҳишгари нуктадон шинохта шудааст. Ба ҳунари шоирӣ ва пажӯҳандагии ӯ шоирону адибон ва адабиётшиносон ҳам баҳои арзанда додаанд, вале ашъори Рустам Ваҳҳобзода то кунун мавриди таҳлилу омӯзиши васеи монографӣ қарор нагирифта буд [5-М].

2. Рустам Ваҳҳобзода ба арсаи адабиёт бо азму иродаи қавӣ, бо як меҳру муҳаббати бепоён ба адабиёту эҷод ва ба сабку услуби ба худ хос ворид гардидааст. Ӯ сухани хосси худ, афкору андешаи тозаи худро дорад ва аз оғоз бо шеърҳои нобу тоза ва тозагуфторию тозагӯӣ шурӯъ намуда, аз суханҳои обшустаю умумӣ дар канор буд. То имрӯз шоир ба ҳамин идеали худ устувор мондааст [2-М; 7-М].

3. Рустам Ваҳҳобзода дар ҳама жанрҳои шеърӣ, аз ҷумла манзума, шеъри нав: чаҳорпора, шеъри нави озод ё сапед, жанрҳои суннатӣ: ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, ва фардбайт табъозмоӣ намуда, дар гуфтани ҳамаи навъҳои шеърӣ муваффақ гардидааст [2-М; 3-М; 6-М].

4. Рустам Ваҳҳобзода яке аз мубтакирони эҳёи осори гаронмояи шеърҳои суннатии тоҷик ва шеъри нав (сафед, озод) буда, ҳамчун шоири навовару

навпардоз дар таҳкими густариши адабиёти навин ва рушди ғояҳои инсонпарваронаи халқи тоҷик саҳми мондагор дорад. Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоири ватандӯсту ватансаро, ваҳдатгарою тараннумгари муқаддасоти миллӣ ва фарзанди асили ватани хеш буда, ғояҳои инсонпарваронаи хешро дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии мубрами рӯз ва ҳаётан муҳими халқи тоҷик равона гардонидааст [1-М].

5. Шоирони тоҷик маъмулан асарҳои худро дар гузашта бо вазнҳои ҳиҷову арӯз менавиштанд, ки дар адабиёти муосир ин равиши эҷодӣ бо унвони шеърҳои суннатӣ ёд мешавад. Шурӯъ аз оғози асри бистум ва ба таври фарогир дар нимаи дуюми асри гузашта ба баъд дар сохтори шеъри суннатӣ қолабшиканиҳо ба вуқӯъ омад, ки дар ду равиши эҷодӣ хулоса мешавад: шеъри нав ва шеъри сафед. Аз ҷумлаи шоирони навпардоз дар ҳар ду равиши мазкур Рустам Ваҳҳобзода мебошад, ки дар сохтмони шеъри нав такя ба таҷрибаи шоирони ғарбию эронӣ намуда, аз назари муҳтаво ва тарзи баён шеъри тоҷикиро ғано бахшидааст. Шеъри нав дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода ҷойгоҳи махсуси худро дошта, шоир дар ин навъи шеърӣ асарҳои пурарзишу хотирмоне эҷод намудааст [2-М].

6. Аз таҳқиқ ва натиҷагириҳои мо маълум мешавад, ки дар маҷмуаи «Салом»-и Рустам Ваҳҳобзода 26 шеъри навъи «шеъри нав» ва дар маҷмуаи «Шаҳри Хуршед» 5 «шеъри нав» гирдоварӣ шудааст. Нахустин шеъри сафеди шоир дар дафтари «Калимаҳо» дучор мешавад, ки он дар маҷмуаи муштараки «Навқалам» соли 1990 ба табъ расида буд. Дар маҷмуаи «Салом» 6 шеъри навъи «шеъри сафед» рӯи чоп омадааст [2-М; 3-М].

7. Рустам Ваҳҳобзода аз шоирони эътирофшудаи муосири тоҷик аст, ки шеърҳои баландмазмуни ӯ, пеш аз ҳама, андешамандона бори маънӣ мекашанд. Мероси бою арзишмандонаи устодони каломи бадеи гузаштагонамон ба эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода таъсири равшану амиқ ва пурсамар кардааст. Аз ашъори пурғановати ӯ накҳати шеъри форсии тоҷикӣ, суханони ҳакимона, мифу асотир, афсонаю ривоят, панду андарз ва зарбулмасалҳои шуҳрати ҷаҳонидоштаи саромадону бузургон ва алломаҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва шуарои адабиёти ҷаҳон ба машом мерасад [4-М].

8. Афкори адабию эстетикии шоир дар хилоли шеърҳояш бо тарзу равишҳои гуногун баён гардида, чун шоири муваффақ ва чун донишманду муҳаққиқ, бо завқу салиқаи хосси маърифати эҷоди адабӣ ва фаҳмишу ҷаҳонбиниаш нисбат ба шеъру шоирӣ такя мекунад. Афкору андешаи пурҳикмати Рустам Ваҳобзода нисбат ба шеъри мондагор ва масъулияти шоирӣ манбаи файёзеро мемонад, ки аз назари буъди назарӣ ба суннати шеъру шоирӣ назди бузургони адабиёти асримиёнагии тоҷик такя зада, аз ҷиҳати буъди таҷрибӣ аз қаъри кухҳои пурганҷи ниёгони шоир обишхӯр пайдо кардааст [6-М; 7-М].

9. Шеъри Рустам Ваҳҳобзода аз нигоҳи мазмуну мундариҷа доманаи фарох дошта, фарогири мазмунҳои алоқаманд ба мавзуъҳои ватану ватандорӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҳувияту худшиносӣ, васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ, тасвири табиат, васфи инсони худогоҳ мебошад. Муҳимтарин вижагии мазмунофарии шоир дар он зоҳир мегардад, ки вай баъди тарҳи паёмҳои асосӣ ба ҷамъбасти андешаҳои ноб ва хулосаҳои ҷолиб мерасад [1-М; 3-М].

10. Дар шеърҳои шоир, махсусан, ангезишҳои ватандӯстонаи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ нақши хотирмоне дорад, зеро мазмуну мундариҷаи шеърҳои дар васфи сулҳу ваҳдат ва Истиқлол сурудаи ӯ наву тоза буда, чунин шеърҳо боиси дастовардҳои нави шоирӣ гардиданд. Дарду андешаю афкори ӯ аз олами ҳастӣ, аз зиндагӣ дар шеърҳои ӯ таҷассум ёфта, дар қолаби сухани шоирона, бо шеър иншо мешавад [1-М; 5-М].

11. Мавзуи Ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода яке аз мавзуъҳои марказӣ буда, шоир ба ин мавзуъ аз оғози фаъолияти шоириаш машғул гардида, дар давраҳои баъдӣ ва то кунун ситоиши Ватанро бо тарзу воситаҳои гуногун идома дода истодааст. Шеърҳои ватандӯстонаи шоир, бидуни истисно, хеле пурҳарорату самимӣ ва огоҳона аз тақдири таърихӣ ва дастовардҳои навини Тоҷикистон офарида шудаанд. Сар то сари эҷодиёти шоир саршор аз меҳри Ватан, ифтихор ва сидқу вафо нисбат ба Ватани маҳбуб аст. Ӯ бо сабку услуби ба худ хос дар ин мавзуъ мактаби эҷодии худро дорад. Ватан – Тоҷикистон барои шоир ҳама чиз аст ва болотар аз ҳама ҳастӣ, ҳатто аз худи шоир ҳам, ки ӯ фидоии Ватан будани худро холисона возеҳу равшан ва хеле ҳассос нишон додааст. Ба як сухан,

Ватан барои шоир волотарин гавҳари ҳастӣ, номуси инсонӣ, виҷдону имон маҳсуб меёбад. Дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода дар радифи Модар ва Ватан мафҳумҳои Ваҳдат ва Истиқлолият низ ҷузъи муҳимми арзишҳои муқаддаси миллӣ ҳастанд. Ваҳдат ва Истиқлол барин мафҳумҳои хушсадо дар қалбу рӯҳи ҳар як фарди ҷомеа муқаддасу азиз буда, яке аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёти ҳар як давру замон маҳсуб меёбанд. Ҳар як инсони бохираду хушқалб ва соҳиби ҳувияти баланди хештаншиносию миллидошта ин арзишҳои муқаддасу арзандаро, ки шоистаи ҳама суханҳои воло ҳастанд, дар дилу дидаи хеш маҳфуз медорад [1-М; 7-М].

12. Шоир барои муайян кардани ҷузъиёти баъзе ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ аз нақлу ривоятҳои мардумӣ низ истифода бурдааст. Бо шеъри шоир андеша нав мегардад, дар асл шеърҳои ӯ ба ҳикамию шикебоӣ ва наву ботароват чун тозабаҳор андешаро нав месозад. Шеъри ӯ роҳнамоест дар шинохти чеҳраҳо, инсонҳо ва хулқу атвори онҳо. Шоир, пеш аз ҳама ба ҷойгоҳи муқаддаму муқаддаси инсон дар ҳастӣ ишора дорад, ки лоиқи ситоиш ва хонишу омӯзиш аст. Шеъри ӯ маънои воло ва наву тоза дошта, ба дарди ҷомеаи муосир бармехураду дар дилу андешаи хонандааш маъво гирифтааст [4-М].

13. Таҳлилу таҳқиқи ашъори Рустам Ваҳҳобзода диди эстетикӣ, навгӯию навпардозиҳо, услуби бадеӣ ва маҳорати махсуси нигорандагии адибро ошкор сохта, ҷойгоҳи лирикаи суханварро дар назми давраи нави тоҷик муайян мекунад. Шоир бо ҳофизаи таърихии худ ифтихор ва васф аз гузаштагони паҳлавону диловар, фидокору шуҳратёри халқи тоҷик мекунад ва барои ифодаи чунин ғояҳои мавриди назари худ аз роҳу воситаҳои зиёд истифода мекунад, ки яке аз онҳо таваҷҷуҳ ба таърихи устураии миллат мебошад [3-М; 4-М].

14. Байту шеърҳои ҷаззобу ҳакимона бо тахайюлоту андешаҳои орифона дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода ба таври фаровон ифода ёфтааст. Дар повароқи қариб ҳар як саҳифаи китоб шеърҳои овардашуда шарҳу эзоҳ дода шудаанд, ки ин ҳам аз дониши васеъю луғатдонӣ ва таърихдонии шоир гувоҳӣ медиҳад [1-М; 7-М].

15. Шеърҳои Рустам Ваҳҳобзода аз ҷанбаи ғиноӣ ва лаҳни мусиқии махсусе бархурдор буда, кайҳост, тавассути садову симо ва дигар шабакҳои иҷтимоӣ ба

дили дӯстдорони шеъри ноби тоҷикӣ роҳ ёфтааст. Шоир бо истеъдоди фитрии худодод, табъи шоирии воло ва андешаю тафаккури зеҳнию донишманди амиқназар буданаш маҳбуби аҳли адаб, алоқамандони эҷод ва хонандагони ашъорашу шогирдонаш гардидааст [1-М; 6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиҳоии суратгирифта маълум мешавад, ки оид ба шеъри Рустам Ваҳҳобзода то кунун дар шаклҳои гуногун ҷусторҳо сурат гирифта бошанд ҳам, аммо то ба ҳол таҳқиқи монографӣ ба вуҷуд наомадааст. Доираи эҷодиёти шоир фароху доманадор буда, метавон перомуни ашъори шоир чандин таҳқиқи монографӣ анҷом дод. Мо дар ин ҷода яке аз аввалинҳо шуда, тасмим гирифтем, ки лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзодаро аз назари ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ таҳқиқ кунем. Дар баробари ин, дастовардҳои илмӣ, хулоса, дурнамои мавзуъ ва истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро ба тариқи зайл матраҳ намудан мумкин аст:

- диссертатсияи мо дар омӯзишӯ таҳқиқи шеъри муосири тоҷик ва давраи Истиқлол, рӯзгору осор ва ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори Рустам Ваҳҳобзода мусоидат менамояд;

- мо дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодаамон муайян ва мушаххас намудем, ки дар ашъори шоир масъалаҳои иҷтимоӣ ба таври барҷаста таҷассум ёфта, завқи баланди эстетикӣ, ҳунари шоирӣ ва сабку услуби бадеӣ ба таври намоён зоҳир мегардад. Бо овардани андешаҳои судманди адибону таҳқиқгарони шеъри пурмазмуни Рустам Ваҳҳобзода ва бо натиҷагириҳои муътамади мавзуи мавриди назар мо исбот намудем, ки Рустам Ваҳҳобзода аз оғози фаъолияташ, аз чопи шеърҳои нахустинаш ҳамчун як шоири меҳанпарасту ваҳдатсаро ва вассофи сулҳу дӯстӣ шинохта шуда, дар ин роҳ ҳамчун шоири тавоно ба камол расида, мактаби эҷодии худро дорад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи мавриди назар ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгори осор ва ҷанбаҳои ҳунарии шоирони дигар, аз ҷумла Фарзона, Камол Насрулло, Низом Қосим, Озарахш, Озар, Хайрандеш ва дигарон ёрӣ расонида метавонад;

- ашъори Рустам Ваҳҳобзода асосан дар маҷмуаҳои гуногунҳаҷм ва шабакаҳои иҷтимоӣ интишор гардида, илова бар ин, осори мансур ва таълифоти илмию назарӣ дар шакли маҷмуъ гирдоварӣ ва фароҳам наомадаанд. Аз ин рӯ,

зарурати омода сохтани «Куллиёт»-и адиб ва манзури хонанда намудани он пеш омадааст;

- Рустам Ваҳҳобзода афкори адабӣ-танқидии омӯзанда дошта, ҳамчунин дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ ва Имлои забони тоҷикӣ саҳми назаррас дошта, дар шабакаҳои иҷтимоӣ сомондиҳандаи саҳифаи «Дуруст бинависем» аст. Зарур аст, ки маводи ин саҳифа ва андешаҳои Рустам Ваҳҳобзода оид ба шакли дурусти навишти калимаю ибора ва таъбирҳои тоҷикӣ ба доираи васеи хонандагон муаррифӣ ва манзур гардад;

- маводи дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти муосир тоҷик ва давраи Истиқлол, курс ва семинарҳои тахассусии факултетҳои филология, шарқшиносӣ ва рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

- мероси бою арзишманди устодони каломи бадеии гузаштагонамон ба эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода таъсири равшану амиқ ва пурсамар кардааст. Дар ашъори ӯ суханони ҳакимона, мифу асотир, афсонаю ривоят, панду андарз ва таъсирпазирӣ аз зарбулмасалҳои саромадону бузургон ва алломаҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти ҷаҳон ба мушоҳида расида, ин бахши эҷодиёти адибро дар соатҳои тарбиявӣ, таълими фанҳои адабиёти тоҷик, маърифати оиладорӣ, этикаи касбӣ ва дигар самтҳои фаъолияти тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, умумӣ, ва олии касбӣ метавон фаровон истифода бурд.

- дар умум, Рустам Ваҳҳобзода дар ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии замони Истиқлол саҳми назаррас дошта, таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори ӯ ибтидои пажӯҳишҳои вижаи илмӣ дар ин самт аст. Таҳқиқи густарда ва фарогири ашъори Рустам Ваҳҳобзода ва бахшҳои дигари фаъолияти эҷодии ӯ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии моро собит менамояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Абдулло, Ҷ. Лозур – мавҷуде саршор аз меҳру муҳаббат / Ҷ. Абдулло // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 6 сентябр. – №36 (1955). – С. 4-5.
2. Абдуллоев, Ш. Муқаддимаи исломшиносӣ / Ш. Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 133 с.
3. Абдуллоев, Ш. Муқаддимаи фалсафа / Ш. Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 261 с.
4. Абдусаттор, А. Андешаҳо перомуни жанри рубоӣ ва дубайтӣ / А. Абдусаттор. – Душанбе: Адаб, 1993. – № 9-10. – С. 10.
5. Абдусаттор, А. Эҳёи суннати куҳани шеъри Аҷам / А. Абдусаттор // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 3 апрел. – №14 (1725). – С. 11.
6. Абдуманнон, А. Пасту баланди шеъри сол / А. Абдуманнон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 8 феврал. – №6 (1925). – С. 7.
7. Адибони Тоҷикистон (80). – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
8. Акбарзод, М. Вазъи нақди имрӯз / М. Акбарзод // Садои Шарқ. – 2014. – №2. – С. 134.
9. Акбарзода, Ю. Дурахши фарҳанги миллӣ / Ю. Акбарзод // Садои Шарқ. – 2014. – №2. – С. 135-145.
10. Амонов, Р. Лирикаи халқии тоҷик / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 411 с.
11. Анварӣ, С. Дурустнависӣ ҳунар аст / С. Анварӣ // Маорифи Тоҷикистон. – 2016. – №4. – С. 62-63.
12. Ансорӣ, Х. А. Табақот-ус-суфия / Х. А. Ансорӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 435 с.
13. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
14. Асрорӣ, В. Адабиёт ва фолклор / В. Асрорӣ. – Душанбе: Дониш, 1967.– 176 с.
15. Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.
16. Асрорӣ, В. Фолклор, халқият, нависанда / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 174 с.

17. Аҷамӣ, М. Сухан покист, танҳо он бимонад / М. Аҷамӣ //Садои Шарқ. – 2014. – №2. – С. 133.
18. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусийлистӣ, 1926. – 626 с.
19. Балхӣ, М. Ҷ. Маснавии маънавӣ. Дафтари севум ва чорум / М. Ҷ. Балхӣ. – Душанбе: Адиб, 2013. – 480 с.
20. Баёнӣ, В. Нақд бояд созанда бошад ( Суҳбати журналист Валиҷон Баёнӣ бо шоир ва адабиётшинос Рустами Ваҳҳоб) / Баёнӣ. В // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – 23 октябр. – № 43 (9365). – С. 6.
21. Бекзода, К. Шахсияти фалсафии Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аз нигоҳе дигар/ К. Бекзода // Илм ва ҷомеа. – 2018. – № 3 (11). – С. 38-42.
22. Белинский, В. Г. Избранные сочинения / В. Г. Белинский. – М.: Госполитиздат., 1948. – Х11, 671 с.
23. Бертельс, Е. Э. История персидского-таджикской литературы / Е. Э. Бертельс . Избранные труды. – М.: Изд-во вост. лит-ры, 1960. – 556 с.
24. Бертельс, Е. Э. Избранные труды. Том 3. Суфизм и суфийская литература. (Сост. М.Н. О. Османов). – М.: Наука, 1965.– 524 с.
25. Библия. Книга священного писания ветхого и нового завета.– М.: Российское библийское общество, 2013. – 1338 с.
26. Буало, Н. Поэтическое искусство. – М.: ГИХЛ., 1957. – 332 с.
27. Бухорӣ, О. Шеър пайки огаҳист / О. Бухорӣ // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 4 июн. – №23 (1474). – С. 4.
28. Ваҳҳобов, Р. Рубоиҳо / Р. Ваҳҳобзода // Комсомоли Тоҷикистон. –1982. – 29 август. – №103 (7043). – С. 3.
29. Ваҳҳобов, Р. Шеърҳо / Р. Ваҳҳобов // Ба қуллаҳои дониш. – 1983. – 4 декабр – №11 (833). – С. 3.
30. Ваҳҳоб, Р. Суруди иттиҳод. Ба падарам / Р. Ваҳҳоб // Комсомоли Тоҷикистон. – 1983. – 14 декабр. – №149 (7245). – С. 4.
31. Ваҳҳобов, Р. Нони Тарас / Р. Ваҳҳобзода // Тоҷикистони советӣ. –1984. –19 март. – № 60 (17. 361). – С. 4.

32. Ваҳҳобов, Р. Нагӯяд парӣ ҷӯз ба лафзи дарӣ / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 31 август. – №35 (612). – С. 4.
33. Ваҳҳоб, Р. Назм / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. –1989. – 3 август. – № 31. – С. 7.
34. Ваҳҳобиён, Р. Калимаҳо / Р. Ваҳҳобиён ва дигарон. Навқадам (маҷмӯаи ашъор). – Душанбе: Адиб, 1990. – 416 с.
35. Ваҳҳоб, Р. Падари шеъри нав кист? / Р . Ваҳҳоб // Миллат. – 2007. – 1 март. – №9 (78). – С. 10.
36. Ваҳҳоб, Р. Шаҳри хуршед / Р. Ваҳҳоб : муҳаррир ва муаллифи сарсухан Гулрухсор. – Душанбе: Фарҳангистони байналмилалии Шеъри Ҷаҳон, 2008. – 167 с.
37. Ваҳҳоб, Р. Фарҳанги миллӣ ва рисолати рушанфикр / Р. Ваҳҳоб // Миллат. – 2007. – 29 март. – № 13 (82). – С. 9.
38. Ваҳҳоб, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 23 июл. – №30 (1481). – С. 8.
39. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2009. – 200 с.
40. Ваҳҳоб, Р. Ӯ нуқтаи авҷро устувор сохт / Р. Ваҳҳоб // Ҷумҳурият, 2010. – 16 сентябр. – №115 (21776). – С. 3.
41. Ваҳҳоб, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳоб // Садои Шарқ. – 2010. – №1. – С. 62-66.
42. Ваҳҳобзода, Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ / Р. Ваҳҳобзода . – Душанбе: Адиб, 2011. – 220 с.
43. Ваҳҳоб, Р. Ваҳдат шарти ҳувият ва худшиносист / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 19 июл. – №23 (1736). – С. 3.
44. Ваҳҳобзода, Р. Наврӯз / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 20 март. – № 12, 13 (1724). – С. 5.
45. Ваҳҳобзода, Р. Фарҳанги миллӣ меҳвари истиқлол аст / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 4 сентябр. – № 36 (1747). – С. 10.
46. Ваҳҳоб, Р. Ғалат нанависем / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 10 апрел. – № 15 (1726). – С. 11.

47. Ваҳҳоб, Р. Адабиёт ва омӯзиш / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 26 июн. – №26 (1789). – С. 9.
48. Ваҳҳоб, Р. Салом / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.
49. Ваҳҳоб, Р. Дуруст гӯему дуруст бинависем / Р. Ваҳҳоб. Садои шарқ. –2015. – № 1. – С. 42-44.
50. Ваҳҳобзода, Р. Маҳди шеъру шуур / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 14 апрел. – №15 (1830). – С. 6.
51. Ваҳҳобзода. Р. Аҳаммияти миллӣ ва ҷаҳонии осори устод Мирзо Турсунзода / Р. Ваҳҳобзода. – Адабиёт ва санъат. – 2016. – 5 май. – №18 (1833). – С. 10.
52. Ваҳҳоб, Р. Салом ҳуҷҷати инсонии ман / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 2016. – №26(1841). – С. 8.
53. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 188 с.
54. Ваҳҳобзода, Р. Адабиёти ваҳдатофарин / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 22 июл. – № 25 (1892). – С. 2-3.
55. Ваҳҳобзода, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 27 июн. – № 26 (1945). – С. 6-7.
56. Ваҳҳобзода, Р. Аз оташи Сада то фурӯғи Наврӯз ва Меҳргон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 8 феврал. – №6 (1925). – С. 4.
57. Ваҳҳобзода, Р. “Марши ҳуррият” (100-солагии “Марши ҳуррият”). Шафақи субҳи шеъри нави тоҷик / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. –2018. – 5 апрел. – №14 (1933). – С. 3-4.
58. Ваҳҳобзода, Р. Дар бораи ҳунар (Ба муносибати 190-солагии Л. Н. Толстой) / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. –20 сентябр. – № 38 (1957). – С. 16.
59. Ваҳҳобзода, Р. Ҳуввияти адабӣ дар осори Мӯъмин Қаноат / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 24 май. – №21 ( 1940). – С. 5.
60. Ваҳҳобзода. Р. Хуршеди истиқлол / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 5 сентябр. – № 36 (2007). – С. 6.
61. Ваҳҳобзода, Р. Бӯйи шеъри Рӯдакӣ / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 15 август. – №33 (2004). – С. 3.

62. Ваҳҳобзода, Р. Фарҳанги истиқлол / Р. Ваҳҳобзода // Садои Шарқ. – 2019. – №9. – С. 3-4.
63. Ваҳҳобзода, Р. Сурати хаёли ҷаҳон / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат, 2019. – 25 июл. – № 30 (2001). – С. 10.
64. Ваҳҳобзода, Р. Чанд байт аз ҳазорбайт / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 17 декабр. – № 51 (2074). – С. 8.
65. Ваҳҳобзода, Р. Ман аз умед мегӯям / Р. Ваҳҳобзода // Ҷумҳурият. – 2020. – 19 май. – № 95 (23950). – С. 3.
66. Ваҳҳобзода, Р. Меҳвари замин / Р Ваҳҳобзода // Садои Шарқ. – 2020. – № 5. – С. 32.
67. Ваҳҳобзода, Р. Табибон (Суруд) / Р. Ваҳҳобзода // Ҷумҳурият. – 2020. – 18 май. – № 94 ( 23949). – С. 2.
68. Ваҳҳобзода, Р. Назм / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 25 июн. – №26 (2049). – С. 8.
69. Ваҳҳобзода, Р. Қасам / Р. Ваҳҳобзода // Садои Шарқ. – 2020. – №11. – С. 13-14.
70. Ваҳҳобзода, Р. Ҳазор байт (муфрадоти бадеҳа) / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2020. – 160 с.
71. Ваҳҳобзода, Р. Суруди парчам / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. –2020. – 19 ноябр. – №47 (2070). – С. 1.
72. Ваҳҳобзода, Р. Гуфтори мурғон ё “Мантиқ-ут-тайр”-и тифлон / Р. Ваҳҳобзода // Пайрав. – 2020. – 15 июн. – №11(107). – С. 4-5.
73. Ваҳҳобзода, Р. Гуфтори мурғон ё “Мантиқ-ут-тайр”-и тифлон / Р. Ваҳҳобзода // Пайрав. – 2020. – 30 июн. – №12(108). – С. 4-5.
74. Ваҳҳобзода, Р. Гуфтори мурғон ё “Мантиқ-ут-тайр”-и тифлон / Р. Ваҳҳобзода // Пайрав. – 2020. – 15 июл. – №13(109). – С. 4-5.
75. Гоголь, Н. Собрание сочинений, т. 6. [Арабески. Статьи 1829-1839). Выбранные места из переписки с друзьями] / Н. Гоголь. М.: Гослитиздат., 1937. – 502 с.
76. Ғазалҳо (Муаллифи сарсухан Маҳмуд Давлатов). – Душанбе: Ирфон, 1986. – 222 саҳ.

77. Давронов, С. Насими рӯҳбахш / С. Давронов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 252-262.
78. Додбиҳ, А. Фирдавсӣ ва ҳуввияти миллӣ / А. Додбиҳ // Имрӯз нюс. – 2016. – 28 октябр. – № 130 (1327). – С. 5.
79. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ . – Душанбе: Ирфон, 1979. – 327 с.
80. Имомзода, М. С. Тараннуми садоқат ва муҳаббат / М. С. Имомзода. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 244 с.
81. Имомзода, М. Ном ва ҳуввияти миллӣ / М. Имомзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 10 май. – №19 ( 1938). – С. 4.
82. Имомзода, М. Садриддин Айнӣ ва худшиносии миллӣ / М. Имомзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 7 июн. – №23 (1942). – С. 3.
83. Имомзода, М., Раҳмонзода, А., Зайниддинов, М., Песнь единства / М.Имомзода, А. Раҳмонзода, М. Зайниддинов. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 100 с.
84. Исрофилниё, Ш. Муруре ба андешаҳои ирфонии Носири Бухороӣ / Ш. Исрофилниё // Дин ва ҷомеа. – 2017. – № 10 (43). – С. 39-40.
85. Кароматуллоева, Н. Дубайтӣ / Н. Кароматуллоева // Энтсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Сарредактсияи илмии энциклопедияи Советии тоҷик, 1988. – С. 424- 425.
86. Кароматуллоева, Н. Мавқеи дубайтӣ дар адабиёти тоҷик / Н.Кароматуллоева. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 50 саҳ.
87. Келдӣ, Г. Лоиқе чун Лоиқе / Г. Келдӣ. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 104 саҳ.
88. Қуръони карим бо тарҷума ва эзоҳот ба забони тоҷикӣ. Мутарҷим: Алҳоҷ Амир Аббос Бобоназарзода / Исломобод Покистон: Академияи Даъвати Донишгоҳи байналмилалии Исломии Исломобод. – 2002. – 1478 с.
89. Кулиев, К. Поет всегда с людми / К. Кулиев. – М: Сов. писатель,1986. –188 с.
90. Қазва, А. Хуршедҳои гумшуда (Осори сад шоири тоҷик аз сад соли ахир) / А. Қазва. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарии созмони таблиғоти исломӣ, 1376 ҳиҷрии шамсӣ. – 320 с.
91. Қосим, Н. Бозгашти шоир / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 12 март. – №10 (184). – С. 14.

92. Қосим, Н. Шеъри фард / Н. Қосим. – Адабиёт ва санъат, 2020. – 3 декабр. – №49 (2072). – С. 3.
93. Лоҳутӣ, А. Шеърҳо ва достонҳо / А. Лоҳутӣ : иборат аз ду китоб ; китоби 2. – Душанбе: Адиб, 1987. – 447 с.
94. Луқмон, Т. Наврӯз рӯзи хилқати инсон аст / Т. Луқмон // Минбари халқ. – 2013. – 20 март. – № 12 (887). – С. 10.
95. Луқмон, Т. Кӯҳест, ки чашмасор дар дил дорад / Т. Луқмон // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 14 май. – №20 (2043). – С. 7.
96. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино. – 212 с.
97. Миралиева, С. Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. –2020. – С. 199-206.
98. Миралиева, С. Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик / С. Т. Миралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – С. 205-209.
99. Миралиева, С.Т. Шеъри нав ва сафед дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – С. 229-235.
100. Миралиева, С. Т. Фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева. – Гузоришҳои Академияи Миллии Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – С. 233-238.
101. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 84 с.
102. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.
103. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми 1 / Х. Мирзозода ва дигарон. – Душанбе: Дониш, 1984. – 356 с.
104. Мирхоҷа, А. Элитаи ҳақиқии миллат адибонанд / А. Мирхоҷа // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 24 апрел. – № 17 (1728). – С. 3.
105. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.

106. Набавӣ, А. Вақти он аст, эй қалам, буррандатар гардӣ зи теғ / А. Набавӣ // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 2 апрел. – № 14 (1777). – С. 3.
107. Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър) / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 79 с.
108. Нарзиқул, М. Перомуни “шеъри нав”-и тоҷикӣ ва “арӯзи озод” / М. Нарзиқул // Пайванд. – 2016. – № 3(25) . – С. 65-75.
109. Нарзиқул, М. Фурӯғи ҳастӣ / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2002. – 120 с.
110. Нарзиқул, М. Калиди эъҷоз ( “Эъҷози хусравӣ”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва масъалаи равишҳои нависандагӣ) / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2014. – 308 с.
111. Насрулло, К. Ман ту ҳастам, Тоҷикистон / К. Насрулло, – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 84 с.
112. Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб як пора ҷон... (ваалайка бар “Салом”-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 13 июл. – № 28 (1895). – С. 10-11.
113. Насрулло, К. Андар шинохти шеър ва шоир / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 15 октябр. – №43 (2065). – С. 13.
114. Наҷот, Д. Корвон бо роҳи худ равон аст / Д. Наҷот // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 11 феврвл. – №6. – С. 7.
115. Нодирпур, Н. Куҳна ва нав / Н. Нодирпур // Садои Шарқ. – 1968. – №2. – С. 141-143.
116. Нурзода, Н. Ибни Сино ва Шаҳобуддини Сухравардӣ – эҳёгарони ҳикмати миллӣ // Илм ва ҷомеа. – 2018. – №2 (10). – С. 62-69.
117. Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-аҷам. Ҷилди аввал ва дуввум / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 544 с.
118. Одинаев, М. С. Ташаккули андешаҳои фалсафӣ ва инсоншиносии Афзалуддини Кошонӣ / М. С. Одинев.–Душанбе: Андалеб-Ру, 2015. – 63 с.
119. Осимӣ, М. Ҷомӣ ва худшиносии тоҷикон / М. Осимӣ // Адаб. –2014. – №4-5(31-32). – С. 14.
120. Ошёни суханшиносон: Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – С. 76.

121. Померенцев, В. М. Об искренности в литературе / В. М. Померенцев // Новый мир. – 1953. – №12. – С. 218-245.
122. Поспелов, Г. Н. Лирика среди литературных родов / Г. Н. Поспелов. – М.: Издательство Московского Университета, 1976. – 208 с.
123. Раҳмон, Э. Дар давоми даҳсолаи охир қариб сӣ дарсади ҳаҷми пиряххои Тоҷикистон об шудааст // Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Симпозиуми байналмилалии рушди устувор оид ба об ва беҳдошт / Э. Раҳмон // Садои мардум. – 2016. – 11 август. – № 106 (3586). – С. 1- 2.
124. Раҳмон, Э. Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои обу иқлим аҳамияти хосса медиҳад //Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағирёбии иқлим,ш.Копенгаген.–16 декабри соли 2009/Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2009. – 19 декабр. – №152 (21658). – С. 1.
125. Раҳмонов, Ш. Мусаммат / Ш. Раҳмонов // Энтсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: Сарредактсияи илмии энтсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – С. 332.
126. Раҳмонов, Ш. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 170 с.
127. Раҳмонӣ, Р. Шоҳнома дар байни тоҷикон. ( Пажӯҳиш ва матнҳо аз деҳаи Пасурхӣ) / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – 400 с.
128. Р. Раҳмонӣ. Пажӯҳиши ашъори ватандӯстонаи Рӯстам Ваҳҳобзода / Р. Раҳмонӣ // Ба қуллаҳои Дониш. –2018. – 20 декабр. – № 20 (1446). – С. 10.
129. Раҳмон, Ҳ. Кашфи зебоии сухан / Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. –2020. – 2 апрел. – №13-14 (2036-2037). – С. 15.
130. Раҳмон, Ҳ. На ҷон гуфтам, на тан гуфтам.../ Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 1 ноябр. – №44 (1963). – С. 10-11.
131. Раҳмон, Ҳ. Шеъри дарунафрӯз / Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. –2020. 15 октябр. – №42 (2065). – С. 3.

132. Раҷабов, А. Манзум / А. Раҷабов // Энтсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2, – Душанбе: Сарредактсияи илмии энтсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – С. 149-150.
133. Розӣ, Ш. Қ. Ал-Муъҷам / Ш. Қ. Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
134. Рӯдакӣ, А. Ашъор/ А.Рӯдакӣ.-Душанбе: Адиб, 2019. Чопи 2. – 416 с.
135. Салим, М. Паёми Лозур / М. Салим // Адабиёт ва санъат, 2017. – 26 январ. – № 4 (1871). – С. 2.
136. Сарводаи ватан. Мунтахаби ашъори ватанияи Рустам Ваҳҳобзода : бо таҳқиқот, тавзеҳот ва интихоби Ҳафиз Раҳмон. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 88 с.
137. Сатторзода, А. Куҳна ва нав / А.Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 253 с.
138. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 141 с.
139. Сатторов, А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 102 с.
140. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд / А.Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982.– 238 с.
141. Сирус, Б. Арӯзи тоҷикӣ / Б.Сирус. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963. – 287 с.
142. Сӯфизода, Ш. Шинохти маъно дар шеъри ирфонӣ / Ш. Сӯфизода // Адабиёт ва санъат. – 2014. –10 апрел. – №15 (1726). – С. 12.
143. Сино, А. Авҷи зуҳал (Шеърҳо). (Ба чоп тайёркунанда: Ш. Ҳусейнзода, К. Айнӣ, Х. Шарифов). Таҳти назари К. Айнӣ, А. Маниёзов / А. Сино . – Душанбе: Ирфон. 1980. – 54 саҳ. тоҷикӣ, 110 саҳ ба русӣ, 160 саҳ ба форсӣ.
144. Тоиров, У. Қасида / У. Тоиров // Энтсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 3. – Душанбе: Сарредактсияи илмии энтсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. – С. 416-417.
145. Тоиров, У. Шери бедуму сару ишкам кӣ дид? / У. Тоиров, М. Солеҳов // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 11 феврал. – №6 (1821). – С. 6.
146. Тоҳир, Б. Таронаҳо / Б. Тоҳир ; таҳияи Наима Қаҳҳорова, муҳаррир Ҳадиса Қурбонова. – Душанбе: Адиб, 1992. – 80 с.
147. Турсунзода, М. Ман аз Шарқи озод. Маҷмӯаи шеърҳо, достонҳо ва либреттоҳо / М. Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1951. – 363 с.

148. Турсунзода, М. Шеър ва достонҳо / М. Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
149. Ҳазратқулов, М. Тасаввуф / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 125 с.
150. Хатлонӣ, С. Масоили тасвирҳои шоирона дар осори Ҷалолуддини Румӣ ( Рисолаи илмӣ) / С. Хатлонӣ. – Душанбе, 2009. – 329 с.
151. Храпченко, М. Б. Познание литературы и искусство (Теория пути современного развития) / М. Б. Храпченко. – М.: Наука, 1987. – 575 ст.
152. Холшевинков, В. Е. Основи стиховедения / В. Е. Холшевинков. – Санкт Петербург (Ленинградкое) : Издательство: ЛГУ, 1972. – 168 с.
153. Хонларӣ, П . Н. Вазни шеъри форсӣ / П. Н. Хонларӣ. – Теҳрон: 1345, ҳиҷрӣ. – С. 209-210.
154. Ҳакимов, А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 354 с.
155. Ҳакимов, А. Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX) . – Душанбе: Дониш, 2020. – 546 с.
156. Ҳодизода, Р. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 184 с.
157. Ҳотам, М. Ваҳдат ва ҳувияти миллӣ / М. Ҳотам // Ҷумҳурият. – 2018. – 18 апрел. – № 77 (23420). – С. 1.
158. Ҳусайнӣ, А. М. Бадоеъ-ус-саноеъ / А. М. Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.
159. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 262 с.
160. Ҷомӣ, А. Маснавии “ Ҳафт авранг” / Ҷомӣ, А. Б. Аҳмади Ҷомии Хуросонӣ ба тасҳеҳ ва муқаддимаи оқои Муртазо Мударриси Гелонӣ. – Теҳрон 1337.
161. Чернишевский, Н. Г. Полн. сбор. соч. В. 15- ТИМ. Пол. ОБҲ. Ред. В. Я. Кирпотина и др / Чернишевский. Н. Г. – М.: Госполитиздат., 1949. –700 с.
162. Шамисо, С. Анвои адабӣ / А. Шамисо. – Теҳрон, 1997. – 344 с.
163. Шамисо, С. Сабкшиносии шеър / А. Шамисо. – Душанбе, 2013. – 272 саҳ.
164. Шакурӣ, М. Шеъри тоҷик ба кадом сӯ меравад? // М. Шакурӣ // Фаслномаи Рӯдакӣ. – 2008. – № 5. – С. 105-118.

165. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. –276 с.
166. Шарифов, Х. Маснавӣ / Х. Шарифов // Энтсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: Сарредактсияи илмии энтсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – С. 165-166.
167. Шарифов, Х. Шоир ва шеър. Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.
168. Шерозӣ, С. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди 111 / С. Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 368 с.

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


[1-М]. Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 1. – С. 199-206.

[2-М]. Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 2. – С. 205-209.

[3-М]. Миралиева, С.Т. Шеъри нав ва сафед дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020.– № 3. – С. 229-236.

[4-М]. Миралиева, С.Т. Фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – № 1 (009). – С. 233-238.

[5-М]. Миралиева, С.Т. Ҳувият ва худшиносӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – № 4(016). – 203-208.


**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**


[6-М]. Миралиева, С.Т. Манзума дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Маводи Конфереренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди 11. – 2020. – С. 283-284.

[7-М]. Миралива, С.Т. Маҳорати шоирии Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Маорифи Тоҷикистон. – 2021. – № 12 (200). – С. 54-57.